**Мо бояд фарзандонамонро, чи писару чи духтар, хононем, илму дониш, касбу ҳунар ва одобу ахлоқ омӯзонем, забон омӯзонем, аз истифодаи техникаву технологияҳои муосир бархурдор созем, ба зиндагии мустақилона ҳаматарафа омода намоем, онҳоро ҳамчун шахсиятҳои худшиносу худогоҳ, масъулиятшинос ва ватанпарвару заҳматдӯст ба камол расонем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР

**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР

**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:

Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№6**

**№6 (254), 2026**

# М У Н Д А Р И Ҷ А


**РОҲНОМА**

Сулҳ – фарҳанг, масъулият ва эҳтиром ба шаъну шарафи инсон *(Паёми шодбоши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва Рӯзи ваҳдати миллӣ)*.........3

**ДАР ҲОШИЯИ ФАРМОН**

Н. НУРАЛИЗОДА. Ибни Сино – Рамзи худшиносии миллӣ: бозтоби сиёсати давлатӣ ва андешаи адабӣ.........6

**АЗ ГУЗАШТА БИОМӮЗЕМ**

Ш. САФАРОВ, А. ОРИФОВ. Саҳми олимону мутаффакирони тоҷик дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ.........10

**ИДЕОЛОГИЯ**

Д. В. УМЕДҶОН. Терроризм ва экстремизм: моҳияти иртиҷоӣ ва роҳҳои пешгирӣ.........14

**ИСТИҚБОЛИ 115-СОЛАГИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

С. ЭМОМАЛӢ. Пайроҳае ба сӯйи тарҷума.........17

**ҲАМОВОЗӢ**

Қ. РАҲИМОВ. Зиндагӣ бозтоби абадӣ дорад.........22

**БА ИСТИҚДОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

С. САФАРОВА. Соҳибистиқлолӣ – кафили амнияти миллӣ.........29

**РИСОЛАТ**

С ҲАСАНОВ. Нақши омӯзгори муосир дар рушди сармояи инсонӣ.........31

**ИННОВАТСИЯ**

Л. НАЗИРӢ. Технологияҳои рақамӣ: бартарият ва моҳияти он дар таълим.........35

**1 ИЮН – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КӮДАКОН**

Т. ДЕВОНШОЕВА. Кӯдак ва омӯзиш.........38

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

Р. ШЕРЗОДА. Баъзе масъалаҳои ташаккули одатҳои мусбати муоширати хонандагон.........41

**БИСТСОЛА ОМӮЗИШ**

Р. МАХАНОВ. Методи ҳалли баъзе намудҳои системаҳои муодилаҳои ғайристандартӣ.........46

**ФИЗИКА**

Ф. ИБРОҲИМОВА. Таҷрибаҳои шавқовар.........49

**ТАБИАТ ВА МО**

Ҳ. ИКРОМОВ. Имконоти фаровони дарси биология.........53

**ДАР ҲОШИЯИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**

Ш. РАҶАБЗОД. Аламдор (Ҳикоя).........55

**САНАД**

Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030.........59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Н. СУЛАЙМОНШОЕВ. Муаммои «Ваҳдат».........64

# СУЛҲ – ФАРҲАНГ, МАСЪУЛИЯТ ВА ЭҲТИРОМ БА ШАЪНУ ШАРАФИ ИНСОН

***Паёми шодбоши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва Рӯзи ваҳдати миллӣ***

***26.06.2026, шаҳри Душанбе***



**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми сулҳпарвари ҷаҳон рӯзи таърихӣ ва хотирмон мебошад. Дирӯз ташаббуси нави Тоҷикистон таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» бо қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид.

Ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ мардуми сулҳпарвари кишварро самимона табрик мегӯям. Ҳамчунин, ба ҳамаи кишварҳои дӯст, шарикон ва созмонҳои байналмилалӣ, ки пешниҳоди Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карданд ва ба қабули ин қатъномаи муҳимми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мусоидат намуданд, сипоси амиқ иброз менамоям.

Қатъънома зарурати таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирӣ кардани низоъҳо, тақвияти таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши гуфтугӯи тамаддунҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун заминаи зиндагии шоистаи наслҳои оянда таъкид менамояд. Санади мазкур аз ҳамаи давлатҳо даъват менамояд, ки дар роҳи расидан ба сулҳи пойдор ва арҷгузорӣ ба он дар ҳамаи сатҳҳо – аз оила, ҷомеа, кишвар ва минтақа то муносибатҳои байналмилалӣ талош варзанд. Вобаста ба ин, мо бояд дар навбати аввал ба наврасону ҷавонон, ки созандагони ҷаҳони фардо мебошанд, омӯзонем, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест.

Сулҳ фарҳанг аст.

Сулҳ масъулият аст.

Сулҳ эҳтиром ба шаъну шарафи инсон аст.

Сулҳ таъмин намудани адолат ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи инсоният аст.

Аз ин лиҳоз, сарнавишти наслҳои оянда ба тасмимҳое, ки мо имрӯз мегирем, вобаста мебошад. Мо вазифадорем аз худ ҷаҳоне ба мерос гузорем, ки дар он наслҳоиояндаи инсоният дар фазои сулҳу оромӣ имкони ҳамзистӣ, рушд ва ҳамкориро дошта бошанд. Дар робита ба ин, мо чунин мешуморем, ки ҳалли ҳама гуна мушкилоти ҷаҳонӣ танҳо аз роҳи муколама ва ҳамкории созанда имконпазир аст.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Барои Тоҷикистон мавзуи сулҳ танҳо як масъалаи рӯзномаи байналмилалӣ нест. Мардуми тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ ҳамчун меросдорони тамаддуни ориёӣ арзишҳои ҳамзистии осоишта, таҳаммулгароӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳифз кардаанд ва гиромӣ доштаанд.

Бояд гуфт, ки кишвари мо дар солҳои аввали истиқлол бо доштани чунин арзишҳои бузурги меросӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Ин ҷанг ба иқтисодиёту иҷтимоиёт ва рушди умумии давлатамон зарбаи даҳшатнок ворид кард. Вале мо ба шарофати хиради миллӣ ва фарҳанги сулҳпарваронаи мардумамон тавонистем аз вартаи ҷанг раҳо ёфта, раванди давлатсозии муосирро оғоз намоем.

Дар натиҷаи саъю талошҳои зиёд сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар диёри мо барқарор гардид ва ба пояи асосии рушди минбаъдаи кишвар табдил ёфт. Яъне сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсие, ки имрӯз дар кишвари мо ҳукмфармост, ба осонӣ ба даст наомадааст.

Пешрафт дар ҳама соҳаҳои иқтисоди миллӣ, илму маориф, тандурустиву фарҳанг ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ, инчунин, нақши фаъол дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, рӯзномаи байналмилалии об ва ҳифзи пиряххо дастовардҳое мебошанд, ки ба мо аз баракати сулҳу субот муяссар гардиданд.

Қобили зикр аст, ки сарчашмаи пешравӣ ва ташаббусҳои мо арзишҳо ва анъанаҳои деринаи ҳамзистии осоишта мебошанд, ки дар ҷомеаи тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ташаккул ёфтаанд. Сарзамине, ки дар марзи фарҳангҳо, забонҳо ва анъанаҳои гуногун қарор дошт, дар тӯли замон ба чорроҳаи ҳамзистиву ҳамкорӣ, таҳаммулгароӣ ва арҷгузорӣ ба забону фарҳанг ва урфу одатҳои ҳамдигар табдил ёфт.

Маҳз ҳамин мероси ғании фарҳангӣ, ки дар домани тамаддуни ориёӣ ташаккул ёфтааст, имрӯз барои пешбурди ташаббусҳои сулҳофарини Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам овардааст. Дар ин замина, бо ибтикори Тоҷикистон ва дастгирии кишварҳои ҳамфикр соли гузашта дар Конфронси генералии ЮНЕСКО қатъномаи «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ» қабул гардид, ки аз решаҳои амиқи таърихии арзишҳои сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар тамаддуни бостонии аҷдоди мо гувоҳӣ медиҳад.

Мусаллам аст, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангӣ ва дигар мардумони форсизабон дар рушди илму маърифат ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Заминагузорони ин ганҷинаи ниҳоят арзишманд олимону файласуфон, шоирону нависандагон ва мутафаккироне буданд, ки мероси нодиру камназири онҳо аз василаҳои пешбарандаи илму фарҳанги инсоният маҳсуб меёбад.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Дар ин лаҳзаҳои хотирмон мову шумо, ҳамчунин, дар арафаи боз як ҷашни дигар – Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои миллати тоҷик дар даврони истиқлоли давлатӣ мебошад, қарор дорем.

Кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин ҷашн низ самимона табрик мегӯям.

Имсол Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки рамзи пирӯзии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва кафолати рушди бесобиқаи кишварамон мебошад, дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузург ва муқаддаси 35-солагии истиқлоли давлатӣ баргузор мегардад. Рӯзи ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории тоҷикон санаи воқеан сарнавиштсози баҳамоиву сарҷамъии миллати тоҷик ва расидан ба сулҳу суботи пойдор мебошад.

Мо – мардуми Тоҷикистон арзиши бебаҳои неъмати сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро замоне дарк кардем, ки мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидем. Бинобар ин, мардуми мо даҳшату фоҷеаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузаштаро ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки хишти аввали бинои сулҳу ваҳдати миллии мо ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-уми таърихиву тақдирсози Шурои Олии кишвар гузошта шуда буд. Маҳз ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишварамон заминаи боэътимоди ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистони тозаистиқлол гузошта шуд.

Ваҳдати миллӣ, ки ғояи асосии давлати навбунёди моро ташкил медиҳад, шарти асосии оромиву осоиши мардуми шарифи кишвар, муҳимтарин омили рушди ҷомеа ва амалӣ гардидани тамоми нақшаву тадбирҳои созандаи мо мебошад.

Имрӯз мо ба хотири бунёди ҷомеаи сифатан наве талош дорем, ки ба талаботи замонаи пешрафту дигаргуниҳо ҷавобгӯ бошад ва имкон диҳад, ки мардуми тоҷик ва давлати тоҷикон баробари ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон қадам гузоранд ва пеш раванд.

Мо бояд ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва махсусан наврасону ҷавонон, омӯзиши техникаву технологияҳои муосир, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, омода кардани кадрҳои сатҳи баланди касбӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ диҳем. Дар ин раванд, як нуктаи муҳимро ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати аҳли ҷомеа муҳимтарин роҳи пешгирӣ кардани ҷаҳолату хурофот, таҳкими амнияту субот ва таъмин намудани пешрафту тараққиёти давлат мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳои нек ба мо, пеш аз ҳама ва муҳимтар аз ҳама, сулҳу амният, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ зарур аст.

Дар робита ба ин, таъкид мекунам, ки хусусан дар шароити пурихтилофу зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамбастагии миллӣ аҳаммияти фавқулода муҳим дорад. Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» моро водор месозад, ки ба оянда бо масъулияти бештар назар кунем.

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки арзишҳои сулҳ, таҳаммулгароӣ, фарҳанги муколама ва эҳтиром ба гуногунрангиро ба наслҳои ҷавон мерос гузорем. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем ҷомеае бунёд намоем, ки дар он сулҳу суботи комил, амният ва некуаҳволии инсон барои солҳои зиёд таъмин гардад.

Мо ният дорем, ки соли оянда дар арафаи 30-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ ба мақсади оғоз бахшидан ба «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои шарик дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баландро баргузор намоем.

Бо итминони комил иброз медорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон минбаъд низ ба қадру манзалати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо, ки амалӣ гардидани нияту орзуҳои неки ҳар як фарди ҷомеа аз он вобаста мебошад, боз ҳам бештар талош мекунанд.

Бо умеди ояндаи ободу осудаи Тоҷикистони азиз ҳамаи шумо – ҳамдиёрони гиромӣ ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бори дигар ба ифтихори қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва ҷашни фархундаи Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу саодат ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

Бигзор, ин қатънома ҳамчун санади муҳимми байналмилалӣ ба таҳкими дӯстиву ҳамкории байни халқҳо, густариши фарҳанги сулҳ ва бунёди ҷаҳони амну осуда барои наслҳои имрӯзу оянда мусоидат намояд!

Бигзор, сулҳу оромӣ дар ҷаҳон ҳамеша пойдор бошад ва ояндаи башарият бар пояи адолат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ устувор гардад!

**Истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббуси сулҳҷӯёнаи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва Рӯзи ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ИБНИ СИНО – РАМЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ: БОЗТОБИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ВА АНДЕШАИ АДАБӢ



**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА –**
**номзади илмҳои филологӣ**

## БОЗТОБИ СИЁСӢ

**Дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба мероси таърихиву фарҳангӣ ва гиромидошти шахсиятҳои барҷастаи илмӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мақоми муҳим касб намудааст. Дар ин замина, қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23 майи соли 2026 «Дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб» иқдоми дигари муҳимми давлатӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад.**

Қабули ин санад на танҳо ифодаи эҳтироми амиқ ба мероси безаволи Абуалӣ ибни Сино ҳамчун яке аз бузургтарин мутафаккирон ва табибони таърихи башарият мебошад, балки барои ҳавасмандгардонии таҳқиқоти илмӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиб, ҷалби олимону муҳаққиқони варзида ва таҳкими ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ворити мероси тамаддунии ин нобиғаи ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Воқеан, Абуалӣ ибни Сино аз зумраи шахсиятҳои нодири тамаддуни тоҷикону форсизабонон маҳсуб ёфта, на танҳо дар рушди илми тиб, балки дар ташаккули фалсафа, мантиқ, табиатшиносӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург ва мондагор гузоштааст. Осори гаронбаҳои ӯ дар тӯли қарнҳо ҳамчун сарчашмаи дониш ва маърифат хидмат намуда, дар пешрафти илм ва фарҳанги башарӣ нақши муассир бозидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи мақом ва аҳаммияти мероси илмии Абуалӣ ибни Сино чунин таъкид намудаанд: «Бисёр олимону файласуфони аврупоӣ ва ҳакимону донишмандони Шарқ Ибни Синоро устоди хеш дониста, ба асарҳои тиббию фалсафиаш шарҳҳо навиштаанд, ки ин аз нуфуз ва эътибори ҷаҳонии ин шахси бузург гувоҳӣ медиҳад. Зиндагӣ ва осори Ибни Сино мактаби ҷасорат, тантанаи илму хирад, инсондӯстӣ ва худафрӯзӣ барои бахту саодати инсоният аст. Мо дар назди руҳи ин бузургвор имрӯз сари таъзим фуруд оварда, хотираи некашро бо таълиму таҳқиқоти тоза ва инкишофи афкори ӯ дар соҳаҳои мухталифи илм зинда нигоҳ медорем» [2, с. 251].



Ин андешаҳои Пешвои миллат бо муҳтавои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб» иртиботи мустақими маънавӣ, илмӣ ва таърихӣ доранд. Мазмуни асосии онҳо дар он ифода меёбад, ки мероси илмии Ибни Сино танҳо ба як миллат ё минтақа маҳдуд набуда, ҷузъи ҷудонашавандаи ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад ва имрӯз низ аҳаммияти илмӣ ва амалии худро нигоҳ доштааст.

Таъкиди Пешвои миллат дар бораи он ки олимон, файласуфон ва табибони Шарқу Ғарб Ибни Синоро устоди худ донистаанд, пеш аз ҳама, ба мақоми байналмилалии ин мутафаккири бузург ишора мекунад. Дар ҳақиқат, осори гаронбаҳои ӯ, бахусус, «Ал-Қонун фи-т-тиб» дар тӯли чандин аср ҳамчун дастури асосии таълимӣ дар донишгоҳҳои маъруфи Аврупо ва Шарқ истифода гардида, дар рушди назария ва амалияи тиб нақши муассир гузоштааст. Ин нуфузи ҷаҳонӣ собит месозад, ки Ибни Сино аз доираи шахсияти

миллӣ фаротар рафта, ба яке аз чеҳраҳои барҷастаи таърихи илм ва фарҳанги башарӣ табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, таъкиди Пешвои миллат дар хусуси он ки «зиндагӣ ва осори Ибни Сино мактаби ҷасорат, тантанаи илму хирад, инсондӯстӣ ва худафрӯзӣ барои бахту саодати инсоният аст», моҳияти аслии фаъолияти ин донишманди бузургро инъикос менамояд. Тамоми ҳаёти ӯ ба ҷустуҷӯи ҳақиқат, омӯзиши илм, рушди дониш ва хидмат ба инсоният бахшида шуда буд. Арзишҳое чун донишпарварӣ, инсонгароӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва садоқат ба илм, ки дар осори Ибни Сино таҷассум ёфтаанд, имрӯз низ ҳамчун пояҳои асосии рушди илми муосир ва бахусус, соҳаи тиб аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд.

Андешаи дигари муҳимми Пешвои миллат, «мо дар назди руҳи ин бузургвор имрӯз сари таъзим фуруд оварда, хотираи некашро бо таълиму таҳқиқоти тоза ва инкишофи афкори ӯ дар соҳаҳои мухталифи илм зинда нигоҳ медорем» нишон медиҳад, ки арҷгузорӣ ба мероси Ибни Сино набояд танҳо бо баргузории чорабиниҳои ҷашнӣ ва ёдбудӣ маҳдуд гардад. Бузургдошти воқеии ин нобиға дар идомаи анъанаҳои илмии ӯ, густариши таҳқиқоти нав, дастгирии олимону муҳаққиқон ва татбиқи дастовардҳои илмӣ дар амал ифода меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб таҷассуми амалии ҳамин сиёсати давлатдорӣ мебошад. Ин ҷоиза на танҳо барои қадршиносии хидматҳои олимону муҳаққиқони соҳаи тиб замина фароҳам меорад, балки ба рушди илмҳои тиб, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва муаррифии ҳарчи бештари мероси илмии Ибни Сино дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Абуалӣ ибни Сино на танҳо тавсифи ҷойгоҳи таърихии ин мутафаккири бузург, балки шарҳи амиқи моҳияти сиёсиву фарҳангии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб» низ мебошанд. Фармони мазкур ҳамчун таҷассуми сиёсати давлатӣ дар самти арҷгузорӣ ба мероси илмии ниёкон, рушди илми муосир ва таҳкими мақоми байналмилалии Тоҷикистон аҳаммияти бузург дошта, бозгӯи он аст, ки давлат мероси илмии Ибни Синоро ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳувияти миллӣ ва сарвати арзишманди тамаддуни ҷаҳонӣ арзёбӣ менамояд.

**БОЗТОБИ АДАБӢ**

Дар нимаи дуюми асри XX, махсусан, дар солҳои 70-80-уми аср, таваҷҷуҳи адибону шоирони тоҷик ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, эҳёи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва бозшиносии мероси шахсиятҳои бузурги миллат густариши бесобиқа пайдо кард. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба зарурати таҳкими ҳувияти миллӣ ва эҳсоси пайванди таърихии наслҳо иртибот дошт. Дар чунин шароит симои донишманди бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино ҳамчун яке аз рамзҳои асосии нубуғи илмӣ ва фарҳангии миллат дар осори намояндагони адабиёти муосири тоҷик мақоми хос пайдо намуд. Тавассути бозофаринии симои ин мутафаккири бузург адибон на танҳо аз гузашта ёд мекарданд, балки ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои маънавиро таблиғ менамуданд. Аз ҷумла, Муъмин Қаноат дар достони «Гаҳвораи Сино» [1], Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе...» [5] ва Бозор Собир дар шеъри «Теғи Сино» [4] ба шахсият, осор ва ҷойгоҳи таърихии Ибни Сино муроҷиат намуда, ӯро ҳамчун таҷассуми ақлу заковат, фарҳангсолорӣ, донишпарварӣ ва иқтидори зеҳнии миллати тоҷик ба тасвир кашидаанд.

Дар ашъори шоирони мазкур симои Ибни Сино аз доираи як шахсияти таърихӣ фаротар рафта, ба рамзи худшиносии миллӣ, истиқлоли фикрӣ ва қудрати маънавии миллат табдил меёбад. Ӯ ҳамчун шахсияте муаррифӣ мешавад, ки тавассути мероси илмӣ ва фарҳангии худ на танҳо дар таърихи тоҷикон, балки дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузоштааст. Дар ин осор Ибни Сино ҳамзамон, нақши пули маънавиро иҷро намуда, пайванди наслҳоро бо таърихи пурифтихори миллӣ таҳким мебахшад. Аз ин рӯ, симои ӯ ба унвони нишонаи ҳувияти миллӣ, ифтихори таърихӣ ва далели саҳми тоҷикон дар ташаккул ва рушди тамаддуни башарӣ ҷилвагар мегардад.

Дар миёни ин осор шеъри «Теғи Сино»-и Бозор Собир низ мавқеи махсус дорад. Шоир бо истифода аз рамзу ишораҳои таърихӣ, тасвирҳои муассири бадеӣ ва андешаҳои амиқи фалсафӣ шахсияти Ибни Синоро ҳамчун неруи таконбахши шуури миллӣ ва ҳомии арзишҳои фарҳангии миллат ба қалам медиҳад. Аз ин рӯ, таҳлили ин шеър барои дарки амиқтари масъалаҳои худшиносии миллӣ ва таҷассуми симои Ибни Сино дар адабиёти муосири тоҷик аҳаммияти махсус дорад.

Адабиётшинос Ҷамолиддин Саидзода сабаби таваҷҷуҳи Бозор Собирро ба чеҳраҳои барҷастаи таърихиву фарҳангӣ чунин шарҳ медиҳад: «Устод Бозор дар осораш, пеш аз ҳама, аз адибону олимон ва ашхоси миллӣ ном мебарад, аз онҳо тамҷид мекунад, ба суханонашон арҷ

мегузорад ва ба некӣ ёд менамояд. Адибону олимоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Хоқонӣ, Саъдӣ, Аҳмади Дониш, Нодирпур, Фаррухи Яздӣ, Сиёвуши Касроӣ, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, ки дар тамаддун ва фарҳанги миллии мо нақши носутурдание гузоштаанд ва шоир аз онҳо на танҳо дарси маҳорати эҷодӣ, балки дарси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва хидмат ба миллатро омӯхтааст» [3, с. 96].

Шеъри «Теғи Сино» аз лиҳози мухтаво дорои ғояҳои амиқи миллӣ, таърихӣ ва инсонгароёна мебошад. Дар маркази таваҷҷуҳи шоир масъалаи сарнавишти таърихии миллати тоҷик қарор гирифтааст. Бозор Собир бо эҳсоси дард ва масъулияти таърихӣ аз он ёд мекунад, ки тоҷикон дар тӯли асрҳо гирифтори истилову парокандагии сиёсӣ ва маҳрумиятҳои гуногун будаанд, вале маҳз илму фарҳанг тавонистааст ҳастии маънавии онҳоро ҳифз намояд.

Дар муқаддимаи шеър шоир мақоми нотакрори Ибни Синоро таъкид менамояд:

*Ину оне ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,*
*То ба боми шуҳрати олам гузорад нардбон.*
*Лек Сино он қадар ин бомро бардоштааст,*
*Ину он кай метавонад нардбон монад бар он?* [4, с. 116] .

Дар ин байтҳо шоир ба масъалаи мансубияти фарҳангии Ибни Сино ишора намуда, таъкид мекунад, ки бисёр миллатҳо кӯшиш доранд, ӯро ба худ нисбат диҳанд. Аммо мақоми илмӣ ва ҷаҳонии Сино он қадар баланд аст, ки ҳеҷ кас наметавонад худро ҳамсанги ӯ қарор диҳад. Дар ин ҷо «боми шуҳрат» рамзи мақоми баланди илмӣ ва фарҳангии Ибни Сино мебошад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми шеър истифодаи густардаи образҳо ва ишораҳои таърихӣ аст. Шоир аз шахсиятҳо ва воқеаҳои таърихӣ ҳамчун воситаи бозтоб ва таҳлили сарнавишти миллат истифода мекунад. Ишора ба Искандари Мақдунӣ, Қутайба ибни Муслим, Маҳмуди Ғазнавӣ ва дигар чеҳраҳои таърихӣ баёнгари он аст, ки миллати тоҷик дар тӯли таърих борҳо мавриди ҳамла ва истилои ғосибон қарор гирифтааст.

Махсусан, байтҳои зерин дар ин замина аҳаммияти махсус доранд:

*Дӯш мебоист тоҷик Бӯалӣ орад ба даст,*
*Чун набудаш ғайри дарди бедаво нақди дигар.*
*Гарчи ҳарфи дафтару девони ӯ машҳур буд,*
*Дар сари девону дафтар Рӯдакияш кӯр буд* [4, 117].

Дар ин ҷо шоир бо дарду алами зиёд ба сарнавишти устод Рӯдакӣ ишора мекунад. Ба андешаи ӯ, ҷомеае, ки бузургони худро ҳифз карда наметавонад ва қадри мероси фарҳангии худро намедонад, ба буҳрони маънавӣ рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, муроҷиат ба симои Ибни Сино ва Рӯдакӣ дар шеър танҳо ёдоварии таърих нест, балки даъват ба худогоҳӣ ва эҳёи хотираи миллӣ мебошад.

Аз нигоҳи ҳунари шоирӣ низ «Теғи Сино» аз беҳтарин намунаҳои шеъри муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Бозор Собир аз рамз, муқоиса, такрор, ташбеҳ ва образҳои фалсафӣ моҳирона истифода кардааст. Аз ҷумла, такрори калимаи «монд, монд» дар байтҳои:

*Рум агар аз қарни Искандар фаромӯш кард зуд,*
*Дар Хуросону Бадахшон зарби кораш монд, монд.*
*Гар Қутайба аз Бухоро бозпас баргашту рафт,*
*Дар Бухоро решҳои зулфиқораш монд, монд* [4, 116].

бар идомаи таъсири воқеаҳои таърихӣ ба сарнавишти миллат таъкид мекунад. Такрор дар ин ҷо на танҳо вазифаи зарбу ритму оҳанги шеърро иҷро мекунад, балки фоҷиаи таърихиро низ ифода менамояд.

Ҳамчунин, образи «мурғи самандар» яке аз рамзҳои марказии шеър мебошад:

*Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,*
*Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.*
*Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,*
*Сӯхта носӯхтан эҷоди аҷдоди ман аст* [4, 116].

Ин образ рамзи миллати тоҷик аст, ки бо вуҷуди ранҷу истилои аҷнабиён ва маҳрумиятҳои таърихӣ тавонистааст ҳастии фарҳангӣ ва маънавии худро нигоҳ дорад. Аз ин ҷиҳат, мурғи самандар ба рамзи бақо, эҳё ва неруи зиндагисози миллат мубаддал мегардад.

Мафҳуми «теғ» низ дар шеър маънои амиқи рамзӣ дорад. Дар фарҳанги анъанавӣ теғ воситаи ҷанг ва нобудӣ маҳсуб мешавад, аммо шоир ин мафҳумро аз нав, бо диди хоси шоирона маънидод мекунад. «Теғи Сино» рамзи илму хирад, маърифат ва неруи созандаи фарҳанг аст. Ин теғ барои куштор не, балки барои наҷоти инсон ва мубориза бо ҷаҳолат хидмат мекунад.

Ин ғоя, махсусан, дар байтҳои ҷамъбастии шеър равшан таҷассум ёфтааст:

*Соате салчуқ ба сӯи Кофиён меронд асп,*
*Дар миёнаш тиру теғи ҷонситон меронд асп.*

*Халқи тоҷик теғи ҷонбахшои Синоро гирифт,*
*Теғи ҷонбахшои Сино рӯи дунёро гирифт* [4, с. 117].

Дар ин ҷо шоир ду навъи қудратро ба ҳам муқобил мегузорад: қудрати шамшер ва қудрати дониш. Салҷуқиён рамзи истило, зӯрӣ ва харобкорӣ мебошанд, дар ҳоле ки «теғи Сино» рамзи илм, маърифат ва офариниш аст. Агар истилогарон сарзаминҳоро бо зӯри шамшер фатҳ мекарданд, Ибни Сино бо донишу хиради худ ҷаҳонро тасхир намудааст. Дар ин муқоисаи фалсафӣ шоир бартарии илму фарҳангро бар неруи харобиовари ҷанг нишон медиҳад.

Шеъри «Теғи Сино»-и Бозор Собир аз ҷумлаи беҳтарин намунаҳои шеъри миллӣ ва фалсафии адабиёти муосири тоҷик ба шумор меравад. Дар он масъалаҳои муҳимми таърих, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, мақоми илму маърифат ва сарнавишти миллат бо маҳорати баланди ҳунарӣ инъикос ёфтаанд. Шоир симои Абуалӣ ибни Синоро ҳамчун рамзи хирад, фарҳанг, дониш ва бақои миллат тасвир намуда, ғояи асосиро баён менамояд: бақо ва пешрафти миллат на дар неруи шамшер, балки дар қудрати дониш, маърифат ва фарҳанг аст. Аз ин ҷиҳат, «Теғи Сино» на танҳо як шеъри ватандӯстона, балки асари амиқи фалсафӣ, фарҳангӣ ва миллӣ мебошад, ки аҳаммияти ғоявии худро то имрӯз нигоҳ доштааст.

**ХУЛОСА**

Тавре мушоҳида мешавад, ҳам дар сиёсати давлатӣ ва ҳам дар адабиёти муосири тоҷик симои Абуалӣ ибни Сино ҳамчун омили муҳимми муттаҳидсозандаи шуури миллӣ ва василаи пайванди таърихии гузашта бо имрӯз зуҳур менамояд. Агар давлат тавассути ташаббусҳои фарҳангӣ ва илмӣ ба гиромидошти номи ин мутафаккири бузург ва истифодаи мероси гаронбаҳои ӯ дар рушди ҷомеа мусоидат намояд, адибон ва шоирон бо неруи сухани бадеӣ арзишҳои таҷассумёфтаро дар симои ӯ ба шуури ҷамъиятӣ ворид сохта, дар ташаккули эҳсоси ифтихори миллӣ ва худогоҳии таърихӣ саҳми муассир мегузоранд. Намунаи равшану олии чунин сиёсати фарҳангиву илмӣ таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб мебошад, ки бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омада, ҳамчун иқдоми муҳим дар роҳи арҷгузорӣ ба мероси илмии ин нобиғаи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад. Дар натиҷа, шахсияти Ибни Сино ба яке аз муҳимтарин рамзҳои ҳувияти миллӣ, худшиносии фарҳангӣ ва муаррифи тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ табдил меёбад.

Мероси илмӣ ва фарҳангии Абуалӣ ибни Сино имрӯз низ аҳаммияти бузурги миллӣ ва ҷаҳонӣ дошта, дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳимми таҳкими худшиносии миллӣ, рушди илму маърифат, тарбияи наслҳои донишманд ва муаррифии саҳми тоҷикон дар тамаддуни башарӣ хидмат намояд. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳқиқ, таблиғ ва шинохту маърифати ҳамаҷонибаи осори ин донишманди бузург бояд аз вазифаҳои муҳимми муҳаққиқон, омӯзгорон ва муассисаҳои илмӣ ба ҳисоб равад. Дар ин самт сиёсати илмӣ ва фарҳангпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳқиқи амиқи мероси Ибни Сино ва муаррифии он дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Ҳамзамон, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб имконоти нави илмиро ва касбиро барои муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи тиб фароҳам месозад. Аз ин рӯ, олимон ва пажуҳишгарони соҳа вазифадоранд аз ин имконот самаранок истифода намуда, ҷиҳати анҷоми таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ, ҷалби муҳаққиқони варзидаи ҷаҳон ва таҳкими ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вориси мероси илмӣ ва тамаддунии Абуалӣ ибни Сино саҳми арзанда гузоранд. Маҳз тавассути чунин фаъолияти созанда метавон мероси ин нобиғаи башариро ба манфиати рушди илми муосир ва пешрафти ҷомеа истифода намуд ва номи Тоҷикистон ва фарҳанги тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам бештар муаррифӣ кард.

**Адабиёт**


1. Қаноат, Муъмин. Гавҳораи Сино // Ахтарони адаб. – Душанбе: Адиб, 2020. – С. 59-99.
2. Раҳмон, Эмомалӣ. Мутфаккири абадзинда // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф. – 434 с.
3. Саидзода, Ҷамолиддин. Бозор Собир – шоири танҳои миллат. – Душанбе: Адиб, 2024. – 382 с. – С. 96
4. Собир, Бозор. Теғи Сино // Бо чамидан, бо чашидан. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 116-117.
5. Шералӣ, Лоиқ. Араб гӯянд Синоро гурӯҳе… // Ахтарони адаб. – Душанбе: Адиб, 2020. – С. 341-341.

# САҲМИ ОЛИМОНУ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА ДАҚИҚ

**Шодӣ САФАРОВ – президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор,**
**Абдулло ОРИФОВ – мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, дотсент**

**Илм дар таърихи халқи тоҷик ҳамеша мақоми баланд доштааст. Аз замонҳои хеле қадим тоҷикон ба дониш, китоб, омӯзиш, мушоҳидаи табиат ва фаҳмидани қонунҳои олам таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекарданд. Ин таваҷҷуҳ танҳо ба адабиёт ё фалсафа маҳдуд набуд. Баръакс, дар миёни мутафаккирони тоҷик шахсиятҳое буданд, ки дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ саҳми арзанда гузоштанд. Онҳо дар тиб, риёзиёт, нуҷум, ҷуғрофия, кимиё, минералогия ва дигар соҳаҳои илм корҳои муҳиме анҷом додаанд.**

Вақте ки мо дар бораи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ сухан мегӯем, пеш аз ҳама, илмҳоеро дар назар дорем, ки ба омӯзиши табиат, инсон, моддаҳо, ҳаракати ҷисмҳо, ҳисобу андоза ва қонунҳои ҳастӣ вобастаанд. Ин илмҳо барои пешрафти ҷомеа заруранд. Бе тиб саломатии инсон ҳифз намешавад, бе риёзиёт сохтмон, ҳисоб, муҳандисӣ ва нуҷум рушд намекунад, бе ҷуғрофия инсон муҳити зист ва ҷаҳонро дуруст намешиносад. Пас, оё пешрафти ҷомеа бе чунин донишҳо мумкин аст? Албатта, не. Маҳз ҳамин зарурат сабаб шуд, ки мутафаккирони тоҷик ба омӯзиши илмҳои табиӣ ва дақиқ бо ҷиддият муносибат намоянд.

Яке аз бузургтарин чеҳраҳои илмии тоҷик Абуалӣ ибни Сино мебошад. Номи ӯ дар таърихи илми ҷаҳон бо эҳтироми махсус ёд мешавад. Ибни Сино на танҳо табиб, балки файласуф, табиатшинос ва донишманди ҳаматарафа буд. Асари машҳури ӯ «Ал-қонун фи-т-тиб» дар тӯли асрҳои зиёд ҳамчун яке аз китобҳои асосии тиббӣ дар кишварҳои гуногун истифода мешуд. Дар ин асар масъалаҳои вобаста ба бемориҳо, сабабҳои пайдоиши онҳо, роҳҳои табобат, хусусияти доруҳо ва таъсири онҳо ба ҷисми инсон шарҳу тавзеҳ шудаанд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ибни Сино дар бисёр маврид ба мушоҳида ва таҷрибаи амалӣ такя мекард. Дар он давра ин хеле муҳим буд.



Ибни Сино (980-1037) дар асари дигараш «Китоби шифо» ва «Донишномаи Алоӣ» оид ба ҷисмҳои солим, минералҳо, обу ҳаво, рустаниҳо ва ҷонварҳо маълумот додааст. Ӯ минералҳоро ба таври систематикӣ тавсиф намуда, назарияҳои физикии садо, нури рӯшноӣ ва ҳаракатро баён кардааст. Ибни Сино идеяҳои эмпирикӣ (таҷрибавӣ) ва қиёсиро дар илми табиатшиносӣ тарғиб намуда, ба ин васила, ба рушди усулҳои илмии мушоҳида ва таҳлил мусоидат кардааст.

Ибни Сино дар тиб танҳо ба табобати бемориҳо аҳаммият надода, масъалаи нигоҳ доштани саломатӣ, тарзи дурусти зиндагӣ, таъсири ғизо, обу ҳаво, ҳаракат ва ҳолати руҳии инсонро низ муҳим арзёбӣ мекард. Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки ӯ ба инсон ҳамчун як мавҷуди мураккаб назар мекард. Яъне, инсон танҳо ҷисм нест, балки руҳ, ақл ва муҳити зиндагӣ низ ба саломатии ӯ таъсир мерасонанд. Ба як нигоҳ, ин фикр одӣ менамояд, вале дар замони ӯ бисёр пешқадам буд.

Саҳми Ибни Сино танҳо бо тиб маҳдуд намешавад. Ӯ дар соҳаҳои мантиқ, фалсафа, табиатшиносӣ ва ҳатто мусиқӣ низ андешаҳои муҳим баён кардааст. Дар осори ӯ масъалаҳои модда, ҳаракат, рӯшноӣ, табиат, инсон ва маърифат низ баррасӣ шудаанд. Муҳим он аст, ки Ибни Сино илмро воситаи фаҳмидану дарки олам медонист. Барои ӯ дониш танҳо аз ёд кардани

маълумот набуд. Дониш бояд ақли инсонро бедор кунад, ба ҷомеа фоида расонад ва роҳи дуруст фикр карданро омӯзонад. Ин андеша имрӯз ҳам арзиши худро гум накардааст.

Дар қатори Ибни Сино номи Абурайҳони Берунӣ низ дар рушду такомули илм ҷойгоҳи махсус дорад. Берунӣ аз мутафаккироне мебошад, ки дар илмҳои нуҷум, риёзиёт, ҷуғрофия, минералогия ва таърихи халқҳо корҳои арзишманд анҷом додааст. Ӯ кӯшиш мекард, ки ҳар масъаларо бо мушоҳида, ҳисоб, муқоиса ва далел омӯзад. Барои илм ин омилҳо бисёр муҳиманд, зеро илм танҳо бо тахмин пеш намеравад. Илм далел, санҷиш ва хулосаи асосноку муътамадро тақозо мекунад.



Абурайҳони Берунӣ (973-1048) дар рушди илмҳои астрономия, география, минералогия, физика ва математика саҳми бузург гузоштааст. Ӯ усулҳои тригонометрияи сферикиро барои муайян кардани координатҳои географӣ ва андозаи Замин истифода бурд, ки ба илми география асоси нав гузошт. Берунӣ дар «Китобул-ҷамҳир» тавсифи 100 минерал ва металлро дода, хосиятҳои физикию химиявии онҳо, шакли кристаллҳо ва усулҳои ташхисро дақиқ кардааст. Ӯ назарияҳои пайдоиши кӯҳҳо ва объектҳои географиро (одӣ, дара) пешниҳод карда, дар физика дар бораи қонуни табиии ҳаракати ҷисмҳо таҳқиқот анҷом додааст.

Берунӣ дар бораи шакл ва андозаи Замин, ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ, хусусиятҳои маъданҳо ва ҷойгиршавии кишварҳо маълумоти саҳеҳ додааст. Ӯ ба омӯзиши табиат бо чашми таҳқиқ менигарист, яъне ҳар чизро танҳо қабул намекард, балки месанҷид, муқоиса мекард ва баъд фикрашро баён менамуд. Ин усули кор ба руҳи илмӣ хеле наздик аст. Чӣ ҷолиб аст? Он ки Берунӣ на танҳо ба дониши як халқ такя мекард, балки маълумоти халқҳои гуногунро низ меомӯхт. Барои ӯ илм марз надошт.



Муҳаммад Хоразмӣ низ дар инкишофи илмҳои дақиқ корҳои назаррас анҷом додааст. Номи ӯ, махсусан, бо риёзиёт ва алгебра пайванди амиқ дорад. Асарҳои Хоразмӣ дар ташаккули илми ҳисоб, ҳалли муодилаҳо ва тартиби амалҳои математикӣ мавқеи муҳим доранд. Мафҳуми «алгоритм» бо номи Хоразмӣ алоқаманд буда, ин худ далели он аст, ки таъсири фаъолияти илмии ӯ аз ҳудуди як минтақа берун рафта, ба илми ҷаҳонӣ роҳ ёфтааст.

Риёзиёт дар назари баъзеҳо фанни душвор ва хушк менамояд. Рақам, формула, ҳисоб, гӯё ҳамин. Вале дар асл риёзиёт асоси бисёр илмҳои дигар аст. Бе риёзиёт нуҷум дақиқ шуда наметавонад, бе ҳисоб муҳандисӣ пеш намеравад, бе андоза сохтмон ва ҷуғрофия комил намешаванд. Хоразмӣ зимни таҳқиқот ба одамон тарзи дуруст ҳисоб кардан, масъала ҳал намудан ва аз рӯи мантиқ фикр карданро ёд додааст.



Дар таърихи илми форсу тоҷик Умари Хайём низ мақоми намоён дорад. Бисёриҳо ӯро бештар ҳамчун шоир мешиносанд, аммо Хайём дар соҳаҳои риёзиёт ва нуҷум низ донишманди тавоно буд. Ӯ ба омӯзиши муодилаҳои алгебравӣ, масъалаҳои геометрӣ ва тартиб додани тақвим машғул шуда, тақвимеро пешниҳод кардааст, ки аз ҷиҳати дақиқӣ дар замони худ хеле пешрафта буда, ба номи «Тақвими Ҷалолӣ», маъруф аст. Ин далели он аст ки Хайём танҳо суханвари зебо набуда, ақли расо, назари илмӣ ва қобилияти баланди таҳлилӣ дошт.

Дар гузашта ва имрӯз низ нуҷум яке аз илмҳои муҳимми табиатшиносӣ ба шумор меравад. Нуҷум танҳо тамошои ситораҳо набуда, он дар муайян кардани вакт, фаслҳо, самти сафар, кишоварзӣ ва тартиби зиндагии мардум аҳаммияти калон дорад. Донишмандон ҳаракати Офтоб, Моҳ ва ситораҳоро омӯхта, тақвимҳо месохтанд ва тағйироти осмониро мушоҳида мекарданд. Аз ин рӯ, ин илм ба зиндагии ҳаррӯза пайвандии ногусастанӣ дорад.



Абумаҳмуди Хуҷандӣ ҳамчун риёзидон ва ситорашинос маъруф буда, дар мушоҳидаҳои астрономӣ ва ҳисобҳои илмӣ саҳми назаррас гузоштааст. Фаъолияти ӯ нишон медиҳад, ки дар шаҳрҳои тоҷикнишин низ муҳити илмӣ вуҷуд дошт. Олимон танҳо дар марказҳои калон фаъолият намекарданд. Дар минтақаҳои гуногун ҳам шахсиятҳое буданд, ки ба таҳқиқ, омӯзиш ва рушди

илм машғул мешуданд. Ин барои таърихи фарҳанги мо хеле муҳим аст.



Дар соҳаи илмҳои тиб ва кимиё номи Закариёи Розӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ ҳамчун табиб ва кимиёдон шинохта шуда, ба омӯзиши моддаҳо, хусусиятҳои онҳо, таркиби доруҳо ва таъсири онҳо ба инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Вай таҷрибаро яке аз роҳҳои асосии расидан ба дониш меҳисобид. Барои ӯ танҳо гуфтан кофӣ набуд; бояд санҷида мешуд, натиҷа медод, баъд қабул мегардид. Ин равиш ба усули илмии муосир хеле наздик аст.

Кимиё дар замони гузашта шакли имрӯзаи худро надошт, вале донишмандон аллакай ба хусусиятҳои моддаҳо, омехтаҳо, таъсири доруҳо ва тағйирёбии онҳо диққат медоданд. Ин мушоҳидаҳо дертар барои рушди илми кимиё замина фароҳам оварданд. Мутафаккирони тоҷик ва форсзабон дар раванд танҳо назария намегуфтанд, балки бо мавод, дору, маъдан ва таҷрибаҳои гуногун сарукор доштанд. Ҳамин таҷрибаҳо тадриҷан роҳи илмро равшантар мекарданд.

Ҷуғрофия низ яке аз соҳаҳое буд, ки дар он донишмандони тоҷик ва ҳамзамонони онҳо саҳми назаррас гузоштаанд. Донишмандон маълумотро ҷамъ ва муқоиса менамуданд ва дар китобҳо сабт месохтанд. Ин кор на танҳо барои илм, балки барои зиндагии амалии мардум низ фоида дошт. Масалан, Носири Хусрав аз ҷумлаи мутафаккиронест, ки дар осораш ба масъалаҳои табиат, инсон, ҷаҳонбинӣ ва маърифат таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ бештар ҳамчун шоир, файласуф ва сайёҳ маъруф аст, вале андешаҳои ӯ танҳо ба адабиёт маҳдуд намешаванд. Дар навиштаҳои Носири Хусрав масъалаи ақл, дониш, мушоҳида ва фаҳмиши дурусти олам ҷойгоҳи муҳим дорад. Вай инсонро ба бедории фикрӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва истифодаи ақл даъват мекунад. Ин худ ба рушди тафаккури илмӣ наздик аст.

Саҳми мутафаккирони тоҷик дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки онҳо ба илм муносибати ҷиддӣ доштанд. Онҳо танҳо маълумот ҷамъ намекарданд. Онҳо савол мегузоштанд, мушоҳида мекарданд, муқоиса менамуданд, далел меҷӯстанд ва хулоса мебароварданд. Чунин тарзи фикрронӣ асоси ҳама гуна пешрафти илмӣ мебошад. Зеро илм аз савол оғоз меёбад. Савол бошад, инсонро ба ҷустуҷӯ мебарад.

Боз як ҷиҳати муҳим он аст, ки дар осори ин донишмандон робитаи илм бо ахлоқ эҳсос мешавад. Онҳо донишро барои фахр кардан ё баҳси хушк намехостанд. Дониш бояд ба инсон хизмат кунад, беморро шифо диҳад, зиндагиро осонтар созад, ҷаҳонбиниро васеъ намояд ва ҷомеаро пеш барад. Ин нуқта бисёр муҳим аст. Агар илм аз инсон дур шавад, арзиши аслии худро гум мекунад. Мутафаккирони тоҷик инро хуб дарк мекарданд.

Имрӯз омӯзиши мероси илмии мутафаккирони тоҷик барои насли ҷавон аҳаммияти калон дорад. Вақте ки хонанда медонад, ки гузаштагони ӯ дар тиб, риёзиёт, нуҷум, кимиё, ҷуғрофия ва дигар илмҳо саҳм гузоштаанд, дар дилаш ҳисси ифтихор пайдо мешавад. Вале танҳо ифтихор кофӣ нест, ин мерос бояд инсонро ба хондан, ҷустуҷӯ, таҷриба, фикри мустақил ва меҳнати пайваста водор созад. Илм бо сухан не, бо заҳмат пеш меравад.

Мактаб ва омӯзгорон дар шиносонидани ин мероси бузург нақши муҳим доранд. Хонандагон бояд на танҳо номи донишмандонро донанд, балки фаҳманд, ки онҳо чӣ гуна фикр мекарданд, чӣ гуна масъала мегузоштанд ва бо кадом роҳҳо ба дастовардҳо илмӣ расидаанд. Агар омӯзгор дар дарс аз ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино, Берунӣ, Хоразмӣ, Хайём, Хуҷандӣ, Розӣ ва дигар мутафаккирон мисолҳои равшан орад, шавқи хонанда ба фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ бештар мегардад. Баъзан як мисоли зинда аз чанд саҳифа таъриф таъсирноктар мешавад.

Мероси илмии мутафаккирони тоҷик нишон медиҳад, ки халқи мо аз қадим ба илму дониш, таҳқиқ, андешаи озод ва фикри созанда эҳтиром дошт. Ин донишмандон дар шароите кор мекарданд, ки имкониятҳои техникии имрӯза вуҷуд надошт. На озмоишгоҳҳои муосир буд, на дастгоҳҳои пешрафта, на воситаҳои зудрасони маълумот. Бо вуҷуди ин, онҳо бо ақл, мушоҳида, таҷриба ва меҳнати зиёд ба натиҷаҳои бузург расиданд.

Саҳми донишмандони тоҷик дар инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ назаррас буда, онҳо дар рушди илми ҷаҳонӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Масалан, осори Ибни Сино дар тиб, корҳои Хоразмӣ дар риёзиёт, таҳқиқоти Берунӣ дар нуҷуму ҷуғрофия ва рушди дигар илмҳо мавқеи

муайян доранд. Ин ҳақиқатро бояд донист ва қадр кард, зеро шинохти гузашта роҳи фаҳмидани ояндаро равшантар месозад.

Мутафаккирони тоҷик дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ нақши бисёр бузург ва таърихӣ доранд. Абуалӣ ибни Сино дар тиб ва фалсафаи табиат, Абурайҳони Берунӣ дар нуҷум, ҷуғрофия ва минералогия, Муҳаммад Хоразмӣ дар риёзиёт, Умари Хайём дар алгебра ва нуҷум, Абумаҳмуди Хуҷандӣ дар ситорашиносӣ, Закариёи Розӣ дар тиббу кимиё ва Носири Хусрав дар рушди тафаккури маърифатӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Мероси онҳо барои мо даъват ба донишомӯзӣ, фикри мустақил, меҳнат, таҳқиқ ва эҳтиром ба илм мебошад.

Оид ба саҳми мутафаккирони тоҷик дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ сухан ронда, наметавон аз дигар шахсиятҳои барҷастаи ин сарзамин сарфи назар кард, ки онҳо бо корҳои худ дар риштаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, дар рушди илмҳои механика, оптика ва обшиносӣ, дар ҷаҳони Шарқ ва Аврупо маъруфият пайдо кардаанд. Ба ин гурӯҳ Абдурраҳмон ал-Хозин (асри 12) дохил мешавад, ки бо асбоби ихтироъкардааш «Ал-устурлоб» ва таълифоти дар соҳаи астрономия ва механика машҳур буд. Вай дар китоби «Китоб-ул-фахрӣ» дар бораи сохт ва истифодаи механизмҳои одӣ, аз қабили болға, чарх ва ришта маълумот дода, заминае барои рушди илми муосир гузоштааст.

Вобаста ба масоили иқлим ва обшиносӣ, бояд ба корҳои мутафаккири дигар – Ибни Мискавейҳ (асри 10-11) ишора кард, ки дар асарҳои худ дар бораи алоқамандии боришот, ҷараёни рӯдхонаҳо ва таъсири он ба кишоварзӣ ва зироаткорӣ маълумоти амиқ додааст. Ҳамин тавр, нақши тоҷикон дар обёрӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар асрҳои 9-12 хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин замина, асари «Китоб-ул-ҷаъфарӣ» аз ҷониби Абулфазл ибни Музаффар, ки ба масоили обшиносӣ ва иншооти обӣ бахшида шуда буд, то ба даврони мо мавриди омӯзиш ва истифода қарор дода шудааст.

Ғайр аз ин, мутафаккир Насриддини Тӯсӣ (1201-1274) ва Абулҳасан ибни Сандарра дар бораи табиат ва ҷавҳарҳои он назарияҳои муҳимеро таҳия кардаанд, ки ба шарҳи механизми истиқрори олами ҷисмонӣ ёрӣ медиҳанд. Дар китоби «Табсира» Насриддини Тӯсӣ асосҳои физика, геометрия ва ҷараёни моддаҳоро бо таври одӣ тасвир кардааст. Саҳми вай дар соҳаи спектроскопия ва омӯзиши нур ва таркиби рӯшноӣ низ назаррас аст, зеро вай аз нахустин касест, ки истифодаи призмаи шаффофро дар таҷзияи нур тавсия кардааст. Ин таҳқиқотҳо, ки дар асри 13 анҷом дода шудаанд, ба ташаккули илми физика мусоидат карданд.

Дар солҳои баъдӣ дар соҳаи илмҳои биология ва зоология корҳои анҷомдодаи мутафаккири тоҷик Умари Асир (асри 14) бо таълифи асари «Мунтахаб» дар бораи ҳаёту хислати ҳайвоноти гуногун ва таъсири муҳити зист ба таҳаввулоти биологӣ машҳур аст. Вай худро ба табиат пайваста, аз тарзи зиндагии намудҳои гуногуни ҳайвонот ва наботот маълумот ҷамъ меовард. Тавсифи дақиқ ва мунтазами олими мазкур аз ҷониби бисёре аз олимон дар асрҳои миёна ва ҳатто дар давраи муосир ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои омӯзиши таърихи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ истифода мешавад. Ба воситаи чунин донишмандон, мутафаккирони тоҷик на танҳо мероси илмии гузаштагон ҳифз гардидааст, балки онҳо бо ҳадафи такмил ва тавсеаи он барои наслҳои оянда кӯшиши зиёд намуданд.

Илм ҳамеша инсонро ба пеш мебарад. Мутафаккирони тоҷик бо фаъолияти худ нишон доданд, ки ақл, дониш ва ҷустуҷӯ қувваи бузург дорад. Агар насли имрӯз ин меросро дуруст омӯзад ва аз он илҳом гирад, метавонад дар рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ саҳми худро гузорад. Ин вазифаи ҳар як хонанда, омӯзгор ва ҷомеаи соҳибфарҳанг аст. Илм бо одамони ҷӯянда зинда мемонад.

Таърихи илму фарҳанги тоҷикон бо номи донишмандоне пайванд аст, ки дар рушду такомули фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ саҳми арзанда гузоштаанд. Ин мутафаккирон танҳо шоир ё файласуф набуданд; бисёре аз онҳо дар соҳаҳои риёзиёт, тиб, нуҷум, ҷуғрофия, кимиё ва дигар илмҳо андешаҳои муҳим баён кардаанд. Бояд қайд кард, ки осори онҳо на танҳо барои замони худ, балки барои давраҳои баъдӣ низ аҳаммияти илмӣ дошт.

Ҳамин тавр, мутафаккирони тоҷик дар пешрафти илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ нақши муассир гузоштанд. Осори онҳо барои рушди илмҳои тиб, риёзиёт, нуҷум, ҷуғрофия ва дигар илмҳо заминаи муҳим фароҳам овардааст. Шинохти ин мероси илмӣ барои насли ҷавон муҳим дорад, зеро таҳқиқоти донишмандону мутафаккирони тоҷик ба тамаддуни илми ҷаҳонӣ замина гузоштааст.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: МОҲИЯТИ ИРТИҶОӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ



Дайхудо Вахдат УМЕДҶОН – сармутахассиси раёсати рушдии стратегӣ ва идоракунии сифати ДБССТ

**Дар шароити ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм ба яке аз масъалаҳои ташвишовар ва таҳдидзои ҷомеаи байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Ин падидаҳои хатарзо на танҳо ба амнияти давлатҳо, балки ба арзишҳои инсонӣ, сулҳу субот ва ҳамзистии осоиштаи мардум таҳдид менамоянд. Дар даҳсолаҳои охир фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон густариш ёфта, боиси ҳалокати ҳазорон инсон, муҳоҷирати иҷборӣ, буҳрони иқтисодӣ ва ноороми сиёсӣ гардидааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари терроризм ва экстремизм дар канор нест. Махсусан, солҳои 2013–2015 масъалаи ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, аз ҷумла, гурӯҳи террористии «ДОИШ» ҷомеаро ба ташвиш оварда буд. Дар ин замина, масъалаи мубориза бо ифротгароӣ ва тарбияи дурусти ҷавонон ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ мубаддал гардид. Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терорризм», терроризм мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад [1].

Мафҳуми «экстремизм» аз калимаи лотинии *extremus* гирифта шуда, маънои аз ҳад гузаштан, тундравӣ ва ифротро дорад. Дар забони тоҷикӣ ин мафҳум бештар бо истилоҳи «ифротгароӣ» ифода мешавад. Ба таъкиди муҳаққиқ Абдуллоҳи Раҳнамо, ифротгароӣ маънои майл доштан ба зиёдаравӣ ва оштинопазириро дорад [3].

Терроризм аз калимаи лотинии *terror* гирифта шуда, маънои тарсу ваҳм ва даҳшатафканиро дошта, ҳамчун истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ва амалҳои хатарнок барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё идеологӣ маънидод мешавад. Ба андешаи муҳаққиқон, терроризм шакли ниҳоӣ ва амалии экстремизм мебошад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди экстремизм аҳаммияти камтар аз мубориза бо терроризмро надорад, зеро маҳз ифротгароӣ заминаи пайдоиши ҳаракатҳои террористиро фароҳам меорад.




Пайдоиш ва густариши терроризм ба омилҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ вобаста аст. Яке аз омилҳои асосии зуҳури он, сатҳи пасти маърифат ва дониш мебошад. Ҷавононе, ки ҷаҳонбинии солим надоранд, зудтар зери таъсири таблиғоти гурӯҳҳои ифротӣ қарор мегиранд.

Омили дигар, мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст. Бекорӣ, камбизоатӣ ва ноумедӣ баъзе ҷавононро ба гурӯҳҳои тундрав ҷалб менамояд. Ҳамчунин, шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет имрӯз ба воситаи муҳимми таблиғи ғояҳои ифротӣ табдил ёфтаанд. Гурӯҳҳои террористӣ бо

истифода аз наворҳо ва маводи таблиғотӣ ҷавононро фиреб медиҳанд ва онҳоро ба амалҳои зӯроварона ташвиқ мекунанд.

Муҳити носолими оилавӣ, набудани тарбияи дуруст ва таъсири доираи дӯстони номуносиб низ метавонад ҷавононро ба ифротгароӣ тела диҳад.

Мутаассифона, бисёр гурӯҳҳои ифротгаро фаъолияти худро зери шиорҳои динӣ пинҳон менамоянд. Онҳо, махсусан, аз номи дини ислом баромад мекунанд, дар ҳоле ки арзишҳои аслии ислом бар пояи инсондӯстӣ, адолат ва ахлоқи ҳамида бунёд шудаанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «террорист дин, миллат ва мазҳаб надорад». Ин сухан моҳияти аслии терроризмро равшан месозад, зеро гурӯҳҳои террористӣ на арзишҳои динӣ, балки манфиатҳои сиёсӣ ва ғаразноки худро дунбол мекунанд.

Дар таърихи тамаддуни исломӣ олимону мутафаккирони бузург, аз ҷумла, Имоми Аъзам, Абуалӣ ибни Сино ва дигар донишмандон ҳам донишҳои динӣ ва ҳам илмҳои дунявиро меомӯхтанд. Ин далел нишон медиҳад, ки ислом ҳаргиз мухолифи илм ва пешрафт набудааст. Шоири бузурги форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ низ таассуб ва ифротро маҳкум намуда, «сахтгириву таассуб»-ро ноогоҳи ва хомии инсонҳо унвон кардааст. Ин андеша аҳаммияти таҳаммулпазирӣ ва дурӣ аз ифротро таъкид менамояд.

Терроризм ва экстремизм ба ҷомеа зарари бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама, амнияти давлат халалдор мегардад ва одамони бегуноҳ қурбон мешаванд. Амалҳои террористӣ боиси афзоиши тарсу ҳарос, бозмондагии тараққиёт ва коҳиш ёфтани эътимоди мардум ба оянда мегарданд.

Аз ҷиҳати маънавӣ низ терроризм ба тафаккури ҷавонон таъсири манфӣ расонида, арзишҳои инсондӯстӣ ва ахлоқиро заиф месозад. Ҷангҳои иттилоотӣ ва таблиғоти ғаразнок дар шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз яке аз шаклҳои нави ифротгароӣ ба шумор мераванд.

Роҳҳои пешгирии терроризм ва экстремизм низ кам нестанд, аммо амалӣ намудани онҳо дар шароити имрӯз хеле душвор аст. Ба ҳар ҳол, бояд ҷиҳати пешгирии ин ду падидаи номатлуб мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешид. Барои пешгирии терроризм ва экстремизм тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мешаванд:

**1. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа.** Илм ва маърифат воситаи муҳимтарини мубориза бо ифротгароӣ мебошанд. Ҷавонон бояд соҳиби донишҳои муосир, ҷаҳонбинии илмӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд.

**2. Тарбияи дурусти ҷавонон.** Оила, мактаб ва ҷомеа дар ташаккули шахсияти ҷавонон нақши муҳим доранд. Волидон бояд ба тарбияи ахлоқӣ ва муҳити дӯстию рафоқати фарзандон диққати ҷиддӣ диҳанд.

**3. Мубориза бо таблиғоти ифротӣ дар интернет.** Зарур аст, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ таҳти назорат қарор гирифта, ҷавонон аз хатари иттилооти бардурӯғ огоҳ карда шаванд.

**4. Таҳкими қонунгузорӣ.** Мақомоти давлатӣ бояд нисбат ба фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ чораҳои қатъии ҳуқуқӣ андешанд.

**5. Таъмини шароити хуби иҷтимоӣ.** Таъмини ҷавонон бо ҷойи кор, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва дастгирии иҷтимоӣ метавонад яке аз омилҳои муҳимми пешгирии ифротгароӣ гардад.

**6. Тақвияти таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллӣ.** Эҳтироми фарҳангҳо, динҳо ва ақидаҳои гуногун барои нигоҳ доштани сулҳу субот аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тариқ, терроризм ва экстремизм аз ҷумлаи хатарҳои ҷиддии ҷаҳони муосир мебошанд, ки ба амният ва рушди ҷомеа таҳдид мекунанд. То ин дам аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ду стратегияи миллӣ барои солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025 таҳия, кабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Инак боз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2026, Стратегияи пешгирии экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қабул карда шуд. Аз ҷумла, дар Стратегияи мазкур гуфта мешавад, ки «бисёр чорабиниҳои пешбининамудаи стратегияҳои қаблии муқовимат ба экстремизм ва терроризм ҳанӯз ба ҳадафҳои ниҳоии худ нарасида, сабабу омилҳои

ба ин зуҳурот мусоидаткунанда дар соҳаи таълиму тарбия, муҳити динӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, кор бо занон ва оила, муқовимати иттилоотӣ, таъминоти ҳуқуқию ниҳодӣ ва дигар самтҳои интихобшуда боқӣ мондаанд». Бинобар ин, мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм ва пешгирии онҳо танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ нест, балки масъулияти тамоми ҷомеа мебошад. Баланд бардоштани маърифат, рушди илм, тарбияи дурусти ҷавонон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ метавонанд барои пешгирии терроризм ва экстремизм нақши муассир бозанд. Танҳо дар фазои сулҳ, субот ва ҳамдигарфаҳмӣ ҷомеа метавонад ба пешрафти устувор ноил гардад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.04.2025).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.04.2025).

3. Раҳнамо, Абдуллоҳ. Ифротгароии динӣ ва роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Ирфон, 2020.

4. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 1 июни соли 2021, №187 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.04.2025).

**Ваҳдат барои мо як вожа ё калимаи одӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯйи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷамъиву хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст.**

*******

**Ваҳдати миллӣ барои мо на танҳо рамзи сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, балки омили асосии рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ПАЙРОҲАЕ БА СӮЙИ ТАРҶУМА



**Сироҷиддини ЭМОМАЛӢ – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ**

**Шояд дар дунё ҳеҷ миллате вуҷуд надошта бошад, ки аз фаровардаҳои зеҳнии дигар қавму миллатҳо истифода накунад. Дар ин самт ягона роҳи муассиру самарабахш тарҷума аст, ки таърихи куҳан дорад. Имрӯз дигар муоширату муносибати башариро бе вуҷуди тарҷума тасаввур кардан имконнопазир аст. Забони тарҷума, саҳеҳӣ ва равонии матн ба туфайли тарҷумаи эҷодкорона ба даст меояд. Ба таъбири В. Г. Белинский, «на ҳарф, балки рухи асарро ифода намудан» ва қимати ғоявии асарро дар тарҷума нигоҳ доштан лозим аст. Чунин талаботу муқаррарот ва махсусияти тарҷумаро дар фаъолияти мутарҷимии С. Улуғзода ба таври барҷаста мушоҳида кардан мумкин аст.**

Ба идома додани фаъолияти тарҷумонии С. Улуғзода агар, аз як тараф, мактаби усули нави Шуравӣ замина гузошта бошад, аз сӯйи дигар, дастгирӣ ва кумаки беғаразонаи асосгузори адабиёти муосири тоҷик – устод Айнӣ, ки он вақтҳо дар шуъбаи самарқандии Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба сифати сармуҳаррир кор мекард, мусоидат намудааст. Роҳнамоӣ ва таъкиду маслиҳатҳои С. Айнӣ барои С. Улуғзода манбаи илҳом гардида, қуввати дил ва боиси равнақ ёфтани фаъолияти эҷодии ӯ шудаанд. Таҳриру тасҳеҳи ҳикояи «Сэм ва Дик» дар фаъолияти эҷодии минбаъдаи С. Улуғзода пайроҳаи нав кушода, боиси такомул ёфтани ҳунари



нависандагӣ ва тарҷумонии ӯ гардидааст. «Ҳоҷат ба гуфтан ҳам нест, ки ман ин мактубро хонда, аз ғамхории устод ва аз баҳои додагии он кас ба тарҷумаи ман, фавқулода шод гардидам. Мактуби устод боварии маро ба худам, умедамро аз худам зиёд кард ва маро водор намуд, ки минбаъд бо камоли ғайрат ва ҷиддият худро ба кори соҳаи нашриёт ва матбуот ҳозир намоям»[1].

Баъд аз оне ки тарҷумаи ҳикояи «Сэм ва Дик» ба дасти С. Айнӣ мерасад, устод ба номи мудири шуъбаи нашриёт нома менависад, ки мазмуни он чунин аст: «Тарҷума агарчи айбу нуқсонҳо дорад ва тарҷумонаш ҷавони бетаҷриба менамояд, вале қобили таваҷҷуҳ аст ва тарҷумон матлаби ҳикояро ба хубӣ фаҳмида, маъниҳои борики онро ба таври худ ифода карда тавонистааст ва ҷо-ҷо забонаш ҳам бад нест. Бинобар ин, ман дастнависи ӯро тасҳеҳ ва таҳрир карда баромадам; маслиҳат ин, ки онро [тарҷумаи ҳикояи «Сэм ва Дик»-и В. Алексеев - С. Э]. ҳарчи зудтар барои бачагон чоп карда бароред тарҷумонро аз ин баъд ҳам ба кор ҷалб карда, роҳбарӣ намоед, ки тараққӣ кунад, саводаш ва таҳрираш такмил ёбад...»[2].

Хушбахтона, баъд аз таъкиди устод Айнӣ, тарҷумаи «Сэм ва Дик» (Тошканд – 1929 – Самарқанд, нашриёти «Тоҷикнашр») бо хатти лотинӣ аз чоп баромада, дастраси хонанда гардид.

---

[1] Улуғзода, С. Аз дафтари ёддоштҳои ман / С. Улуғзода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1935. - №11-12. – С. 22.

[2] Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 262.

Дар солҳои баъдӣ низ С. Улуғзода фаъолияти тарҷумониашро идома дода, аз ҷумлаи сермаҳсултарин мутарҷимон дар адабиёти солҳои 50-уми асри XX тоҷик шинохта мешавад. Тарҷумаҳои С. Улуғзода, аз ҷумла, асарҳои В. Алексеев – «Сэм ва Дик» (1929), Э. Л. Войнич – «Занбӯр» (1931), В. Билл - Белосерковский – «Ҳаёт даъват мекунад» (1935), Н. Погодин – «Одами милтиқдор» (1940), «Соати бурҷи Кремл», Белсони –«Хизматгори ду хоҷа» (1944), А. Н. Островский – «Гунаҳкорони бегуноҳ» (1945), М. Горкий – «Модар» (1953), «Егор Буличев ва дигарон», У. Шекспир – «Ҳамлет» (1970), Молйер – «Табиби зӯракӣ» (1972), М. Сервантес – «Дон Кихот» (1974), Ч. Айтматов –«Қуллаи Фудзияма», Шарл де Костер – «Достони Тил Уленшпигел» (1975), Н. В. Юртаев – «Дар кӯраи ҷанги гражданӣ», Г. Мдивани – «Ал-қаср», Л. Шейнин ва бародарон Тӯр – «Рӯбарӯй», Тҳай Дян Чун – «Ҷанубтари параллели 38», порчаҳои «Борис Годунов»-и А. С. Пушкин, А. Шеваркин – «Бачаи бегона», шеърҳои шоири украин И. Франко – «Суруди халқ» ва шоири покистонӣ Ҷ. Ҳофиз – «Тоҷикистон» далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Мактаби эҷодии устод С. Айнӣ ва дастгирию роҳнамоиҳои беғаразонааш ба ҷавонони боистеъдод ва эҷодкор дар осори шогирдону ҳаводоронаш дар шаклҳои гуногуни адабӣ рӯйи чоп омадаанд. Аз ин миён эҷодиёти С. Улуғзода, ки яке аз шогирдону давомдиҳандагони мактаби эҷодии устод С. Айнӣ дар насри таърихӣ аст, назаррас мебошад.

Шиносоии Сотим Улуғзода бо устод Айнӣ, асосан, ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд, ба василаи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ва бо роҳнамоиву ҳидоятҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ иттифоқ афтодааст. Дар адабиётшиносии солҳои 90-уми садаи XX ва ибтидои асри XXI дар мавриди таърихи шиносоии Сотим Улуғзода бо устод Айнӣ ақидаҳои гуногун ба мушоҳида расида, ҳамзамон, дар хусуси мусоҳибаву роҳнамоиҳои устод Лоҳутӣ ба С. Улуғзода, инчунин, ҳидоятҳои бевоситаи Лоҳутӣ дар хусуси илмомӯзи ва мутолиаи асарҳои С. Айнӣ ишора намешавад. Ҳол он ки С. Улуғзода шиносоии аввалинашро бо устод Айнӣ дар яке аз мақолаҳояш зери унвони ***«Аз дафтари ёддоштҳои ман»***, ки моҳи ноябри соли 1935 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» бо ҳуруфи лотинӣ ба табъ расидааст, амиқу дақиқ баён намудааст.

Воқеан, устод Садриддин Айнӣ аз зумраи он зиёиёни пешқадами миллати тоҷик мебошад, ки тамоми умри азизи худро сарфи хидмат ба таъриху фарҳанг ва забону адабиёт халқи худ кардааст.

Сотим Улуғзода дар асарҳои ба рӯзгору осор ва роҳи тайнамудаи Садриддин Айнӣ бахшидаи худ, аз ҷумла, «Аздафтари ёддоштҳои ман» кӯшиш намудааст, ки шахсият ва хидматҳои бузурги устод Айниро дар мавриди боло бурдани сатҳи саводи халқи тоҷик, омӯзиши забони адабии тоҷикӣ, гирд овардани мероси гаронбаҳои адабиёти классикӣ, таҳрир ва тарҷумаи асарҳои бадеӣ, ҳидоят ва раҳнамоии истеъдодҳои ҷавон ба тафсил нишон бидиҳад. Ҳамаи ин барои барҷастатар ва равшантар тасвир ёфтани шахсияту симои эҷодии Садриддин Айнӣ ва гиромидошту арҷгузорӣ ба ному хидматҳои ӯ мусоидат намудааст.

Азбаски мақолаи «Аз дафтари ёддоштҳои ман» аҳаммияти зиёди таърихӣ ва фарҳангию адабӣ дорад, онро аз хатти лотини ба кирилӣ баргардонида, шакли комили онро манзури хонандагон менамоем.

### *АЗДАФТАРИ ЁДДОШТҲОИ МАН*

***(С. Улуғзода. Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1935. - №11-12. – С. 22-24)***

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1926 дар Тошканд устод Лоҳутӣ маро назди худ ҷеғ занонда оварданд. Ман дар он вақт студенти Дорулмуаллимини тоҷик будам. Устод дар бораи таҳсил ва муваффақиятҳои илмии ман ва ҳамдарсони ман суол карданд.

– Кӯшиш кун, ки хуб бихонӣ, – гуфтанд рафиқ Лоҳутӣ, – дарсҳои забонро, махсусан, аҳаммият бидеҳ. Забон асоси илмҳост.

Дар охир рафиқ Лоҳутӣ як ҷилди муқовакардашудаи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба дасти ман дода, фармуданд, ки бо ҳамсинфони худ онро мутолиа кунам. Баъд пурсиданд:

– Садриддин Айниро мешиносӣ?

– Шунидаам, – гуфта ҷавоб додам ман.

– Айнӣ як нависандаи калон аст. Асарҳои ӯро бихон ва ба рафиқони худат ҳам гӯй, ки хонанд. Аз байни шумо, ҷавонон ҳам, бояд дар оянда монанди Айнӣ нависандагони калон

бароянд: шубҳа нест, ки чунин нависандагон хоҳанд баромад. Айнӣ ин маҷмуаро, пеш аз ҳама, барои шумо, ҷавонон, тартиб додааст, то ки шумо адабиёти пештараи халқи худатонро, албатта, аз нуқтаи назари таҳқиқ омӯзед, тадқиқ ва санъати онро омӯзед.

Дар он вақтҳо, агарчи саводи ман ба алифбои арабӣ ҳанӯз хеле ноқис буд, вале бо вуҷуди ин, ман бо насиҳати падаронаи Лоҳутӣ амал карда, бо камоли шавқу завқ ба мутолиаи баъзе порчаҳои ҷудогонаи манзум ва мансури «Намунаи адабиёти тоҷик» сар кардам. Сарсухани бисёр муассири рафиқ Лоҳутӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» роҳе ба Айнӣ – аввалин чизе буд, ки маро ғоибона бо шахсияти устод Айнӣ як қадар шиносонд. «Ба шарафи Инқилоби Октабр» ва «Марсия»-и Айнӣ яке аз аввалин манзумаҳои тоҷикие буданд, ки ман хонда ва зуд азёд кардам. Аз ҳамон вақт сар карда, дар ман як муҳаббати махсусе, як ҳурмати бузурги самимонае нисбат ба ин нависандаи забардаст пайдо шуд. Ман орзу мекардам, ки ин шахсро як бинам ва суханони ӯро шунавам.

Дар охирҳои тирамоҳи соли 1928 дар Тошканд конференсияи алифбои нави тоҷикӣ даъват шуд. Ман, ки ба сифати вакили талабагони Дорулмуаллимин дар он иштирок мекардам, якумин бор Айниро дар ҳамин ҷо дидам... Дар давоми чандин маҷлис ман аз Айнӣ, ки дар ҳайати раёсат менишастанд, чашм канда наметавонистам. Дар вақтҳои танаффус мехостам рафта ба он кас салом бидиҳам, бо он кас шинос шуда ва гап занам, вале ҷуръат карда наметавонистам. Ман аз як нафар шиноси самарқандии худам хоҳиш намудам, ки навъе карда, маро бо Айнӣ шиносонад. Ӯ хоҳиши маро қабул кард. Чӣ қадар хурсандӣ, чӣ қадар ғурур ва ифтихор. Ман, талабаи мактаби миёна, бо Садриддин Айнӣ шинос шудам ва гуфтугӯ кардам! Ростӣ, ман муддатҳое дар байни ҳаммактабҳои худам бо ин шиносоӣ худписандӣ карда мегаштам.

Айнӣ дар конференсия нутқ эрод карданд. Бисёр вақт одам на ба чӣ гуфтани нотиқ, балки ба чӣ тавр гап задани ӯ диққат мекунад. Ин аст, ки ман чи хел гап задани Айниро ба ёд дорам, вале чиҳо гуфтани он кас ба хотирам намондааст. Айнӣ аввал аз аҳли маҷлис узр хостанд, ки: «Ман ором гап зада наметавонам, балки тавре гап мезанам, ки гуё бо касе дастбагиребон бошам, зеро ки 75 чӯби амир ба асабҳои ман бетаъсир намондааст». Ҳақиқатан ҳам, агар одам нутқи устодро аз пушти девор мешунид, гумон мекард, ки Айнӣ аз чизе бағоят оташин шуда ва бо касе дастбагиребон шуда истодаанд**.** Устод бо овози баланд, бо ҳаракатҳои асабиёна, суханро канда-канда ва ба калимаҳои якҳиҷодор, махсусан, зарб оварда, қариб ним соат гап заданд.

Дар соли 1927 «Одина»-и рафиқ Айнӣ чоп шуда баромад. Ин, махсусан, барои мо, талабагони тоҷик, як хурсандии калон буд, зеро ки, ростӣ, барои хондан дар забони тоҷикӣ китоб намеёфтем; дар он вақтҳо дар забони тоҷикӣ китобҳои бетлетристӣ (румонӣ) тахминан ҳеҷ набуд. «Одина» ба Дорулмуаллимин чанд нусха омад, мо, талабагон, онро талош карда мехондем, 2-3, 4 кас шуда мехондем. Худи ман ин китобро дар муддати қариб як моҳ ду бор хонда баромадам. Дар омӯхтани забони адабии тоҷикӣ «Одина» ба мо, талабагон, шояд на танҳо ба мо, балки ба ҳазорон ҷавонони тоҷик ёрмандии калоне кард. Мо аз хондани он якумин бор тамоми зебоии забони софи адабии насрии оммафаҳми тоҷикиро ҳис кардем. Бешубҳа, «Одина» яке аз сабаб ва стимулҳои муҳимми нависандагӣ сар кардани бисёр ҷавонон шуд.

Барои тарбият ва тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи матбуот, нашриёт, адабиёти нафиса бисёрҳо ҳаракат ва ташаббус кардани устод Айнӣ ба ҳамаи мо равшан аст. Бо роҳбарӣ ва ғамхории ташкилотҳои партиягӣ дар ин соҳаҳо даҳҳо кадрҳои пуристеъдод расида баромаданд, ҳар яке аз ин кадрҳо аз устод Айнӣ бисёрҳо тарбият ва таълим гирифтаанд, диққат ба ғамхории ӯро бисёрҳо маротиба ҳис намудаанд.

Дар соли 1928 ман бо ҳамроҳии студенти собиқ факултети шарқии Дорулфунуни давлатии Тошканд як китобчаи бачагона бо номи «Сэм ва Дик»-ро аз русӣ тарҷума кардам. Ин аввалин тарҷумаи ман буд. Шуъбаи Нашриёти давлатии Тошканд ин тарҷумаро барои таҳрир кардан ба рафиқ Айнӣ фиристода будааст. Баъд аз чанд вақт, рӯзе ман ба шуъбаи Нашриёт омадам, мудири он, рафиқ Мусавӣ як мактубро, ки аз Айнӣ гирифта будааст, ба ман дода хоҳиш намуд, ки хонда баромада ба ӯ пас гардонам. Мазмуни мактуб чунин буд: «Мутарҷими «Сем ва Дик» як ҷавони истеъдоднок менамояд, тарҷумааш ба таҷрибаи аввал нигоҳ накарда бад набаромадааст, Шумо бояд ӯро бисёртар ба кор ҷалб карда ва тарбият намоед, аз ҳар ҷиҳат ба ӯ ёрмандӣ расонед, бале, бешубҳа, дар оянда яке аз кадрҳои хуби нашриёт хоҳад шуд».

Ҳоҷат ба гуфтан ҳам нест, ки ман ин мактубро хонда, аз ғамхории устод ва аз баҳои додагии ин кас ба тарҷумаи ман, фавқулода шод гардидам. Мактуби устод боварии маро ба худам, умедамро аз худам зиёд кард ва маро водор намуд, ки минбаъд бо камоли ғайрат ва ҷиддият худро ба кори соҳаи нашриёт ва матбуот ҳозир намоям.

Маълум аст, ки Пайрав Сулаймонӣ дар солҳои охир, пеш аз вафоти худ фаъолияти эҷодиаш қувват гирифа, як қатор асарҳои манзуми қиматнок ба вуҷуд овард. Шояд бисёр касон намедонанд, ки дар ин пешрафти эҷодиёти Пайрав устод Айнӣ шахсан рули [нақш - С. Э.] калонеро бозӣ карданд. Ман дар нисфҳои соли 1931 бо коре чанд вақт дар Самарқанд истодам ва бештар аз як ҳафта дар хонаи устод манзил кардам. Пайрав ҳам он вақт дар Самарқанд буд; танқидҳои баъзе рафиқон дар матбуоти Тоҷикистон вайро як қадар маъюс карда ва ҳатто ӯ чанд вақт аз навиштан ҳам даст кашида буд. Айнӣ доим ӯро ҳимояти маънавӣ мекарданд, насиҳат менамуданд, ҳаракат мекарданд, ки вай танқидҳоро бисёр ҳам ба дил нагирад, кор кунад. «Шоир як шахси иҷтимоист, – мегуфтанд Айнӣ ба Пайрав, – асарҳои ӯро танқид мекунанд, тақриз мекунанд, барои ҷамъият то дараҷаи фоиданок ва ё бефоида будани он асарҳо муҳокима ва муболиғаҳо шуданаш мумкин аст. Одами оқил ва бо маслаки Шуравӣ набояд аз ин танқидҳо маъюс шавад. Шумо метавонед ба ҷойҳои нодурусти танқид ҷавоб нависед, эътироз намоед. Вале кор кунед, асарҳои беҳтар нависед, бо асарҳоятон нишон диҳед, ки шумо ба Ҳукумати Шуроӣ садоқати маҳкам доред ва барои сохтмони сотсиализм бо камоли майл хизмат мекунед».

Пайрав ба маслиҳат ва насиҳатҳои Айнӣ самимона гӯш медод ва амал мекард, то ҳадде, ки кам-кам маъюсиҳои пештараро тамоман фаромӯш карда, фаъолияти эҷодии худро нисбатан хеле ривоҷ дод. Албатта, чунин тағйироти аҳволи руҳияи Пайрав, чунончи ҳамаи зиёиёни куҳнаи ба платформаи Ҳукумати Шуроӣ гузаштагӣ, сабабҳои иҷтимоӣ дошт, ин сабабҳо муваффақиятҳои сохтмони сотсиализм диққат ва ғамхории партия ба адабиёти нафиса ва қадрдонии он мебошад. Вале нисбат ба Пайрав таъсири шахсияти устод Айнӣ рули [нақш - С. Э.] намоёнеро бозӣ кард.

Аз он вақт ду сол гузашт. Рӯзе дар кабинети мудири собиқи Нашриёти давлатӣ рафиқ Расулӣ маҷлиси Комитети термин мерафт. Устод Лоҳутӣ ва устод Айнӣ ҳам дар ин маҷлис ҳозир буданд. Як вақт... як вақт рафиқ Дайламӣ ба дасташ як телеграм, ашк дар чашмонаш намоён, дари кабинетро кушода даромад ва бо садои гиряолуд аҳли маҷлисро огоҳ кард:

Рафиқон, Пайрав мурдааст... ин аст телеграм... ин хабари ногаҳонӣ ҳамаро зиёда мутаассир ва андӯҳгин кард. Устод Айнӣ дарҳол сарашонро хам карда, дақиқае чашмони худро пӯшиданд, баъд кӯдакввор ҳунгурос зада гиря карда сар доданд.

Ман якумин бор буд, ки гиря кардани нависандаи калонро медидам. Таъсири ашки чашмони устод ба ман аз хабари марги Пайрав камтар таъсир накард. Ман боз як бори дигар боварӣ ҳосил кардам, ки қалби бузурги ин шахс то чи андоза ҳассос ва мулоим аст, то чи андоза ин қалб пур аз муҳаббати инсонӣ буда ва ҳисси инсонии ин симои дурахшон чи дараҷа қавӣ ва пурзӯр аст. Устод Лоҳутӣ, дар сурате ки сиришк ба дидаҳояшон ҳуҷум мекард, барои қувват надодани яъс ва ҳузни дигарон ба зӯр худашонро аз гиря нигаҳ дошта, оҳиста ба Айнӣ гуфтанд:

– Устод, хоҳишмандам худро нигаҳ доред, гулӯи ман ҳам гирифта... – Лоҳутӣ давоми гапро гуфта натавониста монданд.

Ман дар боло навиштам, ки соли 1931 бо коре чанд вақт дар Самарқанд будам ва дар хонаи устод Айнӣ манзил кардам. Ман дар он вақт аз отпуска ба Самарқанд баргашта, давоми «Занбӯр»-ро тарҷума мекардам. Устод огоҳ шуданд, ки ман румон тарҷума карда истодаам, маро ба хонаи худашон таклиф карданд; он кас рӯзона ба кори идора мерафтанд, ман дар кабинеташон нишаста кори худамро мекардам. Устод ҳар рӯз бегоҳӣ қисми тарҷумакардагиамро ҷумла ба ҷумла хононда мешуданд, камбудиҳояшро нишон дода ва ислоҳ мекунонданд, хусусиятҳои кори тарҷумаро мегуфтанд.

Ман дар муддати як ҳафта имконият доштам, ки зиндагонии хусусии устодро мушоҳида кунам. Ростӣ, ман ин дараҷа вақтро қимат шумурдан, тартиб ва интизоми корӣ, ин андоза акуратчигиро, ки дар зиндагонӣ ва эҷодиёти Айнӣ дидам, дар ҳаёт ва амалиёти ҳеҷ як зиёии шурои тоҷик надидам. Устод агар дар хотирам монда бошад, дар соати 10-и шаб хобида, рост дар соати 5 саҳар мехестанд, то соати 8 пайваста кор мекарданд, менавиштанд. Дар соати 3-и рӯз аз идора (шуъбаи нашриёт дар Самарқанд) баргашта, баъд аз таоми нисфирӯзӣ ягон соат истироҳат намуда, боз ба кор менишастанд ва ё агар маҷлиси комитети илмӣ бошад, ба он ҷо

мерафтанд. Дар кабинеташон ҳама чиз: коғаз ва қаламҳо, китоб ва дастнависҳо ҳар яке дар ҷояш ва ба тартиб. Устод бо вуҷуди пирӣ, бо вуҷуди ин ки кулфат ва машаққатҳои дар гузашта кашидаашон, 75 ҷӯби амир, зиндон ва обхонаҳо саломатии ҷисм ва асабҳояшонро хеле суст кардааст, лекин бошуурона заъфро қатъиян ба худ роҳ надода, монанди як ҷавони солим кор мекунанд.

Айнӣ худро ҷавон ҳисоб мекунанд. Ба ёдам меояд, ваќе ки дар соли 1930 устод аз Самарқанд ба Сталинобод, ба анҷумани забоншиносӣ дар аэроплон парида омаданд, касе аз вакилон сахт карда гуфт: «Домулло, чӣ тавр натарсида ба аэроплон савор шудед, оё саломатиатон ба ин роҳ медиҳад?» Айнӣ ҷавоб доданд, ки: «Ман ҳоли худамро аз бисёри шумоҳо ҷавонтар ҳис мекунам». Касе аз вакилони худи ҳамон анҷуман баъдҳо ҳикоят кард, ки устод дар ин ҷо чандин шофёри тоҷикро дида, бисёр хурсанд шудаанд ва гуфтанд, ки: «Ана ҷавонони тоҷике, ки дирӯз «харсавор» буданд, имрӯз рондани мошинро ёд гирифта «мошинсавор» шудаанд, ана акнун инҳо касби худашонро ба писарашон ёд медиҳанд, писари онҳо боз ба писари худаш ёд медиҳад, ба ҳамин тариқ мошинронӣ, баъдҳо мошинсозӣ касб ва одати як гурӯҳ мардуми шаҳрии тоҷик шуда мемонад. Ана тараққиёти маданӣ ба ҳамин тарз ба амал меояд». Дар ҳақиқат, орзуи устод ин аст, ки Одина ва Ёдгорҳои худашонро дар сари мошин ва техника, дар лабораторияҳо дар кафедраҳои илмӣ ва техникӣ, дар институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар сари корҳои ташкилотӣ ва эҷодӣ бинанд, ин барои устод бузургтарин шодӣ ва хурсандӣ аст. Устод дар замони мо ба амал баромадани орзуҳои худро дида истодаанд. Партияи Ленин – Сталин, Ҳукумати Шуроӣ ҳазорон-ҳазор Одина, Ёдгор ва Гулнорҳоро таълим ва тарбият дода, одамони оқил, донишманд ва эҷодгар намуда истодааст. Дараҳои Ниҳон ба водиҳои ободи тиллои сафед мубаддал шудааст ва шуда истодааст. Мегӯянд, ки шодии ба вуҷуд баромадани орзуҳо ба кас сиҳатии ҷисмонӣ бахшида ва пиронро руҳан ҷавон мекунад. Ин ки Айнӣ худро ҷавон ва солим ҳис мекунад, бешубҳа, аз ҷиҳати он аст, ки дар амал ба вуҷуд баромадани беҳтарин орзуҳои умри худро дида истодаанд.

Айнӣ дар шаби мулоқоти нависандагони ҷавон ба он кас, гуфтанд, ки: «Сӣ сол аст, ки ман қалам мезанам. Қариб нисфи ин муддат ба давраи пеш аз инқилоб тааллуқ дорад. Асарҳои маълуми ман асарҳое, ки назар ба гуфти Шумо каму беш қимат доранд, дар давраи Ҳукумати Шуроӣ ба вуҷуд омадаанд, самараи Инқилоби Октябр, самараи тарбияти партияи коммунистӣ ва Ҳукумати Шуроӣ мебошанд. Шахси ман, истеъдоди ман, дар ин ҷо хеле кам рул бозӣ мекунад». Асарҳои Шумо, рафиқи азиз Айнӣ, қимати каму беш не, балки қимати калони инқилобӣ ва иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ, тарбиявӣ ва адабӣ доранд. Шумо ва «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» ва асарҳои дигаратон «инжинери руҳӣ», инсони шуроӣ, падари насри бадеии реалистӣ - инқилобии тоҷик шудед, барои ҳамин аст, ки мо бо камоли шодӣ ва ифтихор, бо Шумо ва асарҳои Шумо, ҷашни 30-солаи заҳматҳои эҷодӣ ва иҷтимоии Шуморо қайд мекунем.

**Дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои гуногун, буҳронҳои геополитикиву геоиқтисодӣ ва дигар равандҳои печида хоси он мебошанд, нигоҳ доштани фазои сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар фарди бедордилу ватандӯст ба ҳисоб меравад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ЗИНДАГӢ БОЗТОБИ АБАДӢ ДОРАД

*(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Хуҷанд: Ношир, 2025. – 672 с.)*

**(Идома аз шумораи гузашта)**



**Қурбоналӣ РАҲИМОВ – корманди Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Симои муаллимон**

**Дар баробари симои пайвандон – падар, модар, хешовандон ва мардуми деҳа, симои муаллимон дар «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов мақоми махсус дорад. Ин бахши асарро метавон ҳамчун як меҳрнома ва арҷгузории самимона нисбат ба омӯзгорон арзёбӣ кард, ки тухми илму маърифатро дар зеҳну шуури шогирдон коштаанд. Муаллиф бо эҳсоси сипос ва қадршиносӣ аз устодони худ ёд мекунад ва нақши онҳоро дар ташаккули шахсияташ бо муҳаббат ба қалам медиҳад.**

Тавассути тасвири зоҳирӣ ва ботинии устодони худ, муаллиф як қатор масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро матраҳ менамояд, аз ҷумла, ҷойгоҳи муаллим дар ташаккули шахсият, масъулияти иҷтимоии омӯзгор ва нақши муассисаҳои таълимӣ дар рушди ҷомеа.

Тавассути симои Усмон Раҳмонов масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, аҳаммияти илму дониш, зарурати афзалият додан ба сифати таълим, на миқдори хатмкунандагон, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар пешрафти ҷомеа ва муқаддасоти мактаб ба таври мушаххас ба миён гузошта мешаванд. Муаллиф бо таҳлили шахсият ва касбияти ин устод симои муаллими воқеиро, ки дорои масъулияти баланд ва рисолати маънавӣ аст, барои омӯзгори даврони истиқлол ҳамчун намунаи ибрат нишон медиҳад (саҳ. 161-174).

Симои Ғоибназар Забиров – муаллими аввалини муаллиф низ бо самимият ва эҳсоси гарму хотирмон тасвир шудааст. Лаҳзаҳои аввалини шиносоӣ бо китоб, хондани «Алифбо», ҳидоят ба мутолиаи қиссаи «Мактаби кӯҳна»-и устод Садриддин Айнӣ ва навиштани нахустин ҷумлаҳо дар тахтаи синф, ҳама аз маҳорати баланди омӯзгорӣ ва меҳрубонии устод шаҳодат медиҳанд (саҳ. 156-161).



Дар баробари ин устодон, нақши муаллим Амонулло Саидов низ дар ташаккули шахсияти муаллиф барҷаста аст. Маҳз муҳаббат ва самимияти ӯ боис гардид, ки муаллиф баъди хатми мактаби миёна ихтисоси омӯзгориро интихоб намояд ва дар ин роҳ муваффақ гардад.

Лаёқати касбӣ, тахассусмандӣ, хислатҳои инфиродӣ, фарҳанги рафтор ва ҳатто тарзи либоспӯшии муаллимон барои муаллиф ҳанӯз дар айёми мактабхонӣ ба як намунаи идеалӣ табдил ёфта буд. Ин ҷиҳат нишон медиҳад, ки таъсири омӯзгор танҳо ба доираи таълим маҳдуд намешавад, балки тамоми паҳлуҳои тарбияи шахсиятро фаро мегирад.

Муаллиф, инчунин, симои муаллимаи забони русӣ – Фаина Дмитриевна Псечниковаро бо эҳсоси махсус тасвир намудааст. Ӯ менависад: «Хеле тааҷҷуб мекардем, қоил будем ва эҳтиром мегузоштем, ки Фаина Дмитриевна дар вазъияти надонистани забони тоҷикӣ, хулқу хӯй, урфу одати мардуми бегона, чӣ тавр ҷуръату тоқат карда, бе эҳсоси дудилагӣ, дилгирию хастагӣ мисли модар бо меҳрубониҳои хос ва кӯшиши том ба мо

«алфоз ниҳода, гуфтан меомӯхт» (саҳ. 184). Ин тасвир намунаи равшани садоқат ба касб ва эҳтиром ба рисолати омӯзгорӣ мебошад.

Симои устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ дар асар бо муҳаббат ва арҷгузории баланд инъикос ёфтааст. Маҳз ҳамин устодон ба муаллиф касби омӯзгории забон ва адабиёти тоҷикиро омӯхтанд ва заминаи фаъолияти касбии ӯро фароҳам оварданд. Муаллиф бо самимияти хос аз устодони худ – Мирзоев Ғоиб, Ниёз Сафар, Рустамов Қодир, Сабзаев Саидкул, Сангов Қаюм, Содиқов Ёралӣ, Тамлихоев Иззатулло, Ҷӯраев Рустам ва дигарон ёд мекунад ва саҳми онҳоро дар ташаккули шахсияташ қадр менамояд.

Муҳаббати амиқ ба устодон дар дигар навиштаҳои муаллиф низ идома меёбад. Чунончи, менависад: «Мо, хатмкардагони боргоҳи маърифат – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ дар тӯли ҳаёти пур аз фарозу шеби зиндагӣ, сӯхтанҳову сохтанҳо, бохтанҳову бурдҳои ин миллати ҷафокашидаи ҳамакнун сомонёфта оғоз аз панди муаллимони он даргоҳ то ба муаллими мушкилписанди таҷрибаи рӯзгор саранҷом ҳамин ҳақиқатро пай бурдем. Ба он пайрав ҳастем ва то абад хоҳем монд.» (Ёди Донишкадаи омӯзгорӣ ва панди ҳақиқати рӯзгор // «Анвори дониш», №7 (115), 15.04.2015).

Сарчашмаи ин эҳсоси амиқи эҳтиром нисбат ба муаллимон, пеш аз ҳама, аз муҳити хонаводагӣ сарчашма мегирад. Падар, модар ва апаи муаллиф, ки ҳанӯз пеш аз ба мактаб рафтанаш ба ӯ «Алифбо»-ро омӯзониданд ва муҳаббат ба донишро бедор карданд, дар шаклгирии ин ҷаҳонбинӣ нақши муҳим доштанд. Маҳз тавассути ҳамин муҳит муаллиф бори аввал бо номи устод Садриддин Айнӣ ошно гардида, муҳаббаташ ба адабиёт афзудааст.

Муаллиф ба хулосае мерасад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ мебошад. Новобаста аз рушди инфрасохтори муосири таълимӣ – биноҳои нав, техникаи таълимӣ, синфхонаҳои компютерӣ, нақши ҳалкунанда ва роҳнамоии муаллим дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷомеа ҳамеша боқӣ мемонад.

Дар баробари муаллимон, дар асар симои шахсони одӣ ва хоксор низ ҷой дорад, ки бо меҳрубонӣ ва ғамхории худ дар давраи донишҷӯии муаллиф нақши муҳиме бозидаанд. Аз ҷумла, кампири Одинамоҳ ва апаи Сангимоҳ бо рафтору гуфтори инсондӯстона намунаи одоб ва меҳрубонӣ мебошанд. Чунончи: «Вақте апаи Сангимоҳ нони гарм мепухт, кампири Одинамоҳ нони аввали танӯрро саросемавор, бо завқу қаноатмандӣ пеши мо меовард:

– Ин бачаҳакҳои ман шабу рӯз мехонанд. Нони худро ҳалол мекунанд. Пагоҳ муаллимони хуб мешаванд. Бо ҳама меҳрубонӣ меарзанд, – мегуфт» (саҳ. 373).

Ин гуна тасвирҳо нишон медиҳанд, ки тарбияи инсон танҳо дар доираи мактаб маҳдуд намешавад, балки муҳити иҷтимоӣ ва инсонҳои гирду атроф низ дар ин раванд саҳми арзанда доранд.

**Симои миллатҳои гуногун**

Симои миллатҳои гуногун, аз ҷумла, намояндагони халқи рус, дар адабиёти муосири тоҷик аз нимаи аввали солҳои бистум то солҳои навадуми асри XX яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳам назм ва ҳам наср ба шумор мерафт. Бо вуҷуди пошхӯрии низоми шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, инъикоси чунин симоҳо дар адабиёт аҳаммияти худро аз даст надодааст ва наметавон аз он якбора даст кашид.

Қаҳрамони асари бадеӣ, новобаста аз мансубияти миллӣ, агар дар равшан сохтани афкор, беҳбуди вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба саодати зиндагии мардум саҳм гузошта бошад, на танҳо сазовори эҳтиром, балки арзандаи офариниши бадеӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳузури намояндагони миллатҳои гуногун дар асарҳои ёддоштӣ ва бадеӣ як падидаи табиӣ ва зарурӣ маҳсуб меёбад.

Дар «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов намояндагони миллатҳои дигар, гарчанде қаҳрамони асосӣ нестанд, аммо ба таври эпизодӣ зуҳур намуда, дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, хоҷагидорӣ ва ташкилӣ нақши назаррас мебозанд. Дар баъзе мавриҳ онҳо ҳатто ба сатҳи қаҳрамонони марказӣ баробар шуда, дар пешбурди воқеаҳо таъсири муайян мерасонанд.

Қобили зикр аст, ки дар тафаккури мардуми маҳаллӣ, махсусан, дар давраҳои баъдиинқилобӣ то нимаи аввали асри XX, намояндагони дигар миллатҳо – осетинҳо, украинҳо, белорусҳо аксаран ҳамчун намояндагони халқи рус пазируфта мешуданд. Ин ҳолат хусусияти таърихию иҷтимоӣ дошта, дар асар низ ба таври воқеӣ инъикос ёфтааст.

Аз вижагиҳои муҳимми «Ёддоштҳо» он аст, ки муаллиф дар баробари қаҳрамонони асосӣ, намояндагони миллатҳои гуногунро вобаста ба нақш ва мавқеи онҳо дар замон ва макони воқеаҳо ба тасвир мекашад. Масалан, агар дар қисмати аввали асар Ашӯросетин дар тағйири тақдири Ятим нақши ҳалкунанда бозида бошад, пас дар идомаи асар шахсиятҳои дигар, аз ҷумла, намояндагони миллатҳои гуногун, мисли Брюханович Алексей (саҳ. 573), Иваников Владимир (саҳ. 621), Михаловский Алексей (саҳ. 613), Осипов Виталий (саҳ. 571) ва Псечникова Фаина (саҳ. 183) ҷойгузини ӯ гардида, дар пешрафти зиндагии қаҳрамонон саҳм мегузоранд.

Ин ҷо метавон робитаи наслҳоро низ мушоҳида кард: агар дар насли аввал (Ятим) нақши шахсони алоҳида ҳалкунанда бошад, дар насли дуюм (Абдусаттор) таъсири муҳити иҷтимоиву сиёсии низоми Шуравӣ барҷаста мегардад. Насли сеюм, яъне, худи муаллиф, маҳз дар ҳамин муҳит ташаккул ёфтааст ва воқеаҳои қисми якуми «Ёддоштҳо» низ ҳамин давраро фаро мегиранд.

Аввалин шиносоии муаллиф бо намояндагони миллатҳои дигар, аз ҷумла, русҳо дар муҳити деҳа сурат мегирад. Масалан, ҳангоми сохтмони манзили истиқоматӣ, ӯ бо устои рус Пётр ва писараш, ки таҳкурсии бетонии хонаро бунёд карданд, инчунин, бо Иван, ки боми хонаро пӯшонд, ошно мешавад. Муаллиф симои Иванро чунин тасвир мекунад: «Иван як марди қадбаланд, зардина, бо дасту панҷаи боқувват, камгап, аммо шӯх буд. Синну солаш тақрибан ба чилу панҷ-панҷоҳ дакка мехӯрд. Забони ӯро намедонистем. Агар бо Ҳикмат ба ягон кораш кумак мерасонидем, хушҳол мешуд. Аз пасмондаҳои чӯб барои мо ягон бозича ё аробачаи нав сохта медод» (саҳ.104). Ин гуна тасвирҳо на танҳо симои инсонӣ, балки муносибати гарму самимии байни миллатҳоро инъикос мекунанд.

Симои намояндагони миллатҳои гуногун дар асар дорои заминаи устувори таърихию адабӣ низ мебошад. Чунончи, дар адабиёти тоҷик устод Садриддин Айнӣ яке аз аввалинҳо буд, ки симои коргари рус – Иванро дар қиссаи «Ятим» офарид. С. Ятимов ин анъанаро идома дода, симои коргари русро дар шароити нави иҷтимоӣ, дар ҷараёни сохтмони манзили истиқоматӣ ба тасвир мекашад.

Ҳамин тавр, бо густариши ҷаҳонбинии муаллиф, аз деҳа то маркази ноҳия, аз таҳсил дар донишкада то хидмати ҳарбӣ ва аз он ҷо то таҳсил дар шаҳри Минск ва сафарҳо ба кишварҳои Аврупо доираи муошират бо намояндагони миллатҳои гуногун васеъ мегардад. Муаллиф ин мулоқотҳо ва таъсири онҳоро ба ташаккули шахсияташ бо нозукбинӣ ва воқеъгароӣ дар асар инъикос намудааст.

Тасвири симои миллатҳои гуногун дар «Ёддоштҳо» на танҳо як унсури бадеӣ, балки омили муҳимми нишон додани ҳамзистии фарҳангҳо, робитаҳои байни миллатҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо дар ташаккули шахсият ва ҷомеа мебошад.

**Дӯстони панҷум**

Номгузории бахши «Дӯстони панҷум» пас аз мутолиаи боби дувуми асар, махсусан, қисмати «Фарҳанг – бузургтарин ифодаи тавоноии инсонист» (саҳ. 260-265) ба зеҳн омад. Симои Нозимов Миралӣ – муаллими фанни физика маҳз дар ҳамин бахш дар радифи шахсиятҳои таъсиргузор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асар омадани қувваи барқ ба деҳаи Ориёно – зодгоҳи муаллиф, намоиши аввалин филм (кино) ва фаъолияти дастаи ҳаваскорони мактаб ҳамчун омилҳои муҳимми ташаккули эҳсоси фарҳангии аҳолии деҳа тасвир ёфтаанд. Ин воқеаҳо дар баробари дигар ҷузъиёти ҳаёти мактабӣ ва фарҳангии мардуми деҳа бо тафсил инъикос гардидаанд.

Агар ворид гардидани қувваи барқ ва намоиши филмҳо дар муҳити деҳа як навъ инқилоби фарҳангӣ ба шумор равад, пас асбобҳои мусиқӣ – рубоб ва доира, дар баробари таъсиси дастаи ҳаваскорон бо ташаббуси муаллими физика Нозимов Миралӣ, ҳамчун чароғе барои раҳоӣ аз зулмот ва рӯ овардан ба зебоишиносӣ хидмат кардаанд. Муаллиф ин воқеияти навро чунин таъкид мекунад: «... ҳамин як рубобу доира дар мактаб хизмати як навъ шамъеро барои баромадан аз зулмот сӯйи зебошиносӣ иҷро мекард» (саҳ. 261).

Пайдо намудани рубоби кӯҳна аз ҷониби Фатҳулло, машқи навохтани он аз ҷониби муаллиф ва дӯстонаш – Ҳикмат, Сайфиддин ва Маҳмадалӣ дар хонаи падари Ҳикмат, Бобои Абдулло, ки аз шахсони тақводори деҳа маҳсуб меёфт, дар хотираи муаллиф ҳамчун як воқеаи нодир ва таърихӣ ҷой гирифтааст. Маҳз ҳамин рубобу доира барои муаллиф ва дӯстонаш «дӯсти

панҷум» гардиданд. Тавре муаллиф менависад: «Дар омӯхтани рубоб, албатта, мо ягон устод надоштем, зеро дар тамоми деҳа як мусиқанавоз ҳам набуд. Бо вуҷуди пешравиҳои ночизи худ дар ин роҳ, мо аз дастовардамон ниҳоят қаноатманд будем. Чор нафар дӯст, рубобу доираро дӯсти панҷум меҳисобидем» (саҳ. 264).

Дар идомаи асар як қатор ҷузъиёти муҳим баён шудаанд, ки рушди завқи мусиқии муаллиф ва муҳити деҳаро нишон медиҳанд: баҳс бо муаллим Мирзоев доир ба ғижжаки страдиварӣ ва шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти Страдиварӣ; гуфтугӯи ӯ бо мулло Холмурод оид ба мусиқӣ; навохтани «гармошка» аз ҷониби бобои Раҷаб дар солҳои ҷанг ва ба деҳа овардани он пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ; пайдо шудани гармошка дар баробари рубобу доира дар дастаи ҳаваскорони мактаб; харидан ва овардани аввалин радиомагнитофон ба деҳа; дастрас намудани сабти оҳанги «Регравон» аз маркази ноҳия; ба саҳна гузоштани намоишномаи «Ноқобил»-и Аъзам Сидқӣ бо маслиҳати муаллим Мирзоев; лексияҳои ӯ оид ба фанни «Гармония»; омодагӣ ва иштирок дар фестивалҳо; муҳаббати вижа ба рубоби Анвар Бободӯстов; гум шудан ва пас аз ним аср дубора пайдо гардидани он; инчунин, навохтани оҳанги «Навои Бухоро» аз ҷониби Ализода.

Ҳамаи ин ҷузъиёт гувоҳӣ медиҳанд, ки чӣ гуна муҳаббат ба мусиқӣ дар қалби муаллиф, дӯстонаш ва умуман, аҳолии як деҳаи дурдаст шакл гирифта, тадриҷан ба як падидаи муҳимми фарҳангӣ табдил ёфтааст.

**Ҷавонӣ ва подоши хидмати хоксоронаи падар**

Давраи ҷавонии муаллиф дар асар фарогири марҳалаҳои муҳимми ҳаёт – таҳсил дар донишгоҳ, шиносоӣ бо дӯстони нав, баҳрабардорӣ аз сабақҳои устодон, рӯзгори донишҷӯӣ, сафарҳо, фаъолияти омӯзгорӣ, адои хидмати ҳарбӣ, ворид шудан ба пайроҳаи илм, таҳсил дар Минск ва бозгашт ба Тоҷикистон мебошад.

Агар дар давраи кӯдакӣ ва мактабхонӣ муаллиф баъзе воқеаҳоро бар асоси нақлу шунид баён карда бошад, дар айёми ҷавонӣ ӯ худ бевосита дар ҷараёни воқеаҳо қарор дорад ва дар замону макони онҳо ҳамчун қаҳрамони марказӣ зуҳур мекунад.

Суҳбатҳои падар ва бардоштҳои ӯ аз сабақҳои устодони донишгоҳ, ки дар муҳити хонаводагӣ бо дӯстону наздикон баён мешуданд, инчунин, пайравӣ ба кору пайкори падар ва меҳру муҳаббати муаллимони деҳа, муаллифро ҳанӯз аз синфи сеюм ба интихоби роҳи касбӣ раҳнамун сохта буданд.

Муаллиф дохил шудан ба донишгоҳро дар тасаввураш ҳамсанги Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов медонист ва эътиқоди худро ба факултети забон ва адабиёти тоҷик пайванд зада буд: «Ҳувияти миллати тоҷик муҳимтарин омиле, ки баъд аз ҳазор сол ӯро соҳибдавлат кард, забон, адабиёт-таърих, яъне, решаҳои тамаддуни ӯст» (саҳ. 358).

Рӯзҳои нахустини донишҷӯии муаллиф ба ҷустуҷӯи манзили иҷора мегузаранд. Ин ҳолат дар таърихи адабиёт низ собиқа дорад: устод Садриддин Айнӣ низ чунин таҷрибаро пушти сар карда, дар натиҷаи шиносоӣ бо Қорӣ Исмат ва зиндагии ӯ асари машҳури «Марги судхӯр»-ро эҷод намудааст. Рӯзгори донишҷӯӣ, ҳамчунин, дар осори Ф. Ансорӣ («Имтиҳон»), Сорбон («Панҷ сол») ва Абдулҳамид Самад («Парончакҳо») низ бо ҷузъиёти барҷаста тасвир ёфтааст.

Бо вуҷуди он ки муаллиф дар хобгоҳ зиндагӣ намекард, аз муҳити донишҷӯӣ дур намемонд. Сабаби чунин қарорро ӯ ба таври воқеъбинона шарҳ медиҳад: «Дар умум, хобгоҳ як макони аз ҷиҳати зиндагӣ қариб бепул бошад ҳам, барои хондан, илм омӯхтан чандон мувофиқ ба назар наменамуд» (саҳ. 366). Илова бар ин, муҳити ҳамхуҷраҳо низ ба ҳадафи асосии ӯ – донишандӯзӣ, чандон мувофиқат намекард. Аз ин рӯ, рӯзҳои аввали таҳсил ба ҷустуҷӯи манзили муносиб сарф мешаванд. Шиносоӣ бо ҳамсабақаш Намозалӣ, инчунин, муносибатҳои баъдӣ бо Ҳасан, меҳрубонӣ ва ғамхории апаи Сангимоҳ ва кампири Одинамоҳ барои ташаккули муҳити мусоиди илмомӯзӣ замина фароҳам меоранд. Ташкили китобхонаи хурд дар манзили иҷора, харидории радиои машҳури «VEF», фармоиши он тавассути «Товар-почтой», инчунин, харидани аккордеон бо мусоидати Намозалӣ, аз ҷумлаи ҷузъиёте мебошанд, ки шароити маишию фарҳангии давраи донишҷӯии муаллифро равшан месозанд. Муаллиф чунин муҳити созгорро натиҷаи некиҳои падар медонад. Зиндагӣ дар манзили иҷора, бахусус, дар хонадони хешовандони Намозалӣ, барои ӯ як таҷрибаи фаромӯшнашаванда буд: «Амали хонаводаи Ҳасан Камол, ки шӯрободиасл буданд ва пештар ба авлоди мо ягон иртибот надоштаанд, шояд подоши

хизмати хоксоронаи падарам барои он дасткушодӣ ва некиҳояш буд. Ва аз дигар тараф, ғайричашмдошт ба фарзандаш расид. Ин фалсафаро ҳамчун панди зиндагӣ низ дар назар доштам» (саҳ. 375)

Дар идомаи асар як силсила воқеаҳои ҷолиб тасвир мешаванд: муносибати бобои Абдурауф бо писараш Абдураҳмон, як лаҳзаи меҳмонӣ дар ин хонадон, сафар ба Маскав бо роҳбаладии Абдураҳмон Азимов, эҳсоси изтироб дар ҳавопаймо, ёдоварии нақлҳои кампири Музайян ва воқеаҳои марбут ба сафар бо қатораи Москва-Воскресенск. Ин ҷузъиёти ҳаётӣ ҷаҳонбинии муаллифро дар остонаи як марҳалаи нави зиндагӣ инъикос мекунанд. Ин сафар барои муаллиф оғози давраи нави шинохти воқеият гардид ва қаблан чизҳое, ки дар китобҳо хонда ё шунида буд, акнун ба таҷрибаи зинда табдил ёфтанд.

Яке аз вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ дар он аст, ки хонанда тавассути он ба паҳлуҳои гуногуни шахсият ва ҷаҳонбинии нависанда ошно мегардад. Гарчанде муаллиф дар мақолаҳои илмии худ ҷанбаҳои фалсафиро матраҳ кардааст, маҳз дар «Ёддоштҳо» дилбастагии амиқи ӯ ба фалсафа равшан эҳсос мешавад. Омода намудани маъруза дар мавзуи «Ифодаи категорияҳои фалсафии инъикос, сабаб ва оқибат дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ» ва баҳои баланд гирифтани он аз ҷониби олимони шинохта – Мӯсо Диноршоев, Мунзифа Ғаффорова ва Ғаффор Ашӯров дар миёни донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар як рӯйдоди муҳим дар ташаккули минбаъдаи илмии ӯ ба шумор меравад. Мушоҳидакорӣ аз кӯдакӣ, рағбат ба илмомӯзӣ дар мактаб ва дилбастагӣ ба мусиқӣ заминаҳое буданд, ки дар давраи ҷавонӣ такмил ёфта, муаллифро ба роҳи илм раҳнамун сохтанд. Дар ин раванд нақши падар, роҳнамоии устодон ва истифодаи дурусти имконот аҳаммияти калидӣ доштанд.

Дар баробари устодон, шахсони хайрхоҳ низ дар муваффақияти донишҷӯ нақши муҳим мебозанд. Муаллиф муваффақияти худро ба муҳити гарму самимии хонадони акаи Ҳасан нисбат медиҳад: «Яке аз сабабҳои таҳсили муваффақонаи мо дар донишгоҳ ғамхории падаронаи акаи Ҳасан буд… дар ин манзили хоксорона… тамоми шароити зиндагӣ ва дарсомӯзӣ муҳайё гардида буд» (саҳ. 456).

Агар хонанда асарро бо диққат мутолиа намояд, дарк мекунад, ки меҳвари асосии қисми аввали «Ёддоштҳо» симои муаллим ва нақши ӯ дар ҳаёти муаллиф мебошад. Тавре нишондиҳандаи мавзуӣ гувоҳӣ медиҳад, калимаи «муаллим» 29 маротиба зикр шудааст. Аз ҷумла, вохӯрӣ бо муаллим Гадойназар Бегаков таъсири амиқ гузоштааст: «Вохӯрӣ, муколама ва табодули афкор бо одами донишманд маънии хондани як китоби пурмуҳтавоеро дорад» (саҳ. 459). Маслиҳатҳои ӯ, бахусус, оид ба истифодаи методҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва таърихи типологӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии муаллиф нақши муҳим бозидаанд.

Ба назар мерасад, ки маҳз чунин мулоқоту суҳбатҳо муаллифро ба омода намудани маърузаи илмӣ дар курси чорум ва ворид шудан ба пайроҳаи илмӣ водор намудаанд, ки дар оянда ба таълифи рисолаҳои илмӣ ва асарҳои таҳқиқотӣ замина гузошт. Бояд гуфт, ки на ҳар хонанда метавонад ҳамаи ҷузъиёти асарро ба тavri комил сабт намояд; бисёре аз онҳо дар зеҳн боқӣ мемонанд. Дар робита ба ҳамин, иқтибоси мазкур ҳамчун хулоса муҳим мебошад: «28-уми июни соли 1978, баъди супоридани китобҳо ва маводи илмӣ ба китобхонаву кафедраҳо, гирифтани диплом ва хайрухуш ба муаллимон, ҳамкурсон, дӯстон, аҳли ниҳоят меҳрубон, қарин ва бародаронаи хонаводаи акаи Ҳасан Камол, ман ҷомадони худро гирифта, ба деҳа, ки аз он чор сол қабл ба ин шаҳри хурд, аммо дар меҳмоннавозӣ, одамгарӣ, инсонпарварӣ, ҷавонмардӣ беҳамто – Кӯлоб омада будам, баргаштам» (саҳ. 466).

Ин анҷом як марҳаларо ҷамъбаст намуда, оғози роҳи нави зиндагӣ ва фаъолияти минбаъдаи муаллифро ифода мекунад.

**Муаллимӣ**

Навбатпоӣ барои ворид шудан ба назди мудири шуъбаи маориф, муносибати сард ва бетафовутонаи мудири шуъбаи маориф – Абуҷаҳлов Амиралӣ нисбат ба мутахассисони ҷавон, се моҳи бекорӣ ва таъсиси китобхонаи хонагӣ оғози фаъолияти омӯзгории қаҳрамони асарро ташкил медиҳанд, ки бо тамоми ҷузъиёт дар асар инъикос ёфтаанд. Муаллиф ҳолати руҳии худро дар оғози фаъолият чунин баён мекунад:

«Аз он ки ман ба кор оғоз кардам ва он ҳам аз ҳисоби соатҳои дарсии падари бузургворам, андак хиҷолат мекашидам. Аммо як садо ва қувваи ботинӣ маро ҳидоят мекард, ки ҳамакнун

вақти амал аст. Бояд тамоми имконияти худро барои тасдиқи хонданҳо, дидаҳову шунидаҳо ва тасаввуроту ҷаҳонбиниҳо амалӣ созам» (саҳ. 498).

Баъди мутолиаи ин бахш хонанда бовар ҳосил мекунад, ки ин андешаҳо дар амал исботи худро меёбанд. Аз ҷумла, таъсиси маҳфили мухбирони ҷавон, нашри рӯзномаи синфии «Матин» ва рӯзномаи деворнии умумимактабии «Ватан», роҳбарии маҳфили илмӣ-методии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик дар се мактаб, баромад бо маърузаҳои илмӣ-методӣ дар назди омӯзгорони таҷрибадор ва муҳокимаи онҳо, инчунин, ворид намудани тағйироти асоснок ба барномаи таълимии маҳфил, ки аз ҷониби шуъбаи маорифи ноҳия тасдиқ гардида буд, аз фаъолияти густардаи ӯ дарак медиҳанд. Ҳамзамон, тарғиби осори насрии устод Садриддин Айнӣ дар ҷараёни машғулиятҳо барои як омӯзгори ҷавон кори саҳлу осон набуд. Агар фаъолияти соли аввали омӯзгории қаҳрамони асарро бо фаъолияти мутахассисони ҷавони имрӯз муқоиса намоем, фарқиятҳо хеле назаррасанд. Хонанда метавонад хулоса барорад, ки агар ҳар як хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти худро бо чунин масъулият ва ташаббус оғоз намояд, ба чи дастовардҳо метавон ноил гардид. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҷрибаи чунин фаъолиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон мавриди омӯзиш қарор гиранд. Ҳатто ҳамин ҷузъиёти асар кофист, ки мафҳуми «мутахассиси ҷавон» дар амал бознигарӣ шавад.

Дар ин замина, истифодаи ибораи «қаҳрамони асар» ба ҷойи «муаллифи асар» низ рамзӣ мебошад: маҳз дар ҳамин давра ӯ ба ҳайси қаҳрамони фаъол ва амалгаро зуҳур мекунад. Орзуи деринаи ӯ – омӯзгор шудан, амалӣ мегардад. Сарфи назар аз муносибати нохуши мудири шуъбаи маориф, ноумед намешавад ва аз рӯзҳои аввали фаъолият собит месозад, ки сазовори номи омӯзгор ва пайрави падар мебошад. Ҳамзамон, дар давоми шаш моҳи фаъолияти омӯзгорӣ ӯ ҷуръат намуда, ба номи Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол мекунад: «...дар яке аз шабҳо, баъди китобхонии муқаррарӣ, ба номи Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Осимӣ Муҳаммад Сайфиддинович нома навиштам... Хоҳиш кардам, ки маро барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба аспирантураи шуъбаи фалсафа иҷозат диҳад» (саҳ. 503).

Қаҳрамони асар дар ҳалли масъалаҳо ҳаргиз руҳафтода намешавад. Гарчанде муддате посухи мактуб дер мерасад, ӯ ба андешаҳои гуногун рӯ меорад, аммо иродаи худро аз даст намедиҳад: «Ман ҳар рӯзро ҳисоб мекардам. Расо як моҳ гузашт. Аз нома хабар набуд. Тадриҷан умеди худро аз аспиранти Академияи илмҳо шудан мекандам. Роҳҳои дигари эҳтимолии расидан ба ин орзуро фикр мекардам. Аммо маслиҳатчии тақдир, ки ба ин нозукиҳо сарфаҳм равад, маро роҳнамоӣ кунад, надоштам.» (саҳ.504).

Бо вуҷуди ин, посухи мусбат дертар мерасад ва ҷараёни тақдири ӯ тадриҷан равшан мегардад. Дар ин замина, нақши падар ва суҳбати охирини ӯ аҳаммияти вижа касб мекунад. Падар шахсияти академик Муҳаммад Осимиро чунин тавсиф мекунад: «Ӯ марди ҷасуру далер... аз бузургтарин олимони миллати тоҷик аст... Ин гуна одамон нодиранд» (саҳ. 527).

Дар таҳлили ин раванд метавон гуфт, ки «маслиҳатчии тақдир» барои қаҳрамон то андозае дар симои муаллим Гадойназар Бегаков таҷассум меёбад. Маҳз суҳбатҳо ва тавсияҳои ӯ ба қаҳрамон таъсири ҷиддӣ расонда, самти фаъолияти минбаъдаи ӯро муайян мекунанд. Ҳузури ӯ дар асар, аввал дар муҳити донишҷӯӣ ва баъдан дар марҳалаи фаъолияти касбӣ, нақши ҳалкунанда дорад. Дар идомаи воқеаҳо, омилҳои дигар низ ба ташаккули тақдири қаҳрамон таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, робита бо Абдуҷаббор Суюнов, масъалаи хидмати ҳарбӣ ва фаъолияти минбаъда дар маркази ноҳия. Қаҳрамон, бо вуҷуди душвориҳо, аз ҷумла, муносибати сард, таъмини нокифоя бо сарбории таълим, ба хулосаи воқеъбинона мерасад: «Наздик ба даҳ моҳ азоби нодаркорӣ кашидам... агар дар ҷойе даркор шуда бошам, хушбахтам» (саҳ. 509).

Дар идомаи асар ҷузъиёти дигари муҳим – омӯзиши хатти арабиасос, қиссаи «Ҳадаҳа», давраи хидмати ҳарбӣ, воқеаҳои қатора, қиссаи Ҷалолдаллол, таҳсил дар курси афсарӣ, бозгашт аз аскарӣ, мулоқот бо Абдуҷаббор Суюнов ва таҳсил дар Минск марҳалаҳои гуногуни ҳаёти қаҳрамонро инъикос мекунанд.

Қисми якуми «Ёддоштҳо» маҳз бо ҳамин воқеаҳо анҷом меёбад, ки дар онҳо муаллиф ҳамчун қаҳрамони марказӣ дар ҷараёни рӯйдодҳо ҳузури фаъол дорад. Дар баробари ин, метавон эҳтимол дод, ки бисёре аз воқеаҳо ва ёддоштҳои дигар дар зеҳни муаллиф боқӣ мондаанд ё бо

сабабҳои гуногун ба матн ворид нашудаанд. Аз ин рӯ, ҳифзи дастнависҳо ва нусхаҳои таҳриргардидаи асар аҳаммияти илмӣ дорад, зеро дар оянда онҳо метавонанд мавриди таҳқиқи адабиётшиносон ва матншиносон қарор гиранд. Ҳамчунин, баъзе қисматҳои асар, бахусус, саргузаштҳои ҷудогонаи қаҳрамонҳо, метавонанд дар шакли асарҳои мустақил (қиссаҳо) низ пешниҳод шаванд.

Дар анҷом бояд таъкид кард, ки асари бадеӣ бидуни бархӯрд ва симоҳои гуногун, аз ҷумла, манфӣ комил намегардад. Дар ин асар низ чунин симо мавҷуд аст ва аз рӯи мушоҳидаҳо, симои манфӣ бештар дар шахсияти Абуҷаҳлов Амиралӣ таҷассум ёфтааст, ки тавассути рафтору муносибаташ зиддияти дохилии асарро пурзӯр месозад.

**Хулоса**

«Ёддоштҳо» аз 9 боб, 135 сарлавҳа, 64 мавқеи феҳристи номҳои шахсӣ, 30 номгӯи ҷуғрофӣ ва 307 нишондиҳандаи мавзуӣ иборат мебошад. Дар феҳристи номҳои ҷуғрофӣ бештар номҳои Тоҷикистон – 17 маротиба, Душанбе – 18, Кӯлоб – 19, Фархор – 12 ва Ориёно – 20 маротиба зикр шудаанд. Ин такрорҳо бо ҳаёт, фаъолияти шахсӣ ва воқеаву ҳодисаҳои аз сар гузаронидаи муаллиф иртиботи мустақим доранд.

Дар нишондиҳандаи мавзуӣ низ вожаҳои калидӣ бо басомади баланд истифода шудаанд: «Ватан» – 40, «дониш» – 70, «донишгоҳ» – 79, «забон» – 99, «зиндагӣ» – 85, «инсон» – 73, «китоб» – 25, «мактаб» – 30, «маориф» – 17, «муаллим» – 22, «устод» – 19 ва «хирад» – 25 маротиба. Маълумоти мазкур нишон медиҳад, ки меҳвари асосии асар масъалаҳои маърифат, илм, тарбия ва арзишҳои инсонӣ мебошанд.

Муаллиф барои таҳкими андешаҳои худ аз сарлавҳаҳои баргирифта аз зарбулмасалу мақолҳо ва афкори классикони тоҷик ва ҷаҳон истифода бурдааст, ки ин равиш хоси жанри ёддоштнависӣ мебошад. Аз ҷумла: «ҳаққи худро аз даҳони шер мебояд гирифт» (саҳ. 11), «ду бор кӯчонидан ба як бор сӯхтан баробар аст» (саҳ. 59), «ба девор баҳс кардан кори хирадмандон нест» (саҳ. 3), «одамро чӣ мепурсӣ, корашро бин» (саҳ. 83), «дар дунё ягон некӣ беҷавоб намемонад» (саҳ. 124), «нодон аз по мехӯрад, доно аз сар» (саҳ. 617). Ҳамчунин, афсона ҳамчун як унсури муҳимми маънавӣ дар асар ҷойгоҳи хос дошта, тибқи нишондиҳандаи мавзуӣ 19 маротиба зикр шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки шахсияти устод Садриддин Айнӣ ва мероси адабию маърифатпарваронаи ӯ дар ҷаҳонбинии муаллиф мавқеи махсус дорад. «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов дар пайравии анъанаи ёддоштнависии устод Садриддин Айнӣ таълиф гардида, дар рушди ин жанр дар адабиёти давраи истиқлол саҳми назаррас мегузорад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ёддоштнависӣ он аст, ки муаллиф муҳити зист, деҳа ё диёри худ, воқеаҳои шинос ва саргузашти шахсони наздикро бо самимият ва ҷузъиёти зинда тасвир мекунад. Дар ин асар низ чунин равиш ба таври комил риоя шудааст. Муаллиф ҳам ҳамчун иштирокчии бевоситаи воқеаҳо ва ҳам ҳамчун мушоҳид ва шунаванда ҳузур дорад, ки ин ба асар воқеъгароӣ ва таъсирнокии бештар мебахшад.

Дар мавриди нақши адиб худи С. Ятимов чунин менависад: «Адиб ҳамчун субъекти офарандаи асари бадеӣ дар ҷомеа вазифаи худро вобаста ба дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, самтгирии идеявӣ ва масъулияти иҷтимоии хеш иҷро мекунад. Ба мисли дигар аъзои фаъоли ҷомеа омилҳои умдае, ки дар шаклгирӣ ва инкишофи шахсияти ӯ муассиранд, даврони бачагӣ, наврасӣ, ҷавонӣ, синни камолот, мактаб, донишгоҳ, устодон, алоқаҳо, муносибатҳо, фаъолияти корӣ, вазъи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, табиат, муҳити атроф мебошанд. Волидайн, маънавиёти онон аз муҳимтарин ва нахустин сабабҳои қалам бигрифтан ва эҷод кардани адибон шинохта мешавад» (Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт // «Илм ва Ҷомеа», №4 (12), 2018). Бо такя ба ин андеша метавон гуфт, ки муаллиф дар «Ёддоштҳо» вазифаи эҷодии худро ҳамчун адиб ва шахсияти иҷтимоӣ ба таври шоиста иҷро намудааст. Ӯ анъанаи ёддоштнависии мактаби устод Садриддин Айниро идома дода, онро дар шароити нави таърихӣ рушд бахшидааст.

Ҳамин тавр, «Ёддоштҳо» бо такя ба хотираи қавӣ ва тафаккури амиқи муаллиф таълиф гардида, арзишҳои умумиинсонӣ, худшиносии миллӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро мегирад ва ба ин васила адабиётро бо арзишҳои бунёдии маънавӣ пайванд месозад.

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ – КАФИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ



Саидахонум САФАРОВА – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар шаҳри Ҳисор

**Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми тоҷик аст. Ҳоло ки Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун кишвари озоду демократӣ эътироф кардааст, мо бояд мисли ангуштони даст, шохобҳои як рӯд, фарзандони як модар амал намуда, тафохур аз гузаштаи пурифтихор дошта бошем, арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намоем ва дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати миллӣ ва рушду пешрафти кишвар саҳмгузор бошем.**

Мо, тоҷикон, ҳуқуқи комил дорем, ки бо Тоҷикистони азиз, бо миллати мутамаддин, бо забони худ, бо таърихи пурифтихори ниёгонамон ифтихор намоем. Халқи тоҷик аз шумори он миллатҳоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медоранд. Дар олам чанд муқаддасоти ягона мавҷуд аст, ки Модару Ватан ба он шомил мешаванд.

9-уми сентябри соли 1991 дар саҳифаҳои таърихи Тоҷикистони азизамон бо ҳарфҳои зарин сабт гардидааст. Ин санаи таърихӣ ва муҳимми давлатдории миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Тӯли сиву панҷ сол боз аз музаффарияту комёбиҳои бадастовардаамон ёд мекунем, ки ҳама аз баракату натиҷаи истиқлоли воқеист. Дастовардҳои замони истиқлол моро водор месозанд, ки дар истеҳкоми давлати демокративу ҳуқуқбунёдамон саҳми бориз дошта бошем. Истиқлоли давлатӣ барои кулли мардуми тоҷик дари бахту саодатро кушод.

Имрӯз мардуми мо хушбахт аз он аст, ки дар хонаи ободу Ватани озод ва кишвари пешрафта зиндагӣ ва меҳнат мекунанд. Халқи шарифи тоҷик кӯшиш менамояд, ки доимо Ватан ободу ояндааш боз ҳам ободтар бошад. Аз ин рӯ, мо бояд бо камоли хештаншиносиву номуси ватандорӣ, моҳият ва арзиши таърихии истиқлолу ҳастии давлатамонро эҳсос намуда, ба қадри муқаддасоти миллӣ, арзишҳои истиқлол, сулҳу ваҳдат, тинҷию оромӣ ва якпорчагии Тоҷикистон бирасем. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Истиқлол ба мо хеле осон ва сабук насиб шуд, шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки мо ба қадри ин ҳадяи тақдир нарасидем ва Тоҷикистон ба ҷанги хонумонсӯзи ватанӣ кашида шуд». Ба ҳар сурат, хиради азалии мардуми шарифи тоҷик боло гирифту тадриҷан аз хатоҳои сиёсии хеш пушаймон гардида, домони созандагиро пеш гирифтанд. Дар марҳалаи бештар аз сиву панҷ соли охир қариб ҳамаи соҳаҳо ба пуррагӣ рушд карданд».



Аммо истиқлолият танҳо санади ҳуқуқӣ ё ҷашн нест, балки масъулият ва вазифаи бузург дар назди таърих ва наслҳои оянда аст. Таҷрибаи 35 соли соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки

истиқлолият барои тоҷикон на танҳо рамзи озодӣ, балки шарти асосии ваҳдат, пешрафт ва давлатдории миллӣ мебошад.

Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба гирдоби мушкилоти сахт — ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳронҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд. Миллате, ки навакак соҳиби озодию мустақилият гардида буд, хатари парокандагӣ ва аз байн рафтани давлатдориро эҳсос кард. Ин давра, ки метавон онро имтиҳони таърих номид, нишон дод, ки истиқлолро танҳо бо ҳифзи ваҳдат ва сулҳ метавон нигоҳ дошт. Дар чунин шароити душвор ба саҳнаи сиёсат баромадани фарзанди фарзонаи миллат — Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кишвар сарнавиштсоз гардид. Бо роҳбарии ӯ раванди музокироти сулҳ оғоз ёфт ва 27 июни соли 1997 дар Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Аз ҳамон рӯз марҳалаи нави давлатсозӣ ва таҳкими истиқлолият оғоз гардид. Расидан ба марҳалаи истиқлолияти сиёсию давлатӣ, ки мардуми шарифи Тоҷикистон онро ба унвони ҳадяи сарнавишт пазируфтааст, зиндагии ҷомеаи навини тоҷикро ба куллӣ тағйир дода, роҳ ба сӯйи уфуқҳои тозаи рушдро кушод. Зимнан, дар тӯли таърихи башарӣ ҷомеа, мардум ва кишварҳои мутамаддини ҷаҳон бо номи Истиқлоли давлатӣ савганди садоқат ба ҷо оварда, дар ин масири саодатбахш ва руҳафзо ҷоннисорӣ карданд. Муҳимтар аз ҳама, Истиқлоли давлатӣ ба унвони ормони таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ сарнавишти миллатро дар замон ва макони мушаххаси таърихӣ рақам зада, ҷомеаро ба сӯйи инкишофу таҳаввул ҳидоят менамояд. Азму иродаи қавии халқи тоҷик барои расидан ба рукнҳои давлатдорӣ нақши муассир гузошт. Насли хештаншиносу худогоҳ дар аввали солҳои соҳибистиклолӣ бо садоқату саодати хеш, барои мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ қадамҳои устувор гузоштанд. Ба ин хотир, наврасону ҷавононро мебояд, аз ин сабақ бардоранд, ба амалҳои созандаи Сарвари давлат пайравӣ кунанд. Бояд қайд намуд, ки такя ба насли худогоҳи миллат метавонад, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои онро аз равандҳои хатарафзои ҷаҳонишавӣ эмин нигоҳ дошта, давлати соҳибистиқлол ва навбунёди мо, тоҷикон дар ҷаҳон ба ин васила поянда ву қавӣ бимонад.

Баъди аз байн рафтани ИҶШС тоҷикон истиқлолияти давлатии худро эълон доштанд, вале афсӯс, душманону бадбинони миллат моро ором нагузоштанд ва рӯзҳои вазнинро ба сарамон оварданд. Ҳамаи ин ба дили мардум ноумедӣ зам менамуд ва ҳамин буд, ки онҳо оромиро дар мулки дигарон ҷустанд, гуреза шуда, талафоти зиёди ҷонӣ доданд. Бузурге фармудааст: «Он ки некбахтии худро ба дасти дигаре медонад, басе ноком̄ хоҳад кашид». Бинобар ин, ҳар яки мо бояд бахри пешравии сарзамини худ саъю кӯшиш кунем. Камоли воқеии фарзандони фарзонаи миллат буд, ки ба ин ноороми ҳо ва ватансӯзиҳо нуқтаи таммат гузошта шуд.

Аз ин рӯ, ҳар фарди ҷомеаро зарур аст, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати рушди илму маърифат ва тараққиёти технологияи муосир кӯшиш ба харҷ дода, бахри пешрафту шукуфоии ватани маҳбубамон саҳми арзандаи худро гузорад.

**Фарҳанги сулҳ пурарзиштарин неъмат ва беҳтарин дастоварди халқи тоҷик, ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишвар мебошад, ки арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ кардаанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# НАҚШИ ОМӮЗГОРИ МУОСИР ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ



**Саидашраф ҲАСАНОВ – сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, татбиқи лоиҳа ва грантҳои ДҶТИБКСМ**

**Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи муосир ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ, сармояи инсонӣ ҳамчун захираи стратегии давлат ва омили калидии рақобатпазирии миллӣ эътироф гардида, сатҳи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як кишварро муаррифӣ менамояд. Асоси рушди иқтисод ва рақобатпазирии дилхоҳ кишвар маҳз аз сифати сармояи инсонӣ вобаста аст. Дар ин замина табиист, ки нақши маориф ҳамчун ниҳоди асосии ташаккули сармояи инсонӣ ба таври назаррас рӯз аз рӯз меафзояд.**

Аз ин ҷост, ки ба зиммаи маориф дар замони муосир на танҳо интиқоли дониш, балки рушди тафаккури таҳлилӣ, эҷодкорӣ, иртиботӣ (коммуникатсия), масъулияти иҷтимоӣ ва омодагӣ ба омӯзиш пайваста гузошта шудааст. Дар маркази ин раванд омӯзгори босалоҳият қарор дорад, ки фаъолияти ӯ самаранокии низоми маориф ва сифати натиҷаҳои таълимро муайян менамояд.

Омӯзгори муосир танҳо интиқолдиҳандаи дониш набуда, ҳамчун ташкилкунандаи муҳити омӯзиш, роҳнамо ва тарбиятгари шахсияти муосир шароити мусоидро барои иштироки фаъолонаи таълимгирандагон дар ҷараёни таълим фароҳам меорад ва онҳоро ба субъектҳои фаъоли омӯзиш табдил медиҳад. Дар ин маврид мактабшиноси варзида, шодравон Ҳабибулло Бобоев хеле бамаврид таъкид карда буд: «Омӯзгор бояд на ҳамчун интиқолдиҳандаи ахбор, балки ҳамчун ҳамкори фаъоли ҷараёни таълим бароmad кунад, ӯ мактаббачаро на объекти таъсир, балки субъекти фаъоли ҷараёни дарс қарор диҳад».

Нақши омӯзгори босалоҳият дар рушди сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта, барои такмили низоми маориф, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии шахсияти рақобатпазири асри XXI заминаи устувор фароҳам овардан аст. Дар ин замина, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи густариши сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (2023) таъкид карданд: «Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад». Ин андеша бори дигар аҳаммияти стратегии рушди сармояи инсониро дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгӯ менамояд.



Мафҳуми «сармояи инсонӣ» дар илм ҳамчун маҷмуи дониш, малака, қобилият, таҷриба ва арзишҳое фаҳмида мешавад, ки сатҳи қобилияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва эҷодии шахсро муайян менамоянд. Дар доираи назарияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сармояи инсонӣ ҳамчун захираи муҳим арзёбӣ гардида, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, инноватсия ва пешрафти ҷомеа мусоидат мекунад. Ба андешаи Г. Беккер, «сармоягузорӣ ба инсон, аз ҷумла, тавассути маориф, яке аз самаранoктарин ва

дарозмуддаттарин шаклҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, он ҳам барои шахс ва ҳам барои ҷомеа манфиатҳои устувор ба бор меорад». Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» рушди сармояи инсонӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Рушди сармояи инсонӣ ҳамчун афзалияти сиёсати натиҷагир ва асоси беҳбудии сатҳи зиндагӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ муайян гардидааст, ки он тавассути беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои сифатнок, аз ҷумла, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда мешавад».

Дар ҷомеаи муосир сармояи инсонӣ на танҳо омили рушди иқтисодӣ, балки пояи суботи иҷтимоӣ, пешрафти фарҳангӣ ва устувори давлат ба шумор меравад. Сармояи инсонӣ сатҳи рақобатпазирии кишварро дар арсаи байналмилалӣ муайян намуда, имконоти онро барои ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ васеъ мегардонад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатии кишварҳо торафт бештар ба рушди инсон, баланд бардоштани сифати маориф, тандурустӣ ва илму инноватсия равона мегардад.

Лоиҳаи «Сармояи инсонӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ, ки дар самти мазкур фаъолиятҳоро ба роҳ мондааст, омӯзгори босалоҳиятро чунин тавзеҳ медиҳад: «Омӯзгори босалоҳият муҳимтарин омили беҳтар гардидани натиҷаҳои таҳсил ва рушди сармояи инсонӣ мебошад».

Донишманди тоҷик Назира Орифҷонова низ нақши ҳалкунандаи сармояи инсониро таъкид намудааст: «Сармояи инсонӣ, ки дониш, малака, тахассус, саломатӣ ва қобилиятҳои одамонро дар бар мегирад, манбаи асосии истеҳсолот, инноватсия ва рушди устувори тамоми соҳаҳои ҷомеа ва давлати миллӣ мебошад». Ин андеша бозгӯйи он аст, ки рушди сармояи инсонӣ на танҳо вазифаи соҳаи маориф, балки масъалаи умумимиллӣ буда, ҳамоҳангии фаъолияти тамоми ниҳодҳои иҷтимоиро тақозо мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои мазкур ва натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, метавон ба хулосае омад, ки омӯзгори босалоҳият шахсест, ки дорои дониши амиқи фаннӣ, маҳорати педагогӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ҳисси баланди масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Омӯзгори босалоҳият омили асосии рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад, зеро на танҳо донишро интиқол медиҳад, балки салоҳиятҳои асосӣ, малакаҳои тафаккури таҳлилӣ, эҷодкорӣ, қобилиятҳои ҳалли мушкилот ва арзишҳои иҷтимоиву ахлоқиро дар ниҳоди таълимгирандагон ташаккул медиҳад. Ин раванд ба муваффақият, самаранокӣ, фаъолияти амалии шахс ва дар маҷмуъ, ба рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Пас, омӯзгори босалоҳият кадом махсусиятҳоро доро мебошад? Натиҷаи таҳқиқотҳо ва мушоҳидаҳои амалӣ баёнгари онанд, ки омӯзгори босалоҳият** дорои чунин аломатҳост:

**1. Дониши касбӣ.**

Омӯзгор бояд дорои дониши амиқи фаннӣ ва педагогӣ бошад, стандартҳои таълим, барномаҳо ва усулҳои муосири омӯзишро хуб донад ва онҳоро дар амал татбиқ намояд.

**2. Арзиш ва муносибат.**

Омӯзгори босалоҳият ба арзишҳои инсонӣ, ахлоқи касбӣ, эҳтиром ба шахсияти таълимгиранда, масъулият, адолат ва ҳамкорӣ такя мекунад. Муносибати мусбат ба омӯзиш, навоварӣ ва рушди пайваста яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ва муҳимми касбияти омӯзгор мебошад.

**3. Маҳорати касбӣ.**

Ин ҷузъ қобилияти амалӣ намудани донишро дар равандҳои таълим дар бар мегирад: банақшагирии самараноки дарс, истифодаи методҳои фаъол, арзёбии омӯзиш, идоракунии синф ва татбиқи технологияҳои рақамӣ.

Дар шарҳи лоиҳаи дастгирии сифати таҳсилот – ЮНЕСКО чунин шарҳ омадааст: «Таҳсил ва рушди сармояи инсонӣ – заминаи рушди ҷомеа мебошанд ва омӯзгорон дар маркази низоми таҳсилоти босифат қарор доранд».

**Дар татбиқи рушди сармояи инсонӣ омӯзгор шахсияти калидӣ маҳсуб шуда, тарбиятгари насли наврас мебошад, аз ҷумла:**

**1. Интиқолдиҳандаи дониш ва малакаҳо.** Омӯзгор на танҳо дониш медиҳад, балки малакаҳои амалии асри XXI – тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъала, муошırати муассир ва истифодаи технологияҳоро ташаккул медиҳад.

**2. Тарбияи арзишҳо ва фарҳанги шаҳрвандӣ.** Бо намунаи шахсӣ омӯзгор масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба қонун, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстиро дар ниҳоди хонандагон инкишоф медиҳад ва ин арзишҳо пояи сармояи инсонӣ мебошанд.

**3. Рушди қобилиятҳои инфиродӣ.** Омӯзгори муосир истеъдод ва шавқу ҳаваси ҳар як хонандаро ошкор намуда, муҳити фарогир ва дастгиркунанда фароҳам меорад, то ҳар шахс тавоноии худро пурра истифода кунад.

**4. Омодасозӣ ба талаботи бозори меҳнат.** Тавассути равишҳои амалии омӯхтан, омӯзиши лоиҳавӣ ва касбӣ омӯзгор хонандаро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ месозад.

**5. Навоварӣ ва рушди муттасили касбии омӯзгори босалоҳият.** Омӯзгор бо рушди муттасили касбии худ (РМКО), истифодаи технологияҳои рақамӣ ва методҳои инноватсионӣ сифати таълимро баланд мебардорад, ки мустақиман ба рушди сармояи инсонӣ таъсир дорад.

Дар ҷомеаи муосир маҳз омӯзгори босалоҳият метавонад шароити рушди ҳамаҷонибаи шахс, аз ҷумла, рушди зеҳнӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва касбиро фароҳам оварда, нақши ҳалкунандаро дар ташаккули сармояи инсонии баландсифат бозад. Аз ин рӯ, фаъолияти омӯзгори босалоҳият бояд бо стратегияҳои навоварона, усулҳои интерактивӣ ва рушди пайвастаи босалоҳият ҳамоҳанг гардад, то ба рушди инсон ва ҷомеа таъсири устувор ва дарозмуддат расонад.

Дар гузориши ЮНИСЕФ оид ба «Пешрафт дар некуаҳволии кӯдакон: гузоштани ҳуқуқҳои кӯдак дар маркази Барномаи рӯзномаи 2030 барои таъмини ояндаи устувор барои ҳар як кӯдак» таъкид шудааст, ки сармоягузорӣ дар соҳаҳои таҳсилот, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон муҳимтарин роҳи ноил шудан ба рушди инсонӣ ва устувории ҷомеа мебошад.

Талаботи ҷомеаи муосир вобаста ба тағйирёбии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ба фаъолият ва сатҳи касбияти омӯзгор талаботи нав мегузорад. Омӯзгори муосир бояд

- технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро самаранок истифода бурда тавонад;
- усулҳои фаъоли таълимро татбиқ намояд;
- ба рушди муттасили босалоҳият машғул шавад;
- малакаҳои коммуникатсионӣ ва эҷодиро рушд диҳад.

Рушди муттасили касбии омӯзгор яке аз омилҳои асосии ташаккули сармояи инсонии босифат ва устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақобати иқтисодӣ ва пешрафти босуръати технология, нақши омӯзгори босалоҳият, навовар ва масъулиятшинос боз ҳам муҳимтар мегардад. Маҳз омӯзгори босалоҳият на танҳо дониш, балки малакаҳои тафаккури таҳлилӣ, эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ва арзишҳои иҷтимоиро дар насли нав ташаккул медиҳад.

Барои рушди маҳорати касбӣ ва тарбияи омӯзгори босалоҳият якчанд омили асосӣ дар низоми маорифи миллӣ, махсусан, такмили ихтисос ба назар мерасад, аз ҷумла:

- **Иштирок дар курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ** яке аз унсурҳои муҳимми рушди касбии мунтазами омӯзгор ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба омӯзгор имкон медиҳад, ки донишу малакаи худро пайваста таҷдиди назар намуда, ба талаботи муосири соҳаи маориф мутобиқ созад.

Тавассути курсҳои такмили ихтисос омӯзгор бо тағйироти куррикулум, стандартҳои нави таълим, усулҳои инноватсионии омӯзиш, арзёбӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ шинос мешавад. Ин курсҳо замина фароҳам меоранд, то омӯзгор таҷрибаи амалии худро таҳлил намуда, камбудиҳоро муайян ва роҳҳои беҳтар намудани сифати таълимро пайдо кунад.

Семинарҳои омӯзишӣ майдони мубодилаи таҷриба, омӯзиши таҷрибаҳои пешқадам ва рушди тафаккури касбиро таъмин менамоянд. Дар чунин семинарҳо омӯзгорон имкони баррасии мушкилоти воқеии раванди таълим, иштирок дар муҳокимаҳои касбӣ, омӯзиши муносибатҳои нав ва ташаккули малакаҳои ҳамкориро пайдо мекунанд.

- **Омӯзиш ба воситаи платформаи рақамӣ (рӯ ба рӯ ва фосилавӣ)** яке аз шаклҳои муосири ташкили раванди таълим буда, ба баланд бардоштани дастрасӣ, самаранокӣ ва сифати омӯзиш мусоидат менамояд.

Дар омӯзиши рӯ ба рӯ бо дастгирии платформаҳои рақамӣ, технология ҳамчун воситаи иловагӣ истифода мешавад: маводи таълимӣ дар шакли электронӣ пешниҳод мегардад, супоришҳо ва арзёбӣ тавассути платформаҳо анҷом меёбанд, ҳамчунин, имкони пайгирии пешрафти омӯзандагон фароҳам меояд. Ин шакл омӯзишро фаъол, интерактивӣ ва ба ниёзҳои фардии шунавандагон мутобиқ месозад.

Омӯзиши фосилавӣ тавассути платформаҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим, новобаста аз макон ва вақт, идома ёбад. Дар ин ҳолат платформаҳои рақамӣ муҳити ягонаи омӯзиширо фароҳам меоранд, ки дар он муоширати мустақим (онлайн), омӯзиши мустақилона, баррасиҳо, супоришҳо ва арзёбӣ дар заминаи низоми муайян ба роҳ монда мешаванд. Ин шакли омӯзиш, махсусан, дар шароити маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ё замонӣ аҳаммияти калон дорад.

➤ **Иштирок дар форум, мизи мудаввар, конференсия, мастер-классҳо, вебинар, воркшоп, коучинг ва роҳбаладӣ** яке аз самтҳои муҳимми рушди касбии омӯзгор ба шумор меравад. Ин шаклҳои омӯзиш ва ҳамкории касбӣ ба такмили донишу малака, густариши ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбият мусоидат менамоянд.

Форумҳо, мизҳои мудаввар ва конференсияҳо муҳити мубодилаи андеша, баррасии масъалаҳои мубрами соҳаи маориф ва муаррифии таҷрибаҳои пешқадамро фароҳам меоранд. Иштирок дар чунин чорабиниҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бо равандҳои нав, натиҷаҳои тадқиқотӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилот шинос шавад.

Мастер-классҳо ва воркшопҳо бештар ба ҷанбаи амалӣ нигаронида шуда, барои аз худ кардани усулҳо, технологияҳо ва равишҳои нави таълимӣ мусоидат мекунанд. Омӯзгор дар ин шаклҳо имкони озмоиши мустақими малакаҳо ва татбиқи онҳоро дар таҷрибаи худ пайдо менамояд.

Вебинарҳо дастрасии васеъ ба омӯзишро таъмин намуда, новобаста аз макон ва вақт, имкони иштирок дар муҳокимаҳо ва омӯзиши таҷрибаи мутахассисони ватанӣ ва байналмилалиро фароҳам месозанд.

Коучинг ва роҳбаладӣ (менторинг) ба рушди инфиродии омӯзгор нигаронида шудаанд. Тавассути ин равишҳо омӯзгор дар муайян намудани ҳадафҳои касбӣ, таҳлили таҷрибаи худ, бартарафсозии мушкилот ва қабули қарорҳои самаранок дастгирӣ мeёбад. Таҷрибаомӯзӣ ва худомӯзӣ ҷузъи ҷудонашавандаи рушди касбии пайвастаи омӯзгор ба ҳисоб мераванд. Ин равандҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки донишу малакаи худро дар амал таҳким бахшида, таҷрибаи шахсиро ба таври бошуурона рушд диҳад.

Таҷрибаомӯзӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар муҳити воқеии таълим татбиқ намояд, усулҳо ва стратегияҳои гуногуни педагогиро санҷад ва аз натиҷаҳои амалии онҳо хулоса барорад. Тавассути таҷрибаомӯзӣ омӯзгор малакаҳои касбии худро такмил дода, қобилияти ҳалли мушкилоти воқеии раванди таълим, мутобиқ шудан ба вазъиятҳои гуногун ва такмили сифати таълиму тарбияро инкишоф медиҳад.

Худомӯзӣ шакли фардии рушди пайвастаи касбӣ буда, ба ташаббуси шахсии омӯзгор такя мекунад. Омӯзгор тавассути мутолиаи адабиёти касбӣ, омӯзиши манбаъҳои рақамӣ, таҳлили таҷрибаи шахсӣ ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ дониши худро пайваста мукаммал менамояд. Худомӯзӣ ҳисси масъулият, худидоракунӣ ва андешаронии таҳлилиро тақвият бахшида, омӯзгорро ба омӯзиши муттасилӣ ҳидоят мекунад.

Ҳамин тавр, ҳамгироии таҷрибаомӯзӣ ва худомӯзӣ ба ташаккули омӯзгори мустақил, эҷодкор ва босалоҳият мусоидат намуда, заминаи боэътимодро барои рушди муттасили касбӣ ва беҳтар шудани натиҷаҳои таълим фароҳам меорад.

Мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи касбият, ҳавасмандӣ ва омодагии касбии омӯзгорон бо сифати таҳсилот ва сатҳи рушди сармояи инсонӣ робитаи мустақим дорад. Агар омӯзгорон ба тағйироти барномаҳо, технологияҳои таълимӣ ва талаботи бозори меҳнат сари вақт мутобиқ нашаванд, маориф наметавонад вазифаи стратегии худро дар рушди ҷомеа иҷро намояд.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф масоили дар боло зикршударо амалӣ намуда, пайваста дар рушди касбии омӯзгорон саҳм мегузорад. Тибқи стратегияи донишкада, ҳар сол 33% омӯзгорону кормандони соҳаи маориф аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуда, барои беҳтар шудани сифати таҳсилот кумак мерасонанд.

Дар маҷмуъ, сармоягузорӣ ба рушди муттасили касбии омӯзгорон бояд ҳамчун сармоягузории стратегӣ ба рушди устувори кишвар баррасӣ гардад. Ин сармоягузорӣ на танҳо баланд бардоштани донишҳои фаннӣ, балки ташаккули салоҳиятҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои инноватсионӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва рушди фарҳанги касбии омӯзгоронро дар бар мегирад. Бе омӯзгори муосири рақобатпазир, ки тавонад ба ниёзҳои хонандагони асри XXI ҷавобгӯ бошад, ташаккули сармояи инсонии босифат ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, рушди касбии омӯзгор бояд ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатии соҳаи маориф ва асоси пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа гардад.

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ: БАРТАРИЯТ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ТАЪЛИМ



**Латофат НАЗИРӢ – номзади илми педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ**

**Соҳаи маориф дар сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самти асосӣ ва стратегӣ эълон карда гардида, Ҳукумати кишвар барои рушди соҳа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии маълумот ва тарбияро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва санадҳои байналмилалие, ки онро эътироф кардааст, амалӣ мекунад.**

Ҳадафи низоми маориф, тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва худшиносу худогоҳ буда, дар ин самт бо фаъолияти густурда ва ҳамкории доимии ниҳодҳои масъул оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа корҳои муҳим ва самарабахш амалӣ шуда истодааст. Ҳамзамон, мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии насли наврас дар ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ гашта, ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ, аз ҷумла, пешгирӣ намудани поймолкунии ҳуқуқҳои насли наврас тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Амалӣ намудани назорати доимии сатҳу сифати таълим ва донишомӯзӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ гашта, мақомоти ваколатдори соҳа ва волидону шахсони ҳуқуқии кӯдакону наврасон муваззаф шудаанд, ки барои таъмини шароитҳои таълимию зиндагии онҳо шароитҳои мусоидро фароҳам оваранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо таваҷҷуҳи хос роҷеъ ба рушди низоми маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти маориф таъкид намудаанд: «Дар ҷаҳони муосир кишваре, ки ба баланд бардоштани сатҳи маориф дар ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад ва технологияи нав ва технологияи муосирро ҷорӣ мекунад, ба муваффақиятҳои бештар ноил мегардад...»

Дар шароити ҷаҳонишавӣ тақозо мешавад, ки насли наврасу ҷавон технологияи муосирро аз бар намуда, ҳамзамон, дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, ба қонунҳои амалкунанда, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, доштани эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ тарбия карда шаванд.



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (20 июни соли 2024, № 2049) муносибатҳои қонуниро оид ба таълиму тарбияи кӯдак танзим намуда, ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, қонуни мазкур сохторҳои масъулро вазифадор менамояд, ки ҷиҳати иҷрои вазифаю ваколатҳои бар зиммаашон буда таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоянд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (боби 2), комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак (боби 3), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда дар таълиму тарбияи кӯдак (боби 4),

ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ ва омӯзгор (боби 5), пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак (боби 6) тибқи қонуни мазкур вазифадор шудаанд, ки салоҳият ва ваколати худро барои таълиму тарбияи кӯдак иҷро намоянд. Зеро таълим ва тарбияи насли муосир таваҷҷуҳи доимӣ ва масъулияти ҷиддиро тақозо намуда, масъулинро водор мегардад, ки онҳоро дар руҳияи озоду демократӣ, худшиносии миллию таърихӣ ба воя расонда, ҷиҳати ноил шудан ба навовариҳои илмию техникӣ омода намоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода, бунёди муассисаҳои таълимӣ, таҳкими заминаи модӣ-техникӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо технологияи муосир, интернет ва дигар маводи муосири таълимӣ, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат менамояд, тадбирҳои саривақтӣ андешида истодаанд. Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ, техникӣ ва инноватсионӣ зиёд гашта, ҷиҳати беҳтар намудани шароити модӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, таълими интерактивӣ, онлайн-платформаҳо барои дарсҳо ва системаҳои рақамӣ мусоидат менамояд, корҳои зиёд амалӣ шуда истодааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 майи соли 2002, № 200) қабул карда шудааст, ки дар санади мазкур дурнамои сиёсати давлат дар соҳаи маълумот муайян карда шуда, самтҳои инкишофи соҳаи маорифро, ки дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки аҳаммияти стратегӣ доранд, муайян намудааст. Дар ин санади муҳимми соҳа масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, роҳҳои ба даст овардани комёбиҳои илмию техникӣ, арзишҳои фарҳангию ҳувияти миллӣ, ташаккули шуури маънавӣ баррасӣ шудаанд.

Бо назардошти мақсад ва принсипҳои Консепсияи мазкур вазифаи асосии маълумот аз қонеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишоф, ташаккули қобилияти шахс ҷиҳати дастрасӣ ба тарзи ҳаёти солим ва дигар омилҳои муҳимми иҷтимоии ҷамъият ва давлат мебошад.

Дар доираи иҷрои талаботи Консепсияи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҳои илмӣ бояд ба талабот ва шароитҳои иҷтимоӣ ва маишии инсон муфовиқ нигаронида шуда бошанд, қонунҳои рушди инсонӣ, неруи зеҳнӣ, ҷамъият ва табиат бояд дар ҳамбастагӣ рушд дода шуда, мақом ва назари инсонро барои созандагӣ равона созанд. Чунин шаклгирӣ ва ташаккули инсони асри созанда бояд дар мазмуну мундариҷаи маълумот, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ инъикос ёбад.

Муҳим аст, ки ҳангоми татбиқи барномаҳои таълимӣ хусусиятҳои синнусолӣ, ҷаҳонбинӣ, қобилият, шавқу ҳавас, маромҳои таълимӣ ва рушди малакаҳои амалии насли наврас бояд ба назар гирифта шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ зарур аст, ки вобаста ба ихтисос, равия, шакл ва забони таълим омӯхтани мероси адабӣ, фалсафӣ, афкори педагогии халқи тоҷик, илмҳои муосири техникӣ ба роҳ монда шавад. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки инкишофи зина ба зинаи шахс аз дараҷаи маълумоти ӯ вобаста буда, ба рушди инсони донишманду забондон ва мутахассиси кордон мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи маълумот, асосан, бо роҳҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳа, модерникунонии низоми маълумот, таъсиси марказу синфхонаҳои компютерӣ, ташкил ва ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ҳамкориҳои кафедраҳои методикаи таълим ба муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ бо мақсади омӯзиш ва шинос шудан ба маҳорати касбӣ, аз худ намудани усулҳои фаъоли таълим ва дигар ҷанбаҳои самаранок амалӣ мегардад. Имрӯз ҷаҳон дар остонаи инқилоби рақамӣ қарор дорад, ки ин муносибат татбиқи технологияҳои нави рақамиро дар низоми маориф низ тақозо мекунад. Маълум аст, ки таълим тавассути ОНЛАЙН танҳо як ҷанбаи рақамикунонии раванди таълим аст. Гузариш ба таҳсилоти рақамӣ як қадами муҳим дар самти рушди технологияҳои интернетӣ мебошад. Илм айни замон бо суръати баланд пеш меравад ва ҳар рӯз сохторҳои нав пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, гузариш ба технологияи рақамӣ дар соҳаи таҳсилот ногузир аст, зеро рақамикунонии маориф ба хонандагону донишҷӯён кумак мекунад, ки дар ҷаҳони иттилоотӣ бештар фаъол бошанд, ба сӯи ояндаи техникию технологӣ ҳаракат кунанд. Рақамикунонӣ гузариш ба равишҳо, равандҳо ва моделҳои нав буда, бар асоси технологияи иттилоотӣ сохта шудааст ва истифодаи нармафзори гуногун ва дигар захираҳои рақамӣ (компютерҳо, ноутбукҳо, планшетҳо)-ро барои ташкили

таълими электронӣ дар масофа ё дар муассисаҳои таълимӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо дар бар мегирад.

Ҳадафи рақамикунонии маориф дар баробари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин, барои осон кардани гузариш ба раванди таълимии фардӣ-тафриқавӣ низ мусоидат менамояд.

Ҳадафҳои рақамикунонии маориф инҳоянд:

- рушди инфрасохтори таълим ва таъмини маводи техникӣ-таълимӣ;
- беҳтар ва босифат намудани раванди таълим тавассути татбиқи барномаҳои рақамӣ;
- фароҳам овардани шароит барои рақамикунонии маориф ба хонандагону донишҷӯён имкон медиҳад, ки маълумоти васеътар ва дониши босифатро ба даст оранд;
- коркард ва таҳияи модели рақамии мувофиқ барои муассисаҳои таълимӣ;
- муайян намудани қобилиятҳои умумӣ ва хусусии ҳонандагону донишҷӯён тавассути рамзҳои рақамӣ дар системаҳои автоматӣ;
- ташкили омӯзиши инфиродӣ ва мустақилонаи омӯзгорон ҷиҳати рушди касбӣ;
- беҳтар намудани идоракунии вақт ва сарфакорона истифодаи раванди фаъолияти таълимӣ.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи равиши нав, яъне, рақамикунонии низоми таҳсилот, нақши муассисаи таълимӣ ва нақши омӯзгорро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва педагогӣ тағйир медиҳад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ хусусият ва арзиши муносибатҳои педагогӣ то андозае тағйир меёбад. Дар шароити муосир натиҷаи асосии таълим дониши ба дастовардашуда набуда, балки қобилияти инкишофёфта барои иштироки самаранок дар фаъолиятҳои иттилоотӣ, эҷодӣ ва донишҳои нав дар асоси салоҳиятҳои таълимӣ ва рушди донишҳои системавӣ-иттилоотӣ-техникӣ мебошад. Яке аз самтҳои муҳимми рақамикунонии маориф, таълим тавассути технологияҳои муосир дар рушди тафаккури техникӣ ва амалии хонанда ва донишҷӯ мебошад.

Рақамикунонии низоми маориф, бешубҳа, яке аз тамоюлҳои муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Истифодаи иттилооти рақамӣ дар соҳаи маориф аввалан самаранокӣ ва мақсаднокии истифодаи онро тақозо меномаояд, баъдан муҳим аст, омӯзгорон ҳангоми истифодаи он бартариҳо ва ҳам нуқсонҳои онро ба назар гиранд.

Тайи солҳои охир истифодаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои марбут ба он дар ҷаҳони муосир як қисми ҷудонашавандаи рушди илмӣ ва технологӣ гаштааст. Ин технологияҳо дар ҳолати кунунӣ босуръат рушд мекунанд ва таъсири амиқе ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла, дар соҳаи илм ва маориф доранд.

Дар соҳаи маориф зеҳни сунъӣ метавонад ҳамчун абзори муассир барои беҳтар намудани сифати таълим, мутобиқ намудани барномаҳои омӯзишӣ ба талаботи бозор ва инкишофи малакаҳои касбӣ хидмат намояд.

**Тазодҳои замони муосир, зуҳури ғояҳои хатарбор, шиддат гирифтани мубориза ҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва хатарҳои дигар, ки тӯфони ҷаҳонишавӣ бо худ меоварад, моро водор месозанд, ки андешаи муқаддаси ваҳдати миллиро ба хотири саодати миллат ва бақои давлат ҳарчи бештар густариш бахшем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# КӮДАК ВА ОМӮЗИШ

*(Андешаҳо перомуни фаъолияти омӯзишии атфол аз дидгоҳи педагогию равонӣ дар муассисаҳои томактабӣ)*



**Тутихон ДЕВОНШОЕВА - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДЧТИБКСМ**

**Мафҳуми умумии омӯзиш дар синни томактабӣ**

**Инкишофи руҳии кӯдак аз як тараф, ба таъсири калонсолон, макони зист, муҳити атроф ва аз тарафи дигар, ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малака дар оила, вобастагӣ дорад. Бо мурури замон ин нуфуз омода будани кӯдакро дар риояи нишондодҳои калонсолон, яъне, иҷрои супоришу вазифаҳои онҳо нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дар кӯдаки синни калони томактабӣ аллакай падидаҳои нахустини омӯзиш дар шаклҳои зерин мушоҳида мегарданд:**

**- вақте ки кӯдак барои кумак ба калонсолон муроҷиат мекунад;**

**- вақте ки шарҳи дурусти кашидани расму сохтани суроб ва ё тарзи баён кардани фикрро аз онҳо талаб менамояд.**

Аммо баъдтар омӯзиши кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ тибқи барномаи ягона ва ҳатмӣ сурат мегирад. Пайдоиши чунин намуди таълим бо якчанд ҳолате, ки шароитҳои фаъолияти кӯдакро таъмин менамояд, алоқаманд аст:

- ба мустақилона амал намудани кӯдак талабот меафзояд;
- зарурати ташаккул додани на танҳо малакаҳои ҷисмонӣ (муҳаррикӣ), балки маҳорату малакаҳои сенсорӣ, нутқӣ ва зеҳнӣ ба миён меояд;
- намуду мазмуни фаъолиятҳо ва вазифаҳои таълимӣ торафт мураккаб мешаванд.

Тахминан дар сесолагӣ дар рафтори кӯдак тағйирот мушоҳида мегардад ва аз ин лиҳоз, ба волидону мураббиён зарур аст, ки онҳоро бо муҳити атроф, табиат ба таври мақсаднок шинос намоянд ва иҷрои пайдарпайи амалҳои одитарини ҳаррӯзаро ёд диҳанд.

Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳангоми гузаронидани фаъолиятҳои бозӣ, тарбиявӣ ва таълимӣ мураббиён дар назди тарбиятгирандагон вазифаҳои мушаххас мегузоранд, ки онҳо мустақилона аз уҳдаи иҷрои онҳо намебароянд. Ҳалли вазифаҳо бояд таҳти роҳбарӣ ва кумаки калонсолон сурат гирад, то ки дониши кӯдакон афзун ва маҳорату малакаи онҳо такмил ёфта, нисбат ба фаъолиятҳо ҳавасманд гардонида шаванд.



Кӯдак ба баҳо додан ба маҳорати худ шуруъ мекунад. Ӯ ашёи барои худ навро меомӯзад, калонсолон тарзи бо он амал карданро нишон ва шарҳ медиҳанд. Ҳамин тариқ, кӯдак онро дар амал санҷида, *алоқамандии* дониши гирифтаашро бо *амалия* таъмин менамояд. Ва оҳиста-оҳиста бо гузаштани вақт дар кӯдакони синни калони томактабӣ барои омӯзиши бошуурона замина гузошта мешавад, ки он аз шаклҳои одитарини *худбаҳодиҳӣ* ва *худназораткунӣ* иборат аст. Дар ин давра кӯдак кӯшиш менамояд, ки аз шариконаш қафо намонад ва монеаҳои дар раванди омӯзиш пайдошударо низ бартараф намояд. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки томактабиён унсурҳои фаъолияти омӯзишро аз худ намуда, барои таҳсил дар мактаб омода мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки гузориш аз

шаклҳои *содаи* омӯзиш ба фаъолияти *мураккаби* таълимӣ барои илми психологияи бачагона ва дидактикаи томактабӣ *афзалиятнок* аст.

**Омода намудани кӯдак ба омӯзиш**

Оид ба хусусиятҳои фаъолияти таълимии кӯдакон ақидаҳои зиёде мавҷуданд. Аз ҷумла, равоншиноси машҳури рус Л. Виготский қайд намудааст, ки «омӯзиш ҳама вақт бояд аз инкишоф пештар қарор дошта бошад». Маҳз аз ин рӯ, дар машғулиятҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ мураббӣ бояд аввал ба кӯдак *омӯхтанро ёд* диҳад, яъне, кӯдак метавонад бо кумаки калонсол ва баъдан мустақилона амалҳоро иҷро кунад, маҳорату малакаи худро сайқал диҳад, донишашро васеъ намояд ва баъд онро эҷодкорона истифода барад.

Аз рӯйи ақидаи баъзе тадқиқотчиёни хориҷӣ, тафовут байни омӯзиши давраи томактабӣ ва мактабӣ қариб вуҷуд надорад. Равоншиноси олмонӣ О. Кро таъкид намудааст, ки ҳанӯз аз сесолагӣ омӯзиши кӯдак ба монанди омӯзиши мактаббача сурат мегирад ва фарқият дида намешавад. Ба фикри ӯ, далелҳои зиёд нишон медиҳанд, ки кӯдак дар ин синну сол қобилияти қабули дониш ва омӯзишро дорад. Равоншинос В. Штерн қайд менамояд, ки кӯдаки синни томактабӣ нисбат ба хонандаи мактаб ба омӯзиш «майлу иродаи бошуурона» надорад.

Дар психологияи омӯзиши томактабӣ равоншиносони машҳур Л. Виготский, С. Рубинштейн, А. Леонтев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Л. Виготский хусусиятҳои равонии омӯзиши томактабиро дар алоқамандии таҳлили мазмун ва таъсири педагогӣ мебинад, муносибати кӯдакро дар иҷрои супориши калонсолон давраи муҳим меҳисобад, чунки он характери *омӯзиши* томактабиро муайян мекунад.

Дар ҳақиқат, кӯдак дар се соли аввали ҳаёташ на аз рӯйи нақшаю барномаҳои калонсолон (волидон ё омӯзгорон), балки гӯё дар асоси *«барномаи махсуси худ»* амал мекунад. Кӯдак, пеш аз он ки ба омӯзиши мунтазаму системанок шуруъ кунад, бояд давраи омодагии қабл аз омӯзишро аз сар гузаронад ва танҳо дар охири давраи томактабӣ метавонад аз рӯйи барномаи таълимии кӯдакистон омӯзишро оғоз намояд.

Л. Виготский гузариши кӯдакро ба ин намуди омӯзиш бо омода будан ва иштироки ӯ дар машғулиятҳои гуногуни таълимӣ алоқаманд менамояд. Ба фикри олими номбурда, барномаи таълимии томактабӣ бояд ба *ду талаботи асосӣ* ҷавобгӯ бошад: *якум*, ҷаҳонбинӣ, ки омодагии кӯдакро барои гирифтани таълим аз рӯи фанҳо дар мактаб васеъ менамояд; *дуюм*, барномаи таълимӣ, ки бояд шавқу завқ ва ниёзи кӯдакро ифода намуда, ба эътибор гирифта тавонад.

Аз ин лиҳоз, омода намудани кӯдак ба омӯзиши «бошуурона» ва тарбияи маҳорату малакаи омӯзиш яке аз *мақсадҳои афзалиятноки таҳсил дар замони муосир* ба ҳисоб меравад.

**Чӣ тавр бояд омӯзонд?**

Дар назди омӯзгор на танҳо саволи «Кӯдакро чӣ хел меомӯзонанд?», балки саволи «Кӯдак бояд чиро омӯзад?» ҳам меистад. Аммо пешбинӣ кардан душвор аст, ки кӯдак дар оянда маҳз *чиро бояд* омӯзад. Муҳим он аст, ки кӯдак аз аввал чун шахсияте рушд ёбад ва кӯшиш намояд, ки олами иҳотакардаашро дуруст дарк намуда, фаъолона омӯзад.

Олимон исбот кардаанд: кӯдаке, ки дар кӯдакистон роҳҳои фаъолияти фикррониро аз худ карда натавонист, дар мактаб ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Инкишофи тафаккури эҷодӣ, ҷустуҷӯйӣ ва кашшофии кӯдак яке аз вазифаҳои асосии таълим ва дар маҷмуъ, таълими ҷузъӣ дар кӯдакистону мактаб ба ҳисоб меравад.

Омили асосӣ ва муайянкунандаи инкишофи тафаккури кӯдак на танҳо маҷмуи донишҳое, ки ӯ дорад, балки методу усулҳое мебошанд, ки тавассути онҳо он донишҳоро гирифтааст. Агар мо хоҳем, ки дар ҷараёни омӯзиш фаъолияти кӯдакон суст нагардад, машғулиятҳоро бояд тавре ташкил ва кӯдаконро ҳавасманд карда тавонем, ки дар фаъолиятҳои минбаъда дар онҳо хоҳиши донистану аз худ кардани *мазмуни пайдарҳамии мавзуъҳо* пайдо шавад. Ин роҳ фаъолияти эҷодии кӯдакро ташаккул дода, ба ӯ имкони мустақилона ёфтани ҷавоби ин ё он саволи нофаҳморо медиҳад. Барои муваффақ шудан ба ин ҳадаф дар машғулиятҳо, асосан, истифодаи *методи тадқиқотӣ* ба матлаб мувофиқ аст. Ба воситаи методи зикршуда ҷараёни минбаъдаи корро муайян кардан имконпазир аст.

Мушоҳидаҳои равоншиносон А. Запорожетс ва Д. Элконин нишон додаанд, ки гузариш аз *тафаккури аёнӣ-амалӣ* ба *тафаккури аёнӣ-образнок* танҳо дар он сурат рӯй медиҳад, ки агар *методи таҳқиқӣ* мавриди истифода қарор дода шавад. Дар натиҷаи тадқиқот кӯдак маҳз донишҳоеро мегирад, ки барояш ҳанӯз номаълуманд. Калонсол бояд ба кӯдак ёфтани тамоми *мушкилот, мушоҳида* кардан ва *ҳалли мақсадноки* онро *омӯзонад*. Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ ин метод маҳз дар кӯдакистон зарур мебошад? Барои он ки *ташаббус* ва *фаъолияти ҷустуҷӯйии* кӯдак ба мустақилона ёфтани мавод ва роҳҳои ҳалли мушкилот равона карда

мешавад. Ин усул *афзалияти баланди* фаъолияти *омӯзиши*ро ташкил дода, дар баланд бардоштани савияи фаҳмиши кӯдак нақши муҳим мебозад.

Аз ин рӯ, аксари омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ ба азхудкунии фаъолонаи донишҳо аз тарафи кӯдак диққати калон дода, шаклҳои зиёди машғулиятҳои таълимӣ ва кориро (бозӣ, мушоҳида, корҳои таҳқиқӣ, таҳлил, ҳавасмандкунӣ ва ғ.) истифода мекунанд.

**Фаъолияти омӯзишии тарбиятгирандагон дар машғулиятҳо**

Ҳангоми омӯхтани амалу рафтори кӯдакон дар раванди машғулиятҳо *ду намуди водоркунӣ* мушоҳида мегардад, ки фаъол будани кӯдакро дар азхудкунии донишҳо муайян мекунанд:

- *водоркуние,* ки дар ҷараёни худи машғулият сурат мегирад;
- *водоркунии доимӣ ва устувор,* ки оҳиста-оҳиста дар кӯдак бо дарназардошти шароити тарбия дар кӯдакистон ва оила пайдо мешавад.

Кӯдакистон дар ҳаёти кӯдак дигаргуниҳои муҳимро ворид менамояд. Иштироки мунтазами ӯ дар фаъолиятҳои мухталифи гурӯҳ муносибаташро нисбат ба калонсолону кӯдакони дигар тағйир медиҳад, ки он ба фаъолияти ҳаррӯза ва мустақилиятнокии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Кӯдак дар бозиҳои гурӯҳӣ, машғулиятҳо, сайругашт нозукиҳои рафтор, муносибати байни одамонро эҳсос намуда, *маҳорати муошираташ*ро сайқал медиҳад.

Дар гурӯҳи хурд аллакай кӯшишу ғайрати кӯдак ба тариқи *водоркунии доимӣ* оид ба дуруст анҷом додани супоришҳои одӣ ва дастгирии маънавӣ пайдо мешавад. Аз ин рӯ, дар кӯдаки синни 4-6-сола (гурӯҳҳои миёнаю калон) муносибати мусбат тавассути машғулиятҳо нисбат ба *омӯзиш* мушоҳида мегардад.

Дар оғози давраи томактабӣ тафовут байни бозию машғулиятҳо қариб ки нест, зеро фаъолиятҳое, ки ба кӯдакон пешниҳод мегарданд, бештар *моҳияти бозӣ* доранд. Кӯдак дар он вақт ба машғулиятҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки агар аёнияту маводи таълимӣ *диққатҷалбкунанда* ва байни мураббию тарбиятгиранда *фазои солим* ҳукмрон бошад. Дар гурӯҳи калон (5-6-сола) диққати кӯдакро на танҳо маводу аёният, балки ҷараёни *муҳокимаи мавзуъҳо* ҷалб менамояд. Иҷрои супоришҳои додашуда имкони пайдо кардани тасаввуроти аниқ ва эҳсоси мазмуни таълимро таъмин мекунад. Ва танҳо дар охири давраи томактабӣ байни бозию фаъолиятҳои таълимӣ фарқи каме мушоҳида мегардад, яъне машғулиятҳо *нишонаҳои аввалини омӯзиши бошууронаро* ифода мекунанд. Дар кӯдак нисбат ба машғулиятҳо ҳавасмандӣ, қаноатмандӣ аз фаъолиятҳо ва амалҳои баанҷомрасонда, ки дар натиҷаи бартараф намудани монеаҳои зиёде ба даст оварда мешаванд, ба вуҷуд меояд, агар машғулияти пешниҳодшуда ба кӯдак дониши васеъ диҳаду барои ӯ зарур бошад.

Дар баробари дигар шудани муносибати кӯдак нисбат ба омӯзиш, дар машғулиятҳо омодагии ӯ низ барои иҷрои талаботи таълимӣ дигар мешавад. Одатан дар назди кӯдакони синни хурди томактабӣ мақсади бевоситаи таълимӣ гузошта намешавад, вале набояд талаботи асосии «*чиро омӯзанду чӣ тавр омӯзанд?*»-ро аз мадди назар дур гузошт. Ҳадафи омӯзиш дар машғулиятҳо дар шакли намоиши аёнияту тарзи иҷрои супоришҳои мувофиқ муайян мегардад.

***Намунаи фаъолият:*** дар гурӯҳи хурди томактабӣ кӯдакон аз кубикҳои ранга ва гуногунҳаҷм мехостанд бинои бисёрошёна созанд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки бино ҳар чи баландтар бошад. Сараввал кубикҳоро болои ҳам гузоштанд ва диданд, ки бино чаппа шуд. Баъд кӯдакон *мушоҳидаю муҳокима* намуда, ба хулосае омаданд, ки барои устувории бино дар ҳар як ошёна бояд чортоӣ кубик гузоранд, ки он низ натиҷаи дилхоҳ надод, яъне, бинои бисёрошёна сохта натавонистанд. Баъдан кӯдаке таклиф намуд, ки дар ҳар як ошёна китобчаеро гузоранд. Баъди анҷоми кор, новобаста аз он ки намуди бино аз «талаботи меъморӣ» дур буд, хурсандии онҳо ҳадду канор надошт, зеро *роҳи ҳалли* онро *худашон ёфта*, ба *мақсади* гузошташуда *ноил гаштанд*.

Ҳамин тариқ, кӯдакон ба хатоҳо роҳ дода, кӯшиш карданд, ки дониш, маҳорат ва малакаи худро истифода баранд, *таҳлил* кунанд, *озмоянд* ва *фикри мушаххасро* пешниҳод намоянд. Аммо калонсол бояд *оғозу фарҷоми* фаъолиятро бараъло *донад* ва агар зарур бошад, *дастгирӣ* намояд.

Масъалаи муҳимтарини психологияи томактабиён, *ташаккули* фаъолияти *маърифатии* кӯдакон нисбат ба рӯйдодҳо ва усулҳои азхудкунии силсилаи донишҳо ба ҳисоб меравад.

Тадқиқотҳои зиёд исбот кардаанд, ки рушдёбии *фаъолияти омӯзишии* кӯдакони синни хурди томактабӣ хеле *мураккаб* ва *тӯлонист*. Масъалаи мазкур аксари паҳлуҳои ҳаёти кӯдакро дар бар гирифта, муносибати ӯро нисбат ба одамон, табиат ва асрори он, воқеаҳои рӯйдода дар ҷомеа ифода менамояд.

*Омода* будани *кӯдаки синни томактабӣ* ба *омӯзиш* тамоми давраи томактабиро фаро мегирад ва он минбаъд ба рафтор, одоб, мустақилият, сифати дониш, маҳорат, малака ва хислати ӯ таъсири калон мерасонад.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ОДАТҲОИ МУСБАТИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОН



**Р. ШЕРЗОДА – унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**Ташаккули одатҳои мусбати муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаро дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозо мекунад. Масъалаи мазкур, махсусан, барои амалияи таълим, фаъолияти таълимӣ ва ҳаёти ояндаи иҷтимоии хонандагони хурдсол нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои умумӣ, қобилият ва ниҳоят, ба инкишофи одатҳои муоширати хонандагон аз синни хурдӣ ҳам дар оила ва ҳам дар муассисаҳои таълимӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.**

Дар ин росто, на танҳо мураббиёну омӯзгорон, инчунин, оила ва онҳое, ки тарбияи кӯдакону наврасон ба зиммаашон вогузор шудааст, бояд бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ бошанд.

«Дар шароити ҷомеаи иттилоотии босуръат тағйирёбанда салоҳияти коммуникативӣ ба яке аз муҳимтарин қобилиятҳои ҳамгироӣ табдил ёфтааст, ки дар низоми таҳсилоти мактабӣ ташаккул меёбад. Хусусан, марҳалаи ибтидоии таълим аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз дар синну соли хурди мактабӣ асосҳои фарҳанги нутқ ва маҳоратҳои ҳамкории иҷтимоӣ гузошта мешаванд» [3, с. 65-70].

«Таҳқиқоти муосир дар соҳаҳои педагогика ва психология зарурати ташаккули одатҳои устувори коммуникативӣ ба миён оварда, маҳорати муоширатро муҳим арзёбӣ мекунад» [4, с. 108].

Ин масъала на танҳо тарҳрезии дарсро талаб мекунад, балки таҷдиди нақши фаъолияти беруназдинфиро ҳамчун фазои иҷтимоикунонии хонандагон низ зарур меҳисобад.



Ташаккули одатҳои мусбати муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ бидуни рафъи мушкилоти мавҷуда дар самти риояи меъёрҳои нутқӣ, тарҳрезии асоснокунии стратегияи педагогӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, одатҳои мусбати муоширати хонандагонро набояд ҳамчун маҷмуи амалиёти нутқӣ, балки ҳамчун сохтори муҳиме бояд дарк кард, ки дар раванди таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Бояд ба он таваҷҷуҳ намуд, ки дар асри навин ва натиҷаи тағйири хусусиятҳои муошират зарурати омӯзиши нави он ба миён омадааст. Инъикоси ахбору маълумот, шаклҳои мухтасари ифодаи андеша, коҳиши ҳамдардӣ дар муоширати фосилавӣ – ҳамаи ин ба фарҳанги нутқии хонандагон таъсир мерасонад. Дар чунин шароит мактаб вазифадор аст, ки на танҳо сухангӯии дурустро таълим диҳад, балки муносибати

ахлоқӣ ва масъулиятшиносиро нисбат ба муошират ҳамчун амали иҷтимоӣ ташаккул диҳад. Ҳамин омил вазифаи ташаккули одатҳои мусбати муоширатро боз ҳам муҳимтар намуда, ба як равиши бонизом ворид месозад.

«Мафҳуми одатҳои мусбати муошират хонандагон дар адабиёти педагогӣ ҳанӯз таърифи устувору умумиқабулшуда надорад. Бо вуҷуди ин, онро метавон ҳамчун равияи устувори рафторӣ шарҳ дод, ки ба ҳамкории боэҳтиром, кушода ва созанда бо дигарон дар шароити гуногун равона гардидааст» [7, с. 116].

Дар таҳқиқотҳои забоншинос ва педагоги маъруфи рус Е. И. Пассов таъкид мешавад, ки «амалҳои коммуникативӣ танҳо дар ҳолати такрори сершумор дар вазъиятҳои эҳсосӣ ба одат табдил меёбанд» [6, с. 87].

Ба зумраи одатҳои мусбат метавон чунин маҳоратҳоро шомил кард: маҳорати гӯшкунии фаъол, қобилияти баёни андешаҳои солим, маҳорати танзими рафтори эҳсосотӣ дар раванди муошират, одати ҳамкорӣ дар гурӯҳ ва ғайра.

Зарур аст, ки тафовути одатҳои мусбати муошират ва салоҳиятҳои коммуникативӣ равшан баён ва роҳҳои ташаккули онҳо дар раванди таълим ва берун аз он дарёфт карда шаванд.

Агар салоҳият дар баробари донишу маҳорат қарор дошта бошад, пас одат ва муносибат ба осонӣ ташаккулёфта устувор мегардад. Ин хусусият имкон медиҳад, ки одати коммуникативӣ ҳамчун шакли амиқтару устувори иҷтимоӣ гардонидани шахсият арзёбӣ шавад, ки ин ба шахсияти кӯдак ва ба сабку тарзҳои муошират ӯ таъсири бевосита мерасонад.

Одатҳои мусбати муоширатро бояд ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии шахсият ва нишондиҳандаи камолоти ахлоқии он маънидод кард. Ташаккули чунин одатҳо ба арзишҳои ахлоқии муошират, аз ҷумла, ба эҳтиром нисбат ба дигарон, эътирофи арзиши шахсияти ӯ ва омодагӣ барои муколама ва муошират такя мекунад. Аз ин рӯ, одати мусбати муошират танҳо қолаби нутқӣ нест, балки шакли муносибати ахлоқии инсон маҳсуб ёфта, зимни ҳамкории педагогӣ олами ботинии ӯ ташаккул меёбад.

«Мусаллам аст, ки хусусиятҳои психологию педагогии хонандагони хурдсол мураккаб буда, барои онҳоро фаҳмидан донишҳои фарохи зарурӣ лозим меояд. Синни хурди мактабӣ (аз 6 то 10-солагӣ) бо гузариш аз тафаккури худхоҳӣ ба дарки доираи иҷтимоӣ, ташаккули рафтори иродавӣ ва худтанзимкунии ахлоқӣ фарқ мекунад» [9].

Аммо, ба таъкиди Л. С. Виготский, «танҳо дар раванди фаъолияти муштарак дарки олами ботинии инсон бо меъёрҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои муошират тадриҷан ташаккул меёбанд» [2, с. 114].

Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор на танҳо дар интиқоли намунаҳои омодаи муошират ифода меёбад, балки дар фароҳам овардани шароити мусоид барои таҷрибаи амалӣ ва таҳкими ин намунаҳо тавассути муошират фаъол амалӣ мешавад. Хусусиятҳои тафаккури кӯдакон дар синну соли хурди мактабӣ бо ҳассосияти баланди онҳо ба иттилооти мушаххасу моддӣ ва тасвирӣ муайян мегардад. Ин маънои онро дорад, ки ҳама гуна шаклҳои муошират (масалан, эҳтиром ҳамчун арзиш) бояд тавассути образҳо, нақшҳо ва вазъиятҳои амалӣ инъикос гарданд. Одатҳо на танҳо дар натиҷаи панду насиҳат, балки тавассути таҷрибаи ҳаётӣ, бозӣ ва такрори сенарияҳои коммуникативӣ ташаккул меёбанд.

Ғайр аз ин, дар хонандагони хурдсол он дорои сатҳи баланди таъсирпазирӣ буда, ба дастгирии иҷтимоии калонсолон ниёз доранд. Ин ҳолат аз омӯзгорону волидон ва калонсолон эҳтиёткории хосро талаб мекунад: модели муошират маҷбурӣ метавонад ба таври зоҳирӣ қабул шавад, на ба таври воқеӣ. Танҳо дар фазои муҳити солим ва эътимод метавон заминаи ташаккули одатҳои мусбати муоширатро фароҳам овард. Ҳамзамон, бояд ба суръати рушди инфиродии ҳар як хонанда таваҷҷуҳ зоҳир кард. Дар як синф метавонанд кӯдакони дорои сатҳҳои гуногуни рушд ҳузур дошта бошанд. Барномаҳои фарогир, ки ба хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ, инфиродӣ ва фарқиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ мутобиқ нашудаанд, метавонанд натиҷаи самарабахш надошта бошанд. Аз ин лиҳоз, истифодаи усулҳои суҳбатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ шарти муҳимми ташаккули устувори одатҳои мусбати муошират мебошад. Дар ниҳоят, наметавон аз нақши зеҳни эҳсосотӣ, ки ташаккули он дар синну соли хурди мактабӣ оғоз меёбад, чашм пӯшид. Қобилияти дарк ва танзими эҳсосоти шахсӣ, инчунин, таваҷҷуҳ ба эҳсосоти дигарон, асоси муошират созандаро ташкил медиҳад. Омӯзгоре, ки бо кӯдакони синфҳои ибтидоӣ кор мекунад,

бояд на танҳо методҳои самарабахши тарбиявиро ба кор барад, балки ҳисси баланди эҳсосотӣ ва қобилияти дарки мушкилоти ноаёни муоширатро низ доро бошад, то тавонад ин равандҳоро ба таври мушаххас ба самти мусбат равона созад.

Дар бораи хусусияти фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ ҳаминро бояд гуфт, ки дарсҳо дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ одатан зери назорати қатъии омӯзгор қарор мегиранд. Бо вуҷуди ин, «технологияҳои муосир, аз қабили омӯзиши гурӯҳӣ, шаклҳои муколамавӣ ва мубоҳисаҳои мутобиқ ба синну сол имконият медиҳанд, ки фазои дарсӣ ба муҳити иҷтимоишавӣ табдил ёбад» [8].

Муҳим он аст, ки дарс унсурҳои ҳамгироии муошират ва худтаҳлилкуниро фаро гирад, яъне, муҳокимаи он ки хонандагон чӣ гуна ҳамкорӣ карданд, кадом мақсадҳои пешгузоштаро муваффақона анҷом доданд, мушкилиҳо дар куҷо пайдо шуданд, сабабҳои онҳо дар чист ва ғайра. Омӯзгорро зарур аст, ки пас аз анҷоми ҳар як дарс ва ё чорабиниҳои беруназсинфӣ ба худтаҳлилкунии фаъолият пардозад. Сухан дар бораи таҷрибаи шахсии омӯзгор меравад. Яъне, ӯ бояд амалҳои анҷомдодаи худ ва шогирдонро таҳлил намуда, ба мақсад расидан, муваффақиятҳо ва дар ин баробар, камбудиҳоюо норасоиҳоро мавриди таҳлил қарор дода, сабабу омилҳоро ошкор ва роҳҳои рафъи онҳоро ёфта тавонад. Барои доир намудани чорабиниҳои минбаъда ва дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани одатҳои мусбати муошират кӯшиш ба харҷ диҳад.

Қобили қайд аст, ки муошират на танҳо дар раванди таълим, балки зимни баргузории чорабиниҳои беруназсинфӣ, аз қабили маҳфилҳои зеҳнӣ, маърифатӣ, викторинаҳо, мубоҳисаҳо, бозиҳо ва амсоли инҳо ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки шогирдонро ба фаъолияти беруназсинфӣ бештар ҷалб намуда, муошироти мусбатро дар онҳо тавассути методҳои мувофиқ таъмин бояд кард. «Дар шаклҳои гуногуни фаъолияти беруназсинфӣ (маҳфилҳо, бозиҳо, лоиҳаҳои эҷодӣ) муҳити муошироти созанда ташаккул меёбад. Маҳз дар ҳамин гуна шаклҳои гуногуни ташкили таълим одатҳои муошират ба таври муассир ташаккул меёбанд, зеро дар онҳо ангезаи шахсӣ ва даргирии эҳсосотии хонанда пурра фаъол мешавад» [8].

Омӯзгорон ва роҳбарияти муассисаи таълимиро зарур аст, ки дар нақшаи кории ҳарсола барои ташкили чунин шаклҳои муоширати хонандагон шароит фароҳам оварда, назорати иҷрои онро ҷиддӣ ба роҳ монанд.

Мусаллам аст, ки ба чунин чорабиниҳои маърифатӣ имкони ҷалби волидон, намояндагони ҷомеа ва маҳалли зист, ҳамзамон, намояндагони мақомоти дахлдор бештар мегардад. Ҳамзамон, фаъолияти беруназсинфӣ ҷолибу рангинтар гардида, ҳангоми баёни андеша, ташкили муколама ва муошират бо хонандагон одатҳои муошират метавонанд рушд ёбанд. Бахусус, дар раванди дарс ва корҳои беруназсинфӣ, ташкили бозиҳои маърифатӣ ҳангоми нақшофарӣ фаъолияти эҷодии кӯдак оғоз гардида, баробари такрор ва офаридани нақши чандинкарата муошироту одатҳои мусбат дар онҳо ташаккул меёбад.

Ногуфта намонад, ки фаъолияти беруназсинфӣ ҳамчун як майдони таҷрибаомӯзии иҷтимоӣ барои кӯдакон маҳсуб ёфта, ҳолатҳои мунокиша, танқид ва рафъи онҳоро омӯхта, ба шогирдон тарзҳои муошироти зарурии ғайризӯроварӣ, муносибату созиш ва умуман, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ёд дода мешавад.

Муассисаи таълимӣ бояд таъсири муҳити беруна, аз ҷумла, оила, васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар омилҳоро ба эътибор гирад. Намунаҳои муошират, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд, аксаран бо арзишҳои мактаб мухолифат доранд. Ба таъкиди А. Г. Асмолов, «бояд шароит муҳайё кард, ки дар он хонанда ба таври худомӯзӣ ҳамкории мусбатро ба роҳ монад ва фарқи байни муоширати мусбат ва манфиро, ки созанда нест, арзёбӣ карда тавонад» [9].

Ин ба он маъност, ки тарбияи коммуникативӣ ҳамчун як ҷузъи барномаи ҳамаҷонибаи иҷтимоишавии шахс дар ҳаёт ва фаъолияти имрӯзаю минбаъдаи ӯ нақши муассир мегузорад. Вақте ки дар оила муҳити носолим, муошироту одатҳои манфӣ ва ихтилофу низоъ ҳукмфармост, кӯдак чунин одатҳоро ба мактаб интиқол медиҳад. Аз ин рӯ, таълимгоҳ бояд роҳҳои муколама ва ҳамкориро бо волидон рушд дода, онҳоро барои ташаккули фарҳанги муоширати фарзандон ҷалб созад. Илова бар ин, дар хона муҳити маърифатӣ – китобхона, компютер, бозиҳои дидактикӣ, тамошои сарҷамъонаи барномаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва ғайра ташкил намуда, тасаввуроти кӯдаконро оид ба рафтору кирдор ва гуфторҳои шоиста бояд ташаккул дод, зеро имрӯз меъёрҳои

ахлоқӣ коста гардида, кӯдакон ҳамеша бо унсурҳои хашму ғазаб, тамасхур, мазоҳ ва паст задани ҳадигар дучор меоянд.

Вазифаи омӯзгор на дар маҳдудкунӣ, балки дар ташаккули тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва арзёбии амалияи коммуникативӣ тавассути маълумотҳои маърифатӣ ифода меёбад. Ҷузъи муҳимми раванд ташкили муҳити иттилоотию коммуникативии худи муассисаи таълимӣ мебошад. Агар мактаб, гурӯҳи дӯстон ва волидон муошírати боэҳтиромро нишон дода натавонанд, он гоҳ рафтори шоиста ва ташаккули одатҳои мусбат дар кӯдакон ғайриимкон аст. Фарҳанги мусбати муошírати рафтори хонандагони синфҳои болоӣ ва калонсолон дар низоми таълим бояд дар сатҳи зарурӣ ва барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ намунаи хуб бошад. Ин маънои онро дорад, ки муассисаи таълимӣ бояд талош варзад, ки одатҳои мусбат ҳамчун ибрати намунавӣ тақвият ёбанд. Имрӯз мактаб метавонад аз воситаҳои зарурӣ ҳамчун манбаи ташаккули одатҳои мусбати муошират истифода барад, агар ин раванд бо роҳнамоии огоҳонаи педагогӣ сурат гирад. Бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки воситаҳои ташаккулдиҳанда ба манбаи хатар табдил наёбанд, балки ба майдони иловагӣ барои тамрини муошírати созанда, ифодаи эҳсосот ва ҳаллу фасли муноқишаю низоъҳо мубаддал гарданд. Бо такя ба таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалии педагогӣ, шаклҳои зерин ҳамчун усулҳои муассири ташаккули одатҳои мусбати муошират барои мактаббачагони хурдсол пешниҳод мегарданд:

- ҷорӣ намудани «Як дақиқаи хушмуомилагӣ» дар ҳар дарс;
- бозии нақшҳо дар мавзуи «Дар ин вазъият чӣ гуна рафтор бояд кард?»;
- кор дар ҷуфтҳо ва гурӯҳҳои хурд бо марҳалаи таҷрибаи одатҳои ташаккулёфтаи муошират;
- ташкил намудани «Маҳфилҳои муошират» бо унсурҳои театрикунонидашуда;
- ташкили худидоракунии кӯдакон бо таваҷҷуҳ ба муошírати корӣ ва масъулиятнок.

Шарти асосӣ ва муҳимми ин раванд намунаи шахсии муаллим аст. Мавқеи муошírати ӯ, услуби нутқ, маданияти гуфтор ва рафтори шахсӣ ҳамчун намунаи зиндаи омӯзиш барои кӯдакон хидмат мекунад.

Яке аз воситаҳои муассир, ташкили «Дафтари муошират» мебошад, ки дар он хонандагон таҷриба ва таассуроти худро аз ҳамкорӣ бо ҳамсинфон сабт менамоянд. Масалан, ба чӣ муваффақ шуд, чӣ душвор буд, онҳо дар бораи худ ва дигарон чӣ омӯхтанд ва амсоли онҳо. Ин гуна дафтар метавонад заминаи таҷрибаи инфиродӣ – худтаҳлилнамоии амалҳои анҷомдода ва гурӯҳӣ гардад. Инчунин, истифодаи методи «Доираи муошират» низ муфид аст. Вохӯриҳои панҷдақиқаинаи мунтазам дар оғози ё анҷоми рӯз, ки дар он ҳар кӯдак метавонад андешаи худро баён намояд, савол диҳад ё эҳсосоти худро бо дигарон дар миён гузорад, муҳим мебошад. Ин шакл эҳсоси эътимодро тақвият дода, эҳтиром ба сухан ва эҳсоси дигаронро ташаккул медиҳад. Дар ин радиф бояд шаклҳои таълими мутақобила рушд дода шаванд. Вақте ки хонанда ба хонандаи дигар меомӯзонад, масалан, дар вазъияти муноқишавӣ ё низоъ чӣ гуна рафтор кард ё чӣ тавр норозигиро баён намуд, ин гуна «гузориши таҷриба» фаъолияти нутқиро фаъол намуда, муошírати хонандагонро ба якдигар мустаҳкам месозад.

Ба вазифаҳои таълимӣ низ унсурҳои бозӣ бояд ворид шаванд, аз қабили табдили масъала ё машқ дар шакли муошírати нақшӣ, баҳси рақобатӣ ва дастгирии якдигар. Муҳим аст, ки ташаккули одатҳои мусбати муошират дар низоми арзёбӣ низ инъикос ёбад. Ин метавонад на ба шакли баҳо, балки ҳамчун тавсифи шифоҳӣ, ҷоизаи рамзӣ, ё шинохти умумии синфӣ амалӣ шавад, яъне, он чизе, ки саъю кӯшиши муошíратро дар чашми худи кӯдак ва муҳити синф аҳаммиятнок ва арзишманд мегардонад.

Ташаккули одатҳои мусбати муошират рушди ояндаи шахсияти кӯдак дар шароити нави иҷтимоиву фарҳангӣ мебошад. Танҳо дар шароити ҳамгироии муҳити дарсӣ ва корҳои беруназзинфӣ, бо дарназардошти омилҳои берунамактабӣ ва фаъолияти доимии омӯзгорон, рушди устувори фарҳанги одатҳои мусбати муошírати хонадагони хурдсол имконпазир аст. Ин раванд равиши бонизомро талаб карда, сатҳҳои ташкилӣ, методӣ ва арзиширо дар бар мегирад. Одатҳои мусбати муошírати хонандагони хурдсол дар як лаҳза ба вуҷуд намеоянд. Онҳо дар натиҷаи таҷрибаи пайдарпайи педагогӣ рушд ёфта, дар он ҳар як амал, ҳар як ҳамкорӣ ба таълим ва тарбия табдил меёбад. Нақши махсусро дар ин раванд ҳамоҳангсозии кӯшишҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимӣ – омӯзгорон, волидон, маъмурият ва худи хонандагон мебозанд.

Танҳо дар фазои эҳтироми мутақобила ва ҳамкорӣ метавон одатҳое ба вуҷуд овард, ки берун аз мактаб низ устувор боқӣ монанд. Набояд нақши фарҳанги педагогии муоширатро ҳамчун ҷузъи маҳорати касбии омӯзгор нодида гирифт. Гуфтори ӯ, оҳанги талаффуз, тарзи муколама ва муносибат ба вазъиятҳои мунокишавӣ бо таъсири амиқ ба шогирдон намунаи рафторро нишон медиҳанд. Дар ҷомеаи муосир, ки муошират ҳарчи бештар тағйир меёбад, муҳим аст, ки на танҳо маҳорати гуфторӣ, балки заминаҳои ахлоқии муошират ба кӯдакон омӯзонида шавад. Тадриҷан ташаккули фарҳанги дохилии нутқ ба омили ташаккули ахлоқии шахсият табдил меёбад. Аз ин рӯ, одатҳои мусбати муошират на танҳо воситаи мутобиқшавӣ ба муҳити мактабӣ, балки асоси масъулияти иҷтимоӣ, камолоти шаҳрвандӣ ва ҳувияти фарҳангии шахсро фароҳам меорад.

Хулоса, рушди одатҳои мусбати муоширати хонандагони синфҳои поёнӣ айни замон масъалаи доғи рӯз буда, аз омӯзгорону волидон иҷрои вазифаҳои зиёду заруриро талаб менамояд. Зарур аст, ки ниҳодҳои иҷтимоӣ, махз оила ба ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои умумӣ, қобилият ва инкишофи одатҳои муоширати хонандагон аз синни хурдӣ эътибор диҳанд.

**Адабиёт**


1. Асмолов, А. Г. Как проектировать универсальные учебные действия. – М.: Просвещение, 2009. – 192 с.
2. Выготский, Л. С. Психология развития ребёнка. – М.: Айрис-пресс, 2020. – 332 с.
3. Громова, Е .Е. Коммуникативная компетентность как педагогическая категория // Педагогика. – 2018. – №4. – С. 65-70.
4. Ильин, Е.П. Навыки и привычки в психологии развития. – СПб.: Питер, 2021. – 288 с.
5. Коломинский, Я. Л., Обозов, Н. Ф. Внеурочная деятельность: Психология и педагогика. – Мн.: Харвест, 2016. – 234 с.
6. Пассов, Е. И. Коммуникативный метод обучения иностранным языкам. – М.: Просвещение, 1991. – 322с.
7. Романова, Н. Н. Культура речевого общения младшего школьника. – М.: Владос, 2015. – 160 с.
8. Сластёнин, В. А., Подымова, Л. С. Педагогика. – М.: Академия, 2019. – 226 с.
9. Эльконин, Д. Б. Психология развития. – М.: Академия, 2007. – 264 с.


**Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳамчун омилҳои муттаҳидсозандаи мардуми тоҷик имкон фароҳам овардананд, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва оянддаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# МЕТОДИ ҲАЛЛИ БАЪЗЕ НАМУДҲОИ СИСТЕМАҲОИ МУОДИЛАҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ

**Р. МАХАНОВ – профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

**Илму техника дар замони муосир вобаста ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа бо суръати баланд тараққӣ карда, кашфиёту дастовардҳои назаррас ба миён омада истодааст. Албатта, рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти башарӣ ба пешрафти илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва ҳисобгирии онҳо робитаи зич доранд.**

Қобили қайд аст, ки нақши асосиро дар инкишофи ҳамаҷонибаи техника ва технологияи муосири замонавӣ ҳисобкуниҳои гуногуни ҳаҷми математикию геометрӣ мебозад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ яке аз бахшҳои муҳимми ин соҳаи илм буда, дар бештари фаъолиятҳои инсонӣ аз механизмҳои сода сар карда, то биноҳои баландошёна, дастгоҳҳои мураккаб ва мушоҳидаҳои астрономӣ нақши онро дидан мумкин аст.

Дар курси алгебра ва ибтидои анализ ба бисёр мафҳумҳо, формулаҳо, қоидаҳо, масъалаю системаи муодилаҳо дучор меоем, ки бо мустақилӣ ба як мавзуи таълимӣ табдил ёфтани онҳоро дар замони муосир нишон медиҳад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ чунин системаҳое мебошанд, ки дар курси математика ягон қоидаи умумӣ ва ё низомияте мавҷуд нест, ки ҳалли дурусти он аз рӯи ин барнома муайян карда шавад. Дар баъзе маврид ин гуна системаҳоро бо системаи ҳаллашон мушкил ҳамҷоя мекунанд, ки он нодуруст мебошад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ дар навбати худ боз чунин системаҳое мебошанд, ки алгоритми ҳалли он ба хонандагон маълум нест, яъне, хонандагон пешакӣ тарзҳои ҳалли онро намедонанд ва наметавонанад, ки барои ҳалли он ба кадом маводи таълими такя кунанд. Барои ҳал намудани системаи муодилаҳои ғайристандартӣ, пеш аз ҳама, ифодаҳо ва аксиомаҳо, теоремаҳои асосӣ, табдилдиҳиҳо аз як шакл ба шакли дигарро хеле хуб донистан зарур аст. Дар ин мақола мо ҳалли баъзе системаи муодилаҳои ғайристандартиро овардем, ки он барои ташаккули тафаккури математикии хонандагон ва барои кумак намудани онҳо барои иштирок дар озмунҳо аз манфиат холӣ нест.

Мисоли 1. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3 + x^2y + xy^2 + y^3 = a^2(x-y) \\ x^3 - x^2y + xy^2 - y^3 = b^2(x+y) \end{cases} \qquad (1)$$



Барои ёфтани решаҳои ин система тарафи рости муодилаҳои системаро ба зарбшавандаҳо ҷудо бояд кард, яъне:

$$\begin{cases} (x^2+y^2)\,(x+y) = a^2(x-y) \\ (x^2+y^2)\,(x-y) = b^2(x+y) \end{cases} \qquad (2)$$

Агар дар системаи (2) бо номаълумҳои нав ифодаҳоро иваз намоем, се номаълуми нав пайдо мешавад, ки ин мақбул нест. Бинобар ин, барои ин намуд системаҳо тарзи нави ёфтани решаҳоро истифода мебарем. Тарафҳои чап ва рости муодилаи якумро ба муодилаи дуюм мувофиқан тақсим карда, ҳосил мекунем:

$$\frac{(x^2+y^2)\,(x+y)}{(x^2+y^2)\,(x-y)} = \frac{a^2(x-y)}{b^2(x+y)};$$

$$\frac{x+y}{x-y}=\frac{a^2(x-y)}{b^2(x+y)}.$$

Дар ин муодила $u=\frac{x+y}{x-y}$ ё ки $\frac{1}{u}=\frac{x-y}{x+y}$ ишорат мекунем.

Аз ин ҷо $u=\frac{a^2}{b^2}\cdot\frac{1}{u}$ шуда, $u^2=\frac{a^2}{b^2}$ ё ки $u=\pm\frac{a}{b}$ мешавад. Қиматҳои ҳосил шударо ба $u=\frac{x+y}{x-y}$ гузошта, қимати $x$ – ро бо $y$ ифода мекунем, яъне:

$x_1=\frac{a+b}{a-b}y$ ва $x_2=\frac{a-b}{a+b}y$ (3)

Аз қиматҳои $x_1$ ва $x_2$ системаи муодилаҳои зеринро тартиб медиҳем:

1) $\begin{cases} x^3+x^2y+xy^2+y^3=a^3(x-y) \\ x_1=\frac{a+b}{a-b}y \end{cases}$ (4)

2) $\begin{cases} x^3+x^2y+xy^2+y^3=a^2(x-y) \\ x_2=\frac{a-b}{a+b}y \end{cases}$ (5)

Системаи муодилаҳои (4)-ро ҳал мекунем:

$$\frac{(a+b)^3}{(a-b)^3}y^3+\frac{(a+b)^2}{(a-b)}y^3+\frac{a+b}{a-b}y^3+y^3=a\left(\frac{a+b}{a-b}-1\right)\cdot y$$

Аз тарафи чапи ин муодила $y^3$-ро ҳамчун зарбшавандаи умумӣ аз қавс баровада, баъд соддакунӣ ҳосил мекунем:

$y_1=0$ ва $y_{2,3}=\pm\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$.

Дар системаи муодилаҳои (5) ҳам чунин амал карда, қиматҳои $y_{4,5}$-ро меёбем:

$$y_{4,5}=\pm\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$$

Қиматҳои $y_1, y_2, y_3, y_4$ ва $y_5$ ,ба (3) гузошта, қиматҳои $x$ – ро меёбем:

$$x_1=0;\ x_2=\pm\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\ x_{4,5}=\pm\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$$

**Ҷавоб:** $\left(\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\ \frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}\right),\left(\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\ \frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}\right)$.

Дар барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ системаи муодилаҳои дуномаълума бисёр дучор мешаванд, вале системаҳои се муодилаи сеномаълума кам вомехӯранд. Бинобар ин, мо чанд намуди системаи муодилаҳои иборат аз се муодилаи сеномаълума доштаро баррасӣ менамоем, ки ба хонандагон ҳангоми тайёрӣ ба озмунҳо ёрӣ мерасонанд.

Мисоли 2. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x+y+z=1, \\ x^2+y^2+z^2=1, \\ x^3+y^3+z^3=1. \end{cases}$$

**Таҳлил:** Барои ҳал кардани ин системаи муодилаҳо тарзҳои дар боло истифодашуда натиҷае намедиҳанд. Аз ҳамин сабаб, барои ҳал намудани ин системаи муодилаҳо тарзи навро истифода мебарем.

**Ҳал.** Ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба куб мебардорем:

$(x+y+z)^3=1^3$;

$x^3+y^3+z^3+3x^2y+3xy^2+3x^2z+3xz^2+3z^2y+3y^2z=1.$

Аз муодилаи охирин муодилаи $x^3+y^3+z^3=1$ – ро тарҳ карда муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$3x^2y+3xy^2+3x^2z+3xz^2+3xz^2+3z^2y+3y^2z=0$$

ё $x^2y+xy^2+x^2z+xz^2+y^2z+yz^2=0$ (1)

Акнун ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба квадрат бардошта, аз натиҷааш муодилаи дуюми системаро тарҳ намуда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} x^2+y^2+z^2+2xy+2xz+2yz=1, \\ x^2+y^2+z^2=1. \end{cases}$$

$2xy+2xz+2yz=0$ *ё ки* $xy+xz+yz=0$ *(2)*

Муодилаи (1) ва (2) –ро дар як системаи муодилаҳо муттаҳид намуда, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xy+xz+yz=0, \\ x^2y+xy^2+x^2z+xz^2+y^2z+z^2y=0. \end{cases}$$

Муодилаи дуюмро дар шакли зерин менависем, яъне

$$x(xy+xz)+y(xy+yz)+z(yz+xz)=0.$$

Дар муодилаи ҳосилшуда ифодаҳои $xy+xz, xz+yz, xy+yz$ – ро мувофиқан ба $xy+xz=-yz$; $xy+yz=-xz$ ва $xz+yz=-xy$ иваз карда, дар натиҷа муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$-3xyz=0$ ё ки $xyz=0$.

Аз муодилаи охирин пайдо мекунем: $(1;\ 0;\ 0), (0; 1;\ 0), (0;\ 0; 1)$ .

**Ҷавоб:** $(1; 0; 0), (0; 1; 0), (0; 0; 1)$.

Мисоли 3. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3+y^3=65, \\ x^2y+xy^2=20. \end{cases}$$

Тарзи ҳалли ин гуна система гуногун аст. Аз ин лиҳоз, мо яке аз тарзҳои ҳалли онро баррасӣ мекунем.

**Ҳал.** Ҳарду тарафи муодилаи якуми системаро ба адади 4 ва ҳар ду тарафи муодилаи дуюми системаро ба адади 13 зарб карда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} 4x^3+4y^3=260, \\ 13x^2y+13xy^2=260. \end{cases}$$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$4x^3+4y^3-13x^2y-13xy^2=0.$

Ҳарду тарафи ин муодиларо ба $x^3$ (ё $y^3$) тақсим мекунем:

$4\left(\frac{y}{x}\right)^3-13\left(\frac{y}{x}\right)^2-13\left(\frac{y}{x}\right)+4=0.$

Дар ин ҷо $\frac{y}{x}$ -ро бо t ишора мекунем: $t=\frac{y}{x}$, пас $4t^3-13t^2-13t+4=0$ мешавад.

Муодилаи ҳосилшударо бо методи ба зарбкунандаҳо ҷудокунӣ ҳал мекунем:

$$4t^2(t+1)-17t(t+1)+4(t+1)=0;$$
$$(t+1)(\ 4t^2-17t+4)=0;$$
$$(t+1)(\ (4t^2-16t)+(-t+4))=0;$$
$$(t+1)(\ 4\mathrm{t}(t-4)-(t-4))=0;$$

$(t+1)(t-4)(4t-1)=0.$

Аз ин ҷо: $t+1=0$ ё $t-4=0$ ё ки $4t-1=0.$

Аз муодилаи охирин $t_1=-1, t_2=4$ ва $t_3=\frac{1}{4}$ мешавад.

Қиматҳои $t$ –ро ба $\frac{y}{x}=t$ гузошта, қиматҳои -ро меёбем:

$y_1=-x, y_2=4x_2, y_3=\frac{1}{4}x_3.$

Қиматҳои $y$ –ро ба яке аз муодилаҳои система гузашта муайян мекунем, ки ғайр аз $y=-x$ дигар қиматҳои $y$ (яъне $y_2$ва $y_3$) муодилаҳои системаро қонеъ мегардонанд.

Бигузор, $y_2=4x_2$ бошад, он гох $\begin{cases} x^3+y^3=65 \\ y=4x \end{cases}$ шуда, $x_1=1, y_1=4$ мешавад.

Дар мавриди $y_3=\frac{1}{4}x^3$ будан, $x_2=4, y_2=1$ мешавад. Пас ҷуфти ададҳои (1;4) ва (4;1) ҳалли системаи муодилаҳои додашуда мебошанд.

**Ҷавоб:** $(1; 4), (4; 1)$.

Тарзҳои дигари ҳалли ратсионалии системаи муодилаҳои мазкур ба хонандагон пешниҳод карда мешавад.

# ТАҶРИБАҲОИ ШАВҚОВАР



Фарзонахон ИБРОҲИМОВА – омӯзгори физикаи муассисаи таълимии ғайридавлатии литсейи «Гулчини маърифат» дар шаҳри Хуҷанд

**Ба роҳ мондани таҷрибаҳои физикӣ беҳтарин васила барои бедор кардани шавқу рағбати хонандагон ба фанни физика буда, имкон медиҳанд, ки ҳодисаҳои табиат дар амал татбиқ ва мушоҳида карда шаванд.**

**Таҷрибаи 1. Пуфаки оташногузар.** Ин таҷриба нишон медиҳад, ки чӣ тавр об гармиро ба худ мегирад ва маводро аз сӯхтан муҳофизат мекунад.

**Лавозимот:** Ду адад пуфак, об, шамъ ва гӯгирд.

**Рафти кор**. Пуфаки аввалро бо ҳаво пур кунед ва онро болои шамъи фурӯзон нигоҳ доред – пуфак фавран мекафад. Ба пуфаки дуюм каме об резед ва сипас онро бо ҳаво пур карда, гиреҳ бандед. Пуфаки дорои обро оҳиста болои оташи шамъ нигоҳ доред. Шумо мебинед, ки пуфак намекафад, ҳатто агар оташ ба резина расад.

**Хулоса: Об қобилияти баланди гармигузаронӣ** дошта, гармиро аз девори пуфак ба худ мегирад ва намегузорад, ки резина то ҳарорати обшавӣ гарм шавад.




**Таҷрибаи 2. Рақси рангҳо дар шир.** Ин таҷрибаи визуалӣ таъсири мутақобилаи молекулаҳо ва хосияти кашиши сатҳиро нишон медиҳад.

**Лавозимот:** Шири серравған, рангҳои хӯрокворӣ, моеи зарфшӯӣ ва чӯбчаи пахтагин.

**Рафти кор:** Дар як табақ миқдори муайян шир резед. Дар маркази шир чанд қатра рангҳои гуногунро илова кунед. Чӯбчаи пахтагиро ба моеи зарфшӯӣ тар карда, ба маркази қатраҳои ранг расонед.

**Хулоса:** Молекулаҳои моеи зарфшӯӣ бо молекулаҳои чарбӣ (равғани) шир реаксия ба амал оварда, **кашиши сатҳии** моеъро паст мекунанд. Ин боиси ҳаракати босуръати молекулаҳо мегардад, ки рангҳоро ба ҳар тараф паҳн карда, эффекти «рақс»-ро ба вуҷуд меоранд.



**Таҷрибаи 3. Тухми шинокунанда.** Ин таҷриба тибқи қонуни Архимед, вобастагии қувваи болобурд аз зичии моеъро нишон медиҳад.




**Лавозимот:** Ду зарф бо об, намак ва ду адад тухми хом.

**Рафти кор:** Тухмро ба зарфи аввал, ки оби одӣ дорад, андозед, тухм таҳ мешинад. Ба зарфи дуюм 4-5 чумча намак илова ва хуб омехта кунед. Тухми дуюмро ба оби шӯр андозед, он дар рӯи об шино мекунад.




**Хулоса:** Илова кардани намак **зичии обро** зиёд мекунад. Вақте ки зичии моеъ аз зичии ҷисм (тухм) зиёд мешавад, мувофиқи қонуни Архимед, қувваи болобурд афзоиш ёфта, ҷисмро дар сатҳи моеъ нигоҳ медорад.

**Таҷрибаи 4. Пуфаки «оҳанрабо»**




**Лавозимот:** Пуфаки дамкарда, коғази майдашуда.

**Рафти кор:** Пуфакро ба мӯйи хушк ё свитери аз матои пахта ё пашмин 15-20 сония соиш диҳед. Онро ба болои пораҳои коғаз наздик кунед.

**Хулоса:** Коғазҳо ба пуфак мечаспанд, зеро дар пуфак **заряди электрикӣ** ҳосил мешавад.




**Таҷрибаи 5. Сӯзани шиновар (Кашиши сатҳӣ)**

**Лавозимот:** Косаи об, сӯзани дӯзандагӣ, равғани рустанӣ.

**Рафти кор:** Сӯзанро ба равған олуда кунед. Онро боэҳтиёт (ба таври уфуқӣ) болои об гузоред.

**Хулоса:** Сӯзан дар рӯи об мемонад, зеро молекулаҳои об дар сатҳ “плёнкаи” мустаҳкам ё **кашиши сатҳӣ** ҳосил мекунанд.




**Таҷрибаи 6. Об дар стакони чаппа (Фишори атмосфера)**

**Лавозимот:** Стакони об, варақи коғази сахт (картон).

**Рафти кор:** Стаконро аз об пур кунед. Коғазро болояш гузоред ва бо даст дошта, зуд чаппа кунед. Оҳиста даст аз коғаз бардоред.

**Хулоса:** Коғаз ва об намеафтанд, чунки **фишори атмосфера** аз берун коғазро нигоҳ медорад.




**Таҷрибаи 7. Рақси макаронҳо (Қувваи Архимед)**

**Лавозимот:** Стакони оби газнок (беранг), макаронҳои хурд (вермишел).

**Рафти кор:** Макаронҳоро ба оби газнок партоед.

**Хулоса:** Ҳубобҳои газ ба макарон часпида, мисли «наҷотдиҳанда» онҳоро ба боло мебароранд. Вақте ҳубобҳо дар сатҳ






мекафанд, макарон боз поён меравад.

**Таҷрибаи 8. Рангинкамон дар стакон (Зичии маҳлулҳо)**

**Лавозимот:** 4 стакон об, рангҳои хӯрокворӣ, шакар.

**Рафти кор:** Ба стакони 1-ум 1 қошуқ шакар, ба 2-юм - 2, ба 3-юм - 3 ва ба 4-ум - 4 қошуқ илова карда, рангҳои гуногун занед. Баъд бо истифода аз сӯзандору ё қошуқ, маҳлулҳоро оҳиста (аз вазнинтарин сар карда) ба як зарфи дароз резед.

**Хулоса:** Рангҳо бо қабатҳо ҷойгир шуда, омехта намешаванд.




**Таҷрибаи 9. Шамъи зери об**

**Лавозимот:** Табақи чуқур, шамъ, об, стакон.

**Рафти кор:** Шамъро дар табақ часпонида, ба табақ об резед ва сипас шамъро фурӯзон кунед. Стаконро чаппа болои шамъ гузоред.

**Хулоса:** Шамъ хомӯш мешавад ва оби стакон боло мешавад, зеро оксиген сарф шуда, **фишор дар дохили** стакон кам мешавад.



**Таҷрибаи 10. Телефони риштагӣ (Паҳншавии садо)**

**Лавозимот:** 2 стакони пластикӣ, риштаи дароз (10-20 метр).

**Рафти кор:** Стаконҳоро сӯрох кунед ва риштаро гузаронида гиреҳ занед. Ду нафар дар масофаи дур риштаро сахт кашида, яке гап занад, дигаре ба гӯшаш гирад.

**Хулоса:** Садо тавассути **ларзиши ришта** ба гӯш мерасад.




Таҷрибаҳои физикавӣ дар раванди таълим асоси дониши илмӣ мебошанд. Аҳаммияти гузаронидани таҷрибаҳо ба хонандагон:

**1. Гузариш аз назария ба амалия**: Физика илми таҷрибавӣ аст. Вақте ки хонанда формуларо дар тахта мебинад, он шояд барояш нофаҳмо бошад. Аммо ҳангоми таҷриба ӯ бо чашми худ мебинад, ки чӣ тавр қонуни физикавӣ (масалан, фишор ё қувваи соиш) дар ҳаёт кор мекунад.

**2. Рушди фикррони интиқодӣ**: Таҷриба хонандаро водор мекунад, ки савол диҳад: *«Чаро ин тавр шуд?»*. Ӯ меомӯзад, ки сабабу натиҷаро муайян ва мушоҳида кунад ва хулоса барорад.

**3. Осон ва дарозмуддат дар хотир мондан**: Маълумоте, ки тавассути эҳсосот ва амали дастӣ ҳосил мешавад, ба даст меояд, нисбат ба матни китоб 10 баробар беҳтар дар хотира нақш мебандад. Таҷрибаи «пуфаки оташногузар» дар хотир мемонад, ҳатто агар хонанда таърифи «иқтидори гармидиҳӣ»-ро фаромӯш кунад.

**4. Бедор кардани шавқу рағбат**: Таҷрибаҳои шавқовар дарси физикаро аз як фанни душвор ба як машғулияти ҷолиб табдил медиҳанд. Ин ҳавасмандии (мотиватсия)-и дохилиро барои омӯзиши амиқтар ба вуҷуд меорад.

**5. Ташаккули малакаҳои тадқиқотӣ**: Хонанда меомӯзад, ки чӣ тавр бо асбобҳо кор кунад, чен кунад ва хатоҳоро ислоҳ намояд. Ин малакаҳо дар оянда барои касбҳои муҳандисӣ, тиббӣ ва технологӣ зарурӣ мебошанд.

Таҷрибаҳои овардашуда ба хонандагон имкон медиҳад, ки мафҳумҳои асосии физикиро ба таври сода ва хотирмон аз худ намоянд.

**Мо ваҳдати миллиро дар баробари истиқлоли давлатӣ як рукни муҳимми давлатдорӣ ва шарти аслии пешрафту шукуфоии Тоҷикистон медонем ва барои тақвият, таҳким, устуворӣ ва такомули минбаъдаи он бо дастгирии мардуми сарбаландамон ҳамаи тадбирҳои заруриро меандешем.**

**Таҳкиму тақвияти ваҳдати миллӣ ва ҳифзи сулҳу амнияти кишвар барои мо вазифа ва рисолати муқаддасу муқаддами умумимиллӣ ва умумихалқӣ мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ИМКОНОТИ ФАРОВОНИ ДАРСИ БИОЛОГИЯ

**Ҳалимшо ИКРОМОВ – омӯзгори МТМУ №10-и ноҳияи Айнӣ**

**Биология яке аз фанҳои муҳимтарини илмҳои табиатшиносӣ ба шумор меравад. Ин фан ба омӯзиши ҳаёт, сохтори организмҳои зинда, муносибати онҳо бо муҳити зист ва қонуниятҳои рушди табиат машғул аст. Дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон биология ҳамчун фанни асосӣ дар мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ омӯзонида мешавад. Омӯзиши биология барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти калон дорад.**

Дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон дарси биология аз синфҳои миёна оғоз ёфта, то синфҳои болоӣ идома меёбад. Мавзуъҳои асосии он аз омӯзиши растаниҳо, ҳайвонот, инсон ва муҳити зист иборатанд. Китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ барои он таҳия шудаанд, ки хонандагон донишҳои илмиро тадриҷан аз худ намоянд ва бо қонунҳои табиат шинос гарданд. Мақсади асосии омӯзиши биология дар мактабҳо ташаккули дониши илмӣ дар бораи табиат, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва тарбияи эҳтиром ба муҳити зист мебошад. Дар ҷараёни омӯзиш хонандагон мефаҳманд, ки ҳамаи организмҳои зинда бо ҳамдигар ва бо муҳити зист алоқаманданд. Ин дониш ба онҳо кумак мекунад, ки аҳаммияти ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табииро дарк намоянд.

Илми биология дар Тоҷикистон таърихи бой дорад. Бо таъсиси донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ, омӯзиш ва тадқиқоти биологӣ дар кишвар рушд ёфт. Масалан, факултети биологияи донишгоҳҳои кишвар аз солҳои миёнаи асри XX фаъолият дошта, ҳазорҳо мутахассиси соҳаи биологияро тайёр кардааст. Ин мутахассисон дар муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо, марказҳои тиббӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, дар давраи истиқлолият тадқиқоти биологӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, экология, генетика, физиология ва биохимия рушд ёфт. Ин тадқиқотҳо барои ҳифзи гуногунии биологӣ, беҳтар намудани саломатии аҳолӣ ва рушди кишоварзӣ аҳаммияти калон доранд. Омӯзиши биология барои хонандагон чанд аҳаммияти муҳим дорад: биология ба хонандагон мефаҳмонад, ки ҳаёт чӣ гуна пайдо мешавад, организмҳо чӣ гуна фаъолият мекунанд ва чӣ гуна ба муҳити зист мутобиқ мешаванд. Ин дониш барои дарки равандҳои табиӣ ва фаҳмидани ҷойгоҳи инсон дар табиат муҳим аст.



Имрӯз масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла, ифлосшавии муҳити зист, камшавии захираҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим, ба мушкилоти глобалӣ табдил ёфтаанд. Омӯзиши биология ба хонандагон кумак мекунад, ки масъулияти худро нисбат ба табиат дарк намоянд ва дар ҳифзи муҳити зист саҳм гузоранд. Бисёр касбҳо, аз ҷумла, духтурӣ, биологӣ, агрономӣ, экологӣ ва ветеринарӣ ба дониши биологӣ асос меёбанд. Барои ҳамин омӯзиши дурусти ин фан дар мактабҳо ба ҷавонон имкон медиҳад, ки барои интихоби касбиояндаи худ омода шаванд.

Дар раванди омӯзиши биология хонандагон таҷрибаҳо мегузаронанд, мушоҳида мекунанд ва натиҷаҳои илмиро таҳлил менамоянд. Ин раванд ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва мантиқии

онҳо мусоидат мекунад. Дар солҳои охир дар мактабҳои Тоҷикистон усулҳои нави таълими биология истифода мешаванд. Омӯзгорон барои ҷолибтар гузаштани дарс аз усулҳои интерактивӣ, таҷрибаҳои лабораторӣ ва корҳои амалӣ истифода мебаранд. Методикаи таълими биология ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки шакл ва усулҳои гуногуни таълимро интихоб кунанд, машғулиятҳои лабораторӣ ва таҷрибаҳои саҳроиро ташкил намоянд ва дониши хонандагонро бо роҳҳои гуногун санҷанд. Ин усулҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки на танҳо маълумоти назариявиро омӯзанд, балки бо таҷрибаҳои амалӣ низ шинос шаванд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми дарси биология, истифодаи таҷрибаҳои лабораторӣ мебошад. Дар чунин машғулиятҳо хонандагон метавонанд сохтори ҳуҷайраҳоро дар микроскоп бинанд, таҷрибаҳои одии физиологӣ гузаронанд ва бо намудҳои гуногуни растаниҳо ва ҳайвонот шинос шаванд. Ин гуна таҷрибаҳо ба фаҳмиши амиқи маводи таълимӣ мусоидат мекунанд. Хонандагон тавассути мушоҳида ва таҷриба донишро беҳтар аз худ мекунанд. Ғайр аз ин, онҳо малакаҳои илмӣ, аз қабили таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ пайдо менамоянд. Тоҷикистон кишвари дорои табиати бой ва гуногуни набототу ҳайвонот мебошад. Кӯҳҳо, дарёҳо, ҷангалҳо ва дигар экосистемаҳои кишвар барои нигоҳ доштани мувозинати табиат аҳаммияти калон доранд. Дарси биология ба хонандагон меомӯзонад, ки ин захираҳоро бояд ҳифз кард. Масалан, онҳо дар бораи намудҳои нодири рустаниҳо ва ҳайвонот, ки ба Китоби Сурх дохил шудаанд, маълумот мегиранд. Ин дониш ба тарбияи ҳисси масъулият нисбат ба табиат мусоидат мекунад. Дарси биология дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хеле калон дорад. Он на танҳо дониши илмӣ медиҳад, балки ба ташаккули ҷаҳонбинии дуруст, тарбияи фарҳанги экологӣ ва омодагӣ ба касбҳои гуногун мусоидат мекунад. Бо рушди илму техника ва афзоиши мушкилоти экологӣ манфиати омӯзиши биология боз ҳам бештар мегардад. Аз ин рӯ, такмил додани усулҳои таълим, истифодаи технологияҳои муосир ва баланд бардоштани сифати дарсҳои биология вазифаи муҳимми низоми маорифи кишвар ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки омӯзиши биология барои рушди илм, ҳифзи муҳити зист ва тарбияи насли ояндаи Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Агар хонандагон аз синни мактабӣ ба табиат эҳтиром гузоранд ва қонунҳои онро дуруст дарк намоянд, метавонанд дар оянда барои рушди устувори ҷомеа саҳми арзанда гузоранд.

**Имрӯзҳо фарҳанги сулҳофаринӣ ва таҳаммулгароии миллати моро, ки дар натиҷаи ба даст овардани ваҳдати миллӣ эътибори ҷаҳонӣ ёфт, марказҳои таҳқиқотии дунё мавриди омӯзиш қарор дода, сулҳи тоҷиконро ҳамчун нодиртарин роҳи хотима гузоштан ба мухолифатҳои мусаллаҳона эътироф кардаанд.**

**Хотирнишон месозам, ки ваҳдати миллӣ барои халқи мо неъмати бебаҳо, арзиши муқаддас, рамзи ҳувияту худогоҳӣ, кафили бақои давлату давлатдорӣ ва рамзи саодати наслҳои имрӯзу оянда мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# АЛАМДОР
## (Ҳикоя)



Шодӣ РАҶАБЗОД – нависанда

**Рӯ ба рӯйи мо коргардон, филмноманавис, наворбардор ва марди миёнаумри нигоҳаш андешаманд, ки пӯстини чармин ба бар дошту роҳбари гурӯҳи эҷодӣ ҳисоб меёфт, менишастанд. Онҳо аз куҷо пайдо шуданд, шахсан барои ман номаълум буд. Ҳадафи ба дабистон ташриф оварданашонро баъдтар фаҳмидам. Табиист, ки (ва ин одати дерину маълуми мо – тоҷикон аст) дар байни омӯзгорон онҳое ҳам ҳастанд, ки ҳангомаро дӯст медоранд ва мехоҳанд, аз филмҳои тамошокардаю нақшҳои бозидаи ину он ҳунарманд ва макону мавзее, ки он филм ба навор гирифта шудааст, беист ҳарф бизананду худро булфузулу ҳамадон нишон бидиҳанд.**

Ин ҷо низ ҳамин манзара ба мушоҳида мерасид. Чанде байни ду-се омӯзгору меҳмон суханҳо радду бадал шуданд. Муаллими химия мегуфт, ана ҳамон филми «Кӯрмаҳтоб»-ро дар деҳаи наздикӯҳии Мағм ба навор гирифтаанд.

– Дар ҷамоати мо деҳаи зеботарин, ки аз ягон гӯшаю канори рӯйи олам бо манзараҳои нотакрори худ фарқ намекунад, ҳамин Мағм аст, – бо эҳсоси фараҳу ваҷду нишот ба суханаш идома медод ӯ. – Чашмасоронаш аз кӯҳҳои баланд ибтидо мегиранд. Рӯдхонаву дараҳояшро намегӯед. Махсусан, айёми баҳорон боби тамошо. Бах-бах, савту навои дилангези шилдирросзанон ҷорӣ шудани обшорон, хониши кабку сору фохта, булбулу саъва. Эҳа, кадом як назокату раънои деҳаро мегӯӣ!

– Миёнаҳои баҳор, ҳангоми гулпӯшу сабздомон шудани талу пуштаҳо ба кӯҳи Мағм баромадану чидани гиёҳҳои гуногун, ба мисли торону рошак, чукрию ров, пиёзу шибити кӯҳӣ кайфияти дигаре дорад, – ба сухан ҳамроҳ мешавад омӯзгори риёзӣ Насруллоев ва меафзояд:

– Худо шоҳид, роҳату лаззати ин кор бо нақл кардан дар тасаввур намеғунҷад. То шахс худаш аз пайроҳаҳои бузгузар боло шуда, гоҳ-гоҳ дам гирифтаю нафас рост карда, ба майдони сабзпӯши фарози кӯҳ набарояд, нақли мо чизе ба ӯ намедиҳад.

– Бӯйи гулу гиёҳа намегӯед, – овоз баровард муаллим Давронов, ки солаш ба ҷое расида, аз тарбияи ҷисмонӣ дарс медод. – Болои тахтасанге нишаста, мехоҳӣ, ки то бегоҳ бӯйи гулу гиёҳ, буттаву рустаниҳои мушкбезро ба димоғ бикашӣ. Баъд, ногоҳ аз таги буттае патарросзанон паридани кабке як қад мепаронад касро. Боз аёну равшан мебинӣ, ки калтакалосҳо рӯ-рӯйи алафзору сангҳо хазида, гоҳе ором аз ҳаракат бозмонда, гӯш ба садоҳои атроф медиҳанд.




– Ва, албатта, беҳтарину хушояндтарин манзара сари ду по нишастану аз ковокии сангу рег кандани торону рошак, чукрию ров мебошад, – лаб ба гуфтор кушод муаллими забони русӣ Хаёлов.

– Ба ман ана ҳамин лаҳза бисёр маъқул аст.

– Оре, оре, ин ҳамаро зебоӣ мегӯянд, тасхиру афсуни мавҷудоти зиндаю рустанию набототи кӯҳ мегӯянд, ки дилу ҷонро нашъаи ногуфтанӣ мебахшад, – бо оҳанги файласуфона хитоб кард мудири дабистон Фазли Фозил.

– Ҳу як шоири рус бисёр бо лутфу нозукӣ дар шеъраш сурудааст-ку: дар оғӯши чунин зебоӣ мурдан ҳам бувад авло!

– Рост, рост, – дубора лигоми суҳбатро соҳиб шуд омӯзгори химия. – Як дафъа олимон аз пойтахт омада санҷиданд, ки гулу гиёҳу буттаҳои кӯҳи Мағм ба ҳазору як дард давои таппа-

тайёранду дар таркиби оби чашмаҳои деҳ моддаҳои махсуси кимиёвӣ мавҷуд аст, ки бемориҳои тарбоду никрис, меъдаву рӯдаҳо, гурдаю ғадуди зери меъдаро шифо мебахшидааст.

– Даа, – бо оҳанги тасдиқ сар ҷунбонд коргардон, ки тақрибан 55-60-сола менамуду мӯйҳояш то китфаш мерасиданд ва айнакашро каме боло бардошт.

– Ба он ҷо ҳатман рафтан лозим. Лекин… як чизро пурсиданӣ ман. Аз пойтахт ё, ноҳияатон омада, ҳамон деҳаро, как називали… ҳа, ҳа. Мағмро ба маркази сайёҳӣ ё туристӣ табдил надоданд?

Вай лаҳзае таваққуф кард ва ба омӯзгороне, ки аз сухани зиёд гӯё хаста шуда буданд, бо таанӣ нигарист.

– Не, наомадаанд, то ҷое мо медонем, – гуфт мудири мактаб. Хаёлам, масъулони ин кор ҳамин хел ният доштаанд, ки деҳаи Мағмро ба макони тамошои меҳмонони хориҷӣ табдил диҳанд. Боз кӣ медонад?

– Медонед, кӯҳи Мағм як мавзеи тамошобоби афсонавӣ ҳам дорад, – чизе ба хотираш расид, ки муаллими химия ба ҳозирон рӯ овард:

– Он ҷо, аз байни ду кӯҳи сар ба гардун дарёи Ёс ҷорӣ мешавад. Дар фарози кӯҳпорае, ки рӯ ба офтобшин воқеъ гардидааст, суфа ё долони паҳну чуқурест. Он суфа ё долонро Тоқи сангпарто мегӯянд.

– Тоқи сангпарто? – бо ҳайрат овоз баровард меҳмони пӯстини чарминапӯш, роҳбари гурӯҳи эҷодӣ.

– Чаро тоқи сангпарто? Аҷиб...

– Намедонам аз кадом вакт ин расму одат пайдо шудааст, вале мардуми куҳансоли ун деҳа мегӯянд, ҳар кас, ки ба тамошои кӯҳи Мағм ва манзараҳои мафтункунандаи он ба ин тарафҳо меояд, дар охир, агар хоҳад, ё майл дошта бошад, санг ё чанд дона сангро бардошта, бо зӯру тавоне, ки дорад, ба ҳамон баландии кӯҳ, ба суфа ё долони чуқур ҳаво медиҳад. Агар санги ҳавододааш ба он тоқ афтида, ҷой гирад, гӯё хушбахт мешудааст, ё ҳар хоҳишу орзуе, ки дар дил дорад, бо амри Офаридгор ҷомеаи амал мепӯшидааст.

– Ана инро бори аввал мешунавем, – чашм аз рафиқонаш наканда гуфт коргардон. – Ривоят ё бовари аҷиби мардумӣ. Мешавад, ки дар ягон лаҳзаи филми Тоқи сангпарторо ба навор гирифт. Ҳамин тавр не?

– Да, да, охир, ин детал аст, – сухани коргардонро тасдиқ кард чарминапӯш. – Рамз, символ ҳаст дар он.

Дафъатан хомӯшие ҳукмфармо гардид. Ногаҳон дари дафтари омӯзгоронро боз намуда, деҳдор, ҷавонмарди қадбаланди ҷомаи сабз ба бар, ки дар сар тоқии чоргули каме рангбохта дошт, ворид шуд. Вай муаддабона бо меҳмонону омӯзгорон вохӯрдӣ намуда, аз ҳолу аҳволашон пурсон гардид. Зуд ба ӯ як пиёла чой дароз карданд.

– Не, лозим не, – рад кард деҳдор ва ба меҳмонон ба маънии «ба хизмат омодаем» нигарист. Коргардон гулу равшан карду арзи матлаб намуд:

– Мефаҳмед, мо як лаҳзаи филмро дар деҳаи шумо ба навор гирифтанӣ ҳастем. Деҳаатон ба шаҳр наздик, аз ҳамин сабаб азм кардем, ки...

– Мебахшед дар бораи чӣ филм гирифтанӣ ҳастед? – сухани ӯро бурид деҳдор.

– Ман мегӯям, ҳамаашро мефаҳмонам, – изҳор дошт коргардон. – Фақат ин ки... ба мо дар баъзе лаҳзаҳо кумаки шумо лозим.

Деҳдор ханда дар лаб, чунонки аз дер боз ба ин кор омодагӣ дида бошад, ғолибона хитоб кард:

– Марҳамат, чи ёрие лозим шавад, мову аҳли деҳ, ана устодону омӯзгорон ва хонандагон тайёранд. Танҳо фаҳмиданӣ будем, ки...

– Шуд, шуд, мақсадатонро пай бурдам, – аз миз чашм наканда коргардон сар ҷунбонд:

– Он қадар гапи калон, тавре мегӯянд, кирои воҳима ҳам надорад. Мо як лаҳзаи бузкаширо ба навор гирифтанием. Барои ин ба мо аспи бисёр, чавандозони моҳир бо либосҳои махсусе, ки ҳангоми бузкашӣ ба бар мекунанд, заруранду халос.

Деҳдор лаҳзае ба пасу пеши худ нигариста, ба фикр фурӯ рафт ва ба ҳозирон рӯ овард:

– Шояд каме сабр мекунеду ба мо муҳлат медиҳед, то...

– Муҳлат? – якбора садо баланд коргардон. – Барои чӣ? Пештоз гӯям, ки гап сари ҳамин муҳлату вақт меравад. Вақтамон кам.

Сипас деҳдор батафсил тавзеҳ дод, ки ба қарибӣ дар назар аст, бахшида ба иди Наврӯз дар қаламрави ҷамоат тантанаҳои ҷашнӣ баргузор кунанд. Дар баробари ҷамъомаду ҳамоишҳо бо иштироки сарояндагону адибон, сабқати гӯштину бузкашӣ низ ташкил ва ба роҳ монда мешавад.

– Ман фикр мекунам, вақте мусобиқаи гӯштину бузкашӣ баргузор мешавад, шумо он ҳамаро бевосита ба навор мегиред, ки табиию зинда мебарояд, – хулоса кард андешаашро раиси деҳ ва боэътимоду боварӣ афзуд: – Ана он вақт ҳамааш нураи ало нур мешавад. Ё не?

– Гапатон дуруст, лекин вақтамон танг, дафъатан исрор кард коргардон. – Мо филми телевизионӣ ба навор гирифтанием. Тавре ёдрас кардед, ҳамчунин, дар хусуси гӯштингирӣ ва дигар бозиҳои мардумӣ ягон филм гирифтан мумкин.

Дар ҳамин асно омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик – Шоҳин, марди 50-55-солаи қадбаланд, ки нигоҳи андешаманди ӯ ба як нуқта тамаркуз шуда буд, аз ҷо баланд гардида, ба меҳмонон хитоб кард:

– Ростӣ, нияти хубе кардед, ки дар бораи расму анъана ва одатҳои мардумӣ филме ба навор бигиред. Ман шахсан ба ин зид нестам ва чунин масъулиятро ҳам надорам, то қазоват кунаму тасмим бигирам, ки чунин корро анҷом бидиҳед ё не. Вале... – Аз рӯйи инсоф бигӯед, мавзуи филмҳое, ки солҳои охир таҳия ва пешниҳоди тамошобин гардонда шудааст, то куҷо ба дарди мардум мехӯрад? Шумо аз ман наранҷед, филмҳои мо ҳамеша дар як қолабу мавзуъҳои маълуму маҳдуд ба навор гирифта мешаванд. Албатта, ҳастанд филмҳое, ки дар онҳо то андозае диди нави коргардону муаллифони сенария ба назар мерасад. Ғояву мухтаво, таҷассуми хӯву хислати мардуми мо, лаҳзаҳои мураккабу пурпечутоби зиндагӣ ва сарнавишти одамон бо маҳорату ҳунари хуб рӯйи навор омадаанд. Аммо ин кам аст. Тавре мегӯянд, «бо як гул баҳор намешавад». Аз ин рӯ ...

– Мебахшед, муаллими азиз, мо нафаҳмида истодаем, ки чаро шумо гапро ғоз дода, шаф-шаф гуфта истодаед, – баногоҳ ваҷоҳаташ тағйир ёфта, ғурунгос зад коргардон. – Пӯсткандаи гапро гӯед, бародар, мақсадатон чист? Чӣ, мо аз шаҳр барои танқиди шуморо дар ҳаққи худ шунидан омадаем? Ба Худо, ин аҷиб аст.

Муаллим аз ин муносибати «меҳмон» заррае худро набохта, ҳамчунон бо боварӣ ба суханаш идома бахшид:

– Бале, ҷавҳари сухан ин аст, ки ҳама яктану якдил бошему дар тарбияи насли нав ва ҷавонон саҳм бигузорем. Барои ин, гумон мекунам, доираи мавзуъҳоеро, ки дар хусуси онҳо кино гирифтан мехоҳед, фарохтар бояд кард. Ба мардум ва дарду доғу мушкилоти ӯ наздик шудан лозим. Мо бояд ҳеҷ гоҳ воқеаҳои давраи ҷанги дохилиро аз мадди назар дур накунем. Дар хусуси паҳлуҳои мураккабу норавшани он воқеаву рухдод чӣ қадар филм метавон бардошт. Ҳамин муаллимон – ҳамкорони ман хеле хубу аниқ дар ёд доранд, ки дар он солҳои мудҳиш мо чӣ азобҳои вазнинро паси сар кардем. Ман ҳоло дар боби гуруснагию бенавоӣ, ки фарзандони сокинони деҳ дар даст як бурда нони сабӯсӣ ё зағора ба умед ба дарс ҳозир мешуданд, ё фориғ аз мактаб, сар-сари заминҳои ғаллакорӣ аз пайи хӯшачинӣ мешуданд, ҳарфе ба забон намеорам. Ҷабру ҷафои камонбадастон-ку ҷонамонро ба ҳалқамон оварда буд. Чун маош моҳҳо пардохт намешуд, шумори зиёди омӯзгорон корро тарк карданд. Аммо иддае, аз ҷумла, ман, ки 6 сар хӯранда доштам, аз мактаб нарафтам. Охир, диламон ба фарзандони мардум месӯхт! Намедонам, ин шояд садои дил буд, ки бо ҳама мушкиливу сангиниҳои айём бо шиками гурусна субҳ роҳи мактабро пеш мегирифтем. Пораи нони зағора ва гоҳ-гоҳ гандумӣ бо ҷурғот хӯроки нисфирӯзиамон буд. – Боз гапро дароз карда, хотиратонро мушавваш накарда бошам? – хитоб кард муаллим, ки суханаш оҳанги узрхоҳона дошт.

– Не, не, давом диҳед, мо зид не, – гуфт филмноманавис ва оҳ кашид.

– Ҳамсари ман чун дигар занони деҳ дар бозор менишаст ва ба фурӯши сабзавоту меваҷот рӯзашро ба шом мерасонад. Ҳарчанд исрор мекард, то мисли дигар ҷавонону мардон ба мардикорӣ машғул шавам ё ба Россия ба муҳоҷират равам, ҷавоби рад мешуниду боз субҳи дигар роҳи бозорро пеш мегирифт. Мо, омӯзгорон, байни обу оташ монда, аз пайи таълими шогирдон будем...

Ҳамсарам аз бозорнишинӣ фоидае, ки мегирифт, 2 ё 3 нони бозорӣ буд ё 1-2 хлеб. Бо ин вазъ нек медонистам, ки аз қавли мардум, шиками бачаҳо бӯйи нон ҳам намегирад. Боре, пагоҳӣ нониҷшто кардан хостем, ки нон тамом шуд. Кӯдакон маъюсонаву ҳасратомез сӯям

менигаристанд. Бори аввал буд, ки пеши ҳазрати зиндагӣ оҷизу нотавон мондам. Писарамро, ки дар синфи 4 мехонд, ба хонаи ҳамсоя роҳӣ кардам, то порае нон ба қарз биёрад. Баъди чашм ба ҳам задан вай бо лабу лунҷи овезон, лабҳояш парсингбаста баргашт. Баргашт бо дасти холӣ.

Хестаму хонаи бародарам шитофтам. Аз қавле, аз он сӯ бод дар каф роҳро то хона мухтасар кардам. Чӣ чора, замин сахту осмон баланд. Бачагонам бо шиками гурусна ба чаҳор тараф чун гунҷишкакон парешон шуданд. Ҳолати вазнину тасаввурнопазире, ки чун ҳамеша дар хонаи ёдҳоям маҳфуз аст. Хотираи ғамангез, талх... Фарзандоне, ки дар синну сол калонтар буданд, ба тақдир тан доданд, аммо Рӯзбеҳи сесола якбораву нохоста домани гиряву нолаи ҷонхарошро сар дод. Нолаи ӯ чунон ҷонгудозона буд, ки ту гӯйӣ, дили осмонро мешикофт. Гурусна буду нон мехост. Аз аламу ноилоҷӣ сар боло карда, дуру дароз ба осмони каб-кабуду паҳновар нигаристам. «Эй Осмон, – хитоб кардам дар дил, аз чӣ бошад, умедам ба туст, дурусттараш, ба болост. Шояд ин ҳоли ман қудсиёну малоикро ба раҳму шафқат меорад? Шояд муъҷизае рух медиҳад? Шояд дуои мани дар чорсӯи зиндагӣ дар аърофмонда то ба Арши Аъло мерасад?» Аммо ҳеҷ муъҷизае рух намедоду осмон дар сукути сангини азалии худ ғарқ буд...

Садои гиряву афғони Рӯзбеҳ чун тир бар девори қалби зору хунчаконам мехалид. Чӣ тавр ӯро ором созам? Бархостаму ба анҷомхона даромада, халтаҳои дар мех овезонро гирифта, як-як чаппагардон кардам. Аз дохили халтаи кӯҳнаи рангбохтае чанд пора нони хушки обаш кайҳо паридаи мағорзадае баромад. Овардаму дар оби гарм хушкпораҳоро тар кардам. Муддате гузашт ва порае аз нони хушкро, ки ҳанӯз мулоим нашуда буд, бишкаста ба дастчаи Рӯзбеҳ додам. Рӯзбеҳ ҳарисона ва бо майли тамом пораи хурдеро ба даҳон бурда, ба хоидану макидан даромад. Ман ҳоло ба ёд оварда наметавонам, чӣ қадар вақт гузашт, ки садои чирроси ваҳмангези вай баланд гардид. Ончунон бошиддат мегиристу фиғон мекашид, ки маро ваҳшате фаро гирифт. «Боз чӣ воқеа шуд?» – гузарондам аз дил ва нимхоидаи нонро бо ангуштам аз даҳонаш берун кашидам. Нони нимхойида олудаи хун буд. Бале, бале, хун бо луоби даҳону нони сангакии ҳоло мулоимнашуда даҳшате ба дил ҷо мекард. Чун ба даҳони Рӯзбеҳ бо тааммуқ нигаристам, маълумам гардид, ки нон ба вораи дандону коми кӯдак халида, кому даҳонро хуншор кардааст. Чӣ вазъи таҳаммулнопазире! Рӯзбеҳ мегиристу хун аз лабҳояш мешорид. Инони ихтиёрро аз даст дода, гӯш ба тарокуми андуҳу ғам, ки аз мағзи дилу ҷонам бархоста, то гулӯям омода буд, додам. Об дар чашмонам ба пайдо омадаву дарунакӣ гиристам. Дар пиндорам ҳамин ҳоло мегуфтӣ, қалбам пора-пора шудаву аз ҳам мерехт. Осмони амиқу каб-кабуду фарох якбора аз вусъати нигоҳам дур шудаву офтоб ба доғи сафеде табдил ёфт. Замину осмон давр мезаду давр ва фазою муҳит тираву хира гардида буд...

Он рӯзро ҳеҷ гоҳ аз ёд нахоҳам баровард. Аз нолаю гиряҳои зори Рӯзбеҳ дили санги хоро об мешуд. Медонед, ман дар ин рухдод худро муқассиру гунаҳкор меҳисобидам. Охир, маро ҳам бояд дарк кард! Ба хотири маърифат омӯзондан ба насли наврас, бесавод ва банди ҷаҳли мураккаб ба воя нарасидани онон аз худу хонадону фарзандон гузаштам. Ва ҳаргиз худро таърифу ситоиш намекунам. Ин ҳама воқеияти талх аст, ҳақиқат аст.

Инак ба рӯзҳои неку саодатбор расидем.  Сулҳу ваҳдат барқарор гардид. Ҳама ҷо серию пурӣ, тинҷию амонӣ. Рӯзбеҳ ба камол расида, имсол мактабро хатм хоҳад кард.

Вале то ҳол ман он пораи хушки нон, кому вораи хунолуди писарамро фаромӯш намекунам, балки аз хотир бароварда наметавонам.

Муаллим ангуштонашро, ки аз канори миз сахт дошта, ба сарҳади дард расида буданд, раҳо накарда, лаҳзае хомӯш монд. Хомӯшие, ки садҳо розу рамз дошт, моҳияти муаммоомезе дошт, ки ба умқи он пай бурдан амали саҳлу осон набуд.

Фазои дафтари кори омӯзгоронро сукуту оромии гаронборонае ба тасарруф дароварда, ҳама банди андешаю хаёлҳои худ буданд.

– Эҳ, чӣ ҳикояти риққатовар, – ниҳоят лаб ба сухан кушод филмноманавис сукути ба миёномадаро шикаста. – Ростӣ, дилам дард кашид, ҷигарам сӯхт. Мо, чӣ ҷойи пинҳон кардан, аз раванди рухдодҳои зиндагӣ қафо мондаем, қафо. Меҳмонон дигар ҳарфе бар забон наоварда, аз ҷой бархестанд ва...

Ва даме ки ба мошини тамғаи хориҷии рангаш сиёҳ нишаста ба сӯйи шаҳр равон шуданӣ буданд, аз қафо садои тавъам ба оҳанги ҳайрату тааҷҷуби деҳдорро шуниданд:

– Масъалаи ба навор гирифтани бузкашӣ чӣ мешавад?

*Замимаи I*
*ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2025, №570*

# БАРНОМАИ МАҚСАДНОКИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИЛМҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030 (минбаъд — Барнома) 60 мақсади суръат бахшидан ба низоми самарабахши дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвият додани таъсири илм ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, наздик кардани илм ба эҳтиёҷоти мавҷуда, баланд бардоштани самаранокии тадқиқоти илмӣ ва амалисозии технологияҳои инноватсионӣ, ҳамгироии неруҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таҳия гардидааст.

2. Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самти рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаҳои илму маориф, инчунин ҷиҳати амалисозии технологияҳои инноватсионӣ, афзоиши истеҳсолот, ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти соҳаҳои илму маориф дастгирии давлат зарур аст.

3. Низоми самарабахши тайёр кардани кадрҳои илмии баландихтисос аз таъминоти молиявии он вобастагӣ дорад. Ҳиссаи хароҷот ба илм дар фоиз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки ба омода кардани мутахассисони илмӣ таъсир мерасонад. Амалисозии Барнома ба ташаккули неруи илмие, ки қобилияти самаранок ҳал намудани масъалаҳои рушди илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дошта бошад, мусоидат мекунад.

4. Дастгирӣ намудани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, таҳкими заминаи моддию техникии марказҳои илмӣ барои гузаронидани тадқиқоти таҷрибавӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ баҳри тарбияи кадрҳои илмӣ, баланд бардоштани маърифати илмии ҷамъият ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ зарур мебошанд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ ВА МУШКИЛОТ

5. Рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаҳои илму маориф дар ҷумҳурӣ пайваста аз ҷониби Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, дар ин самт санадҳои банақшагирии стратегӣ қабул шуда, комёбиҳои муайян ба даст оварда шудаанд. Олимони соҳаи илмҳои мазкур дар солҳои охир як зумра навъҳои ихтироъту навовариҳои манфиатбахшро пешниҳод намуданд, ки дар самтҳои гуногун татбиқ гардида истодаанд. Бо вуҷуди ин дастовардҳои илмии олимони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои рушди самаранокии ин соҳаҳо ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд.

6. Баъди амалӣ гаштани Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар институтҳои соҳавӣ, марказҳо ва озмоишгоҳҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рушду такомул пайдо кард. Таҷрибаи манфиатовари ҳамоҳангсозии таҳқиқот дар ин соҳа андухта шуда, самтҳои афзалиятдоштаи рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муайян гардида, неруи илмӣ ба ин самтҳо мутамарказонида шудааст.

7. Дар доираи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 дар пажуҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сохторҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиӣ гузаронида шуда, таҷрибаи судманди ҳамоҳангсозии тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳои мухталиф, самтҳои

афзалиятноки рушди илмҳои дақиқ ва табиӣ муайян ва неруи илмии онҳо мутамарказонида шуда бошанд ҳам, вале мушкилоту камбудӣ ва норасоиҳо дар пешравӣ ва сифати амалисозии бандҳои алоҳида ва махсусан дар самти илмҳои геология, минералогия, геофизика, петрология, ҷустуҷӯ ва кашфи конҳои канданиҳои фоиданок, сейсмология, геоэкология, ветеринарӣ, кимиё, астрономия ва зеҳни сунъӣ ба назар мерасанд, ки онҳо бо амалисозии Барнома бояд ҳалли худро ёбанд.

8. Пешрафти минбаъда ва тақвияти таъсири неруи илмӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар зарурати ислоҳи вазъи кунунии соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табииро ба миён оварда, қабули барномаи рушди ин илмҳоро дар оянда талаб мекунад.

9. Дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зиёда аз 10 институти илмию таҳқиқотӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ фаъолият менамоянд.

10. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии ҷумҳурӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар маҷмуъ 83 шурои диссертатсионӣ аз рӯйи 185 ихтисоси анъанавӣ ва 185 ихтисоси доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) фаъолият менамояд. Аз ин теъдод 15 шурои диссертатсионӣ оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд. Тибқи маълумоти омории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар шуроҳои мазкур, дар самти илмҳои табиию риёзӣ 116 нафар, аз ҷумла, 81 нафар рисолаи номзадӣ, 15 нафар рисолаи докторӣ ва 20 нафар рисолаи доктори фалсафа аз рӯйи ихтисос (PhD) дифоъ намуда, тасдиқи худро гирифтаанд.

11. Тибқи ҳисоботи оморӣ, дар соли таҳсили 2024-2025 шумораи умумии магистрантон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 240 нафар ва докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) 387 нафарро ташкил медиҳад, ки 36 дарсади онҳо дар бахши илмҳои дақиқ, техникию технологӣ ва инноватсионӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

12. Ҷиҳати ҳавасмандгардониҳо дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №621«Дар бораи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тасдиқ гардидааст. Теъдоди умумии Ҷоизаи давлатӣ 15 адад буда, маблағи ҳар яки он 20.000,00 сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 6 Ҷоиза ба олимони муассисаҳои таълимию илмӣ ва 9 Ҷоизаи дигар ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дода мешавад. Ҳамзамон, ҷиҳати ҳавасмандгардонии олимони ҷавон, ки дар вақти муқарраршуда рисолаҳои илмии худро дифоъ мекунанд, аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ маблағҳои ҳавасмандгардонӣ ба миқдори аз 10 то 30 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад.

13. Новобаста аз дастовардҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар солҳои охир, то ҳол мушкилоти муайяне дар соҳа ҷой дорад, аз ҷумла:

- нарасидани техника ва технологияи замонавӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи зарурӣ нарасидани воситаҳои молиявӣ ҷиҳати рушди соҳа;
- ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани фаъолияти озмоишгоҳҳо;
- ба талаботи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқат накардани дастовардҳои соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- норасоии кадрҳои баландихтисос дар илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи зарурӣ завқманд набудани аҳолӣ ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ набудани ҳавасмандгардонии моллию маънавӣ барои мутахассисони соҳа;
- набудани алоқаи зич байни назария ва истеҳсолот дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ.

## 3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

14. Мақсади асосии Барнома ин таҳкими иқтидори илмӣ ва инноватсионии кишвар буда, он ба рушди тадқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, таъмини заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин, баланд бардоштани нақши илм дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа равона шудааст. Амалишавии Барнома имкон медиҳад, ки дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ба сатҳи байналмилалӣ бароварда шуда, ҳамкориҳои илмӣ бо кишварҳои пешрафта густариш ёбанд ва натиҷаҳои тадқиқотҳо дар

истеҳсолот васеъ татбиқ гарданд. Ин ба ташаккули тафаккури техникӣ, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт ва таъмини амнияти миллии кишвар мусоидат хоҳад кард.

15. Барномаи рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ амалишавии вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- дастгирӣ ва рушди тадқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- омӯзиш ва тарбияи донишҷӯёни боистеъдод;
- таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии лабораторияҳо, марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизот ва технологияҳои пешрафта;
- тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, докторантон ва унвонҷӯён дар соҳаҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ тавассути таҳкими низоми таҳсилоти олӣ;
- гузаронидани тадқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати тадқиқотҳои илмӣ, ки бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ба ҳалли мушкилоти мубрами илмӣ ва амалӣ равона шудаанд;
- таҳкими ҳамкорӣ байни муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва корхонаҳои саноатӣ барои амалисозии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ дар амалия;
- ҳавасманд намудани иштирок дар лоиҳаҳои илмии муштарак, барномаҳои мубодилаи дониш ва таҷриба бо муассисаҳои илмии хориҷӣ;
- баланд бардоштани эътибори илм, ташаккули тафаккури илмӣ ва ҷалби бештари ҷавонон ба фаъолияти илмию тадқиқотӣ тавассути чорабиниҳои илмию маърифатӣ;
- таъсиси пойгоҳи илмии маълумот, дастрасӣ ба маҷаллаҳои илмии электронӣ ва захираҳои иттилоотии байналмилалӣ;
- фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои фаъолияти илмии олимони ҷавон, аз ҷумла, грантҳо, стипендияҳо ва имкониятҳои таҷрибаомӯзии онҳо дар хориҷи кишвар;
- таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва бартарафсозии камбудиҳо вобаста ба рушди илмҳои геология, минералогия, геофизика, петрология, палеонтология-стратиграфия. геоэкология, вулканология, кимиё, физика, астрономия ва ҷустуҷӯ ва инкишофи конҳои канданиҳои фоиданок,

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

16. Ҳамгироии неруи илмӣ дар амалигардонии Барнома имкон медиҳад, ки мактабҳои мавҷудаи илмиро дар ҷаҳон муаррифӣ намуда, аз рӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ҷиҳати ташкили шароити мусоид барои ташаккули мактабҳои илмӣ аз рӯйи самтҳои навтарини таҳқиқот дар соҳаи номбурда шароит фароҳам оварад. Ҳамзамон, рушди заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, мустаҳкамкунии заминаи моддию техникии пажуҳишгоҳ ва озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти навтарини илмӣ, асбоб, технологияи навин, реактивҳо ва маводди дигари зарурӣ, ҳамгироии пажуҳишгоҳҳои академӣ ва кафедраҳо, озмоишгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкили инфрасохтор дар заминаи истифодаи технологияи навтарини иттилоотӣ, коммуникатсия ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ равона мегардад.

17. Самтҳои афзалиятноки Барнома аз инҳо иборатанд:

- такмили заминаи моддию техникии таҳқиқоти илмӣ ва раванди таълим дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ҷалби бештари ҷавонон ба омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;
- дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, ки он ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии илм, механизмҳои маблағузорӣ, ташкил кардани таҳқиқот нигаронида шудаанд;
- ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- таҷдиди назар намудани нақшаву барномаҳои таълимии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- баррасии масъалаҳои фанҳои бунёдӣ ва амалии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ба амнияти ядроӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, истифодаи энергияи кайҳонӣ ва атомӣ бо мақсадҳои осоишта, инноватсия, нанотехнология, технологияҳои коркарди маводди нави функсионалӣ ва иқтисоди рақамӣ, мошинсозӣ, моделсозии математикӣ, забони барномасозӣ, зеҳни сунъӣ, роботсозӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин;

- дар сатҳи муосир ба роҳ мондани иттилоотонии равандҳои таълим ва идоракунӣ, амалисозии низоми гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, онлайнҷаласаҳо ва таҳсилоти фосилавӣ;

- кашф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла, захираҳои обӣ, масъалаҳои энергетика, сарфаи энергия ва захираҳои манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, коркарди канданиҳои фоиданок, мавод ва технологияи нав;

- омӯзиши гуногунии биологӣ, биотехнология, тағйирёбии иқлим, пиряхшиносӣ, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла, зилзила.

## 5. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТИ БАРНОМА

18. Амалисозии Барнома ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтидори илмӣ, инноватсионӣ ва кадрии кишвар зоҳир мегардад. Татбиқи ҳадафҳои Барнома ба афзоиши назарраси тадқиқотҳои илмӣ, ҷалби ҷавонон ба соҳаи илм, муҷаҳҳазгардонии лабораторияҳо бо таҷҳизоти муосир ва таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои чашмдошти Барнома ба ташаккули тафаккури техникӣ, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст, ки дар маҷмуъ ба пешрафти устувори кишвар равона гардидааст. Хусусияти дигари муҳимми амалисозии чорабиниҳои Барнома ҳамгиро гардидани он бо Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистоп дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 мебошад, ки имкониятҳои рушди устувор ва ҳамаҷонибаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва таъсири рӯзафзуни зиёди онҳоро ба пешрафти илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ менамояд.

19. Дар заминаи ҳамгироии неруҳои илмӣ ва воситаҳои моддию техникӣ аз рӯйи самтҳои афзалиятдори тадқиқот, ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, тадқиқоти муштарак ва тарбияи кадрҳои илмӣ анҷом ёфта, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ бо асбобу таҷҳизоти зарурӣ таъмин ва инфрасохтори муосири иттилоотӣ ташаккул мегардад, самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ боло рафта, такмил ва вусъат додани низоми дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, махсусан, илмҳои геология, минералогия, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок, вулканология, петрология, палеонтология-стратисрафия, геофизика, сейсмология, геоэкология, кимиё, биология, физика ва астрономия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

20. Дар натиҷаи амалисозии Барнома пешбинӣ мешавад:

- моделсозии риёзӣ (сохтани модел ва баҳодиҳии натиҷаҳо) ва амалигардонии риёзиёт, аз ҷумла, тавассути технологияҳои иттилоотӣ;

- ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои нав, ташаккули тасаввуроти дохилӣ, модели объектҳои риёзӣ ва бартараф кардани монеаҳои рушди зеҳнӣ;

- афзалият ба омӯзиши унсурҳои риёзиёти амалӣ, информатика, «риёзиёти компютерӣ» (аз ҷумла, вобаста ба тавсиф ва таҳқиқи раванди тафаккур, муошират ва фаъолияти инсон);

- равона кардани фаъолияти омӯзишӣ ба муҳити иттилоотӣ (рақами электронӣ, ки ба иштирокчиёни раванди таҳсилот, дастрасии махзанҳои иттилоотӣ, инъикос ва натиҷаи раванди таҳсил, тамил ва назорати берунаро таъмин менамояд);

- равон намудани афзалияти таҳсилот зимни омӯзиши илмҳои табиӣ ба ташаккули истеъдод;

- муҷаҳҳазгардонии лабораторияҳои илмӣ бо таҷҳизоти муосири илмӣ ва технологӣ, захираҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарорӣ барои истифодаи дастаҷамъона бо мақсади таъмини сифати баланди корҳои таҷрибавӣ;

- муҷаҳҳаз гардонидани лабораторияҳои геология, минералогия, геофизика, физика, кимиё, биология бо таҷҳизоти замонавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ;

- такмили низоми омодакунии кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ;

- таъмини таҳқиқоти сатҳи ҷаҳонӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, технологияҳои пешрафта тавассути дастгирии лоиҳаҳои илмӣ;

- фароҳам овардани шароит барои афзоиши неруи зеҳнии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ; .

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар кафедраву шуъбаҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ, мутамарказонии неруҳои илмӣ ва воситаҳои модӣ-техникӣ дар ин муассисаҳо;

- ворид намудани тағйиру ислоҳот дар сохтори муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муносибгардонии онҳо бо талаботи муосир;

- рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар заминаи истифодаи технологияи пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ;

- такмили заминаи моддию техникӣ барои нашри асарҳои илмӣ, маҷалла, адабиёти дарсӣ, иттилоотию маълумотӣ оид ба фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- васеъ намудани ҳамкориҳои илмии байналмилаливу технологӣ ва баланд бардоштани самаранокии он;

- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ки аз буҷети давлатӣ барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ҷудо мешаванд;

- ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд барои рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- таъмини илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо асбобу воситаҳои муосири ченкунанда;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани таҳқиқот дар бахшҳои навтарини илм;

- рушди заминаи моддию техникии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- тайёр намудани мутахассисони касбӣ тавассути донишкадаҳои такмили ихтисос дар хориҷи кишвар;

- иштироки фаъолонаи омӯзгорон, муҳаққиқон ва кормандон дар таҳия ва қабули грантҳои байналмилалӣ;

- ташкили замина барои таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафта дар истеҳсолот.

## 6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМА

21. Мониторинг ва арзёбии Барнома аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

22. Мониторинг ва арзёбии Барнома дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

23. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барнома метавонад намояндагони Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва коршиносонро ҷалб намояд.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

24. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷетии ҳамасола барои соҳаҳои маориф ва илм пешбинишаванда, вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, пажуҳишгоҳ, озмоишгоҳ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доранд, инчунин аз ҳисоби маблағҳои ташкилоту фондҳои байналмилаливу хориҷӣ, сарпарастони алоҳида ва манбаъҳои дигар тибқи замима амалӣ карда мешавад.

25. Барои маблағгузории Барнома, инчунин, манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои сармоягузорӣ, маблағҳое, ки фонд ва созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ барои иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ ҷудо менамоянд, истифода мешаванд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

26. Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Саридораи геология, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таъмини иҷрои самараноки Барнома масъулият доранд.

# МУАММОИ «ВАҲДАТ»




1. Соли ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. 2. Қаҳрамони Тоҷикистон. 3. Китоб. 4. Ҳуҷҷати расмии истиқрори сулҳ, ки соли 1997 дар Москва ба имзо расид. 5. Бонки мардумӣ. 6. Ноҳия дар вилояти Суғд. 7. Номи волидайн. 8. Шоираи ваҳдатсарои муосири тоҷик. 9. Номи муштараки халқҳои тоҷику форс. 10. Ноҳия дар вилояти Хатлон. 11. Нахустин романи устод С. Айнӣ. 12. Абзор барои дарздузӣ. 13. Ағба дар кишвар. 14. Дарвозаи тиллоии Тоҷикистон. 15. Яке аз рамзҳои муқаддаси Тоҷикистон. 16. Ҷашни байналмилалӣ ва миллӣ. 17. Медал, номи мукофоти далатӣ 18. Истифодаи эҳтиром нисбат ба касе. 19. Шаҳр, пойтахти давлати Сомониён. 20. Хуршед. 21. Хунуктарин мавзеъ дар Тоҷикистон. 22. Санги гаронбаҳо. 23. Шаҳр дар Тоҷикистон. 24. Машқҳои мавзуни бонувон. 25. Фасли ахтаршиносӣ. 26. Қаҳрамони ЧБВ аз Тоҷикистон. 27. Рақси дукаса. 28. Давлат дар Аврупо.

***Тартибдиҳанда***
***Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ,***
***Аълочии матбуоти Тоҷикистон***